**ISBN 978-99947-738-0-0**
**ББК 001 (575.3)**
**О-71**

# Осори Академия (маҷаллаи илмӣ)*

**№ 2 (26). 2015**

**Муассис** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Маҷаллаи илмӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатнома оид ба қайд гирифтан тахти № 0117 мҷ аз 17 январи соли 2014.
Маҷаллаи илмӣ соли 1998 таъсис ёфтааст.
Маҷалла ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

**САРМУҲАРРИР:**

**ШАРИФЗОДА Ф.Р.** – сардори Академияи ВКД, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**СОЛИЕВ К.Ҳ.** – муовини сардори Академияи ВКД оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, полковники милитсия

**УЗВИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**РАҲИМЗОДА Р.Ҳ.** – номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон; **ТОХИРОВ Ф.Т.** – Арбоби шоистаи илму техникаи Тоҷикистон, академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **МАХКАМЗОДА М.А.** – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон; **СОТИВОЛДИЕВ Р.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **МАҶИДЗОДА Ҷ.З.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ЯТИМОВ С.С.** – доктори илмҳои сиёсатшиносӣ; **МУСАЕВ А.Н.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ШАМОЛОВ А.А.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор; **САЛНИКОВ В.П.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ГАВРИЛОВ Б.Я.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ЛАВРОВ В.П.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **МИХАЙЛОВ В.А.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **БУРИЕВ И.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ОМЕЛИН В.Н.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **АЗИМОВ Р.А.** – доктори илмҳои техникӣ, профессор; **ХАБИБУЛЛИН А.Г.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **НАЗАРОВ Н.Д.** – доктори илмҳои ҳуқуқ; **ШАРИПОВ Т.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **АЛИМОВ С.Ю.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ИБРОГИМОВ С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ОДИНАЕВ Х.А.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор; **РАХИМОВ М.З.** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ФЕДОРОВ А.В.** – номзади илмҳои ҳуқуқ, профессор; **АТМАЖИТОВ В.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқ, профессор; **ЮЛДОШЕВ Р.Р.** – номзади илмҳои ҳуқуқ.

**ДАР ОМОДА НАМУДАНИ НАШРИЯ ИШТИРОК ДОШТАНД:**

**ХОКИРОЕВ Р.Г.**
Номзади илмҳои филология, дотсент;

**КАРИМОВА Л.М.**
Сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии Академияи ВКД, подполковники милитсия;

**БУРИЕВ Ф.А.**
Ходими калони илмии Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД ҶТ, лейтенанти калони милитсия;

**МАҚСУДОВ Р.М.**
Омӯзгори калони кафедраи забонҳои Академияи ВКД, подполковники милитсия (забони русӣ);

**ҚОДИРОВ Т.**
Омӯзгори кафедраи забонҳои Академияи ВКД, лейтенанти милитсия (забони англисӣ).

**©Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015.**
**ISBN 978-99947-738-0-0**

**Ақидаи ҳайати таҳририя метавонад ба нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ наояд. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумотҳои саҳеҳ муаллифонашон масъул мебошанд. Истинод ба сарчашма, муаллиф ва шумора ҳатмист.*

ISBN 978-99947-738-0-0
ББК 001 (575.3)
О-71

**Труды Академии (научный журнал)***
**№ 2 (26). 2015**
**Учредитель** – Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан.
Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство о регистрации № 0117 мҷ от 17 января 2014 года.
Журнал основан в 1998 году.
Журнал выходит на таджикском, русском и английском языках.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**ШАРИФЗОДА Ф.Р.** – начальник Академии МВД, кандидат юридических наук, подполковник милиции

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**СОЛИЕВ К.Х.** – заместитель начальника Академии МВД по науке, кандидат юридических наук, Заслуженный юрист Таджикистана, полковник милиции

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

**РАХИМЗОДА Р.Х.** – кандидат юридических наук, Заслуженный юрист Таджикистана; **ТОХИРОВ Ф.Т.** – Заслуженный деятель науки и техники РТ, академик АН РТ, доктор юридических наук, профессор; **МАХКАМЗОДА М.А.** – академик АН РТ, доктор юридических наук, профессор; **СОТИВОЛДИЕВ Р.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **МАДЖИДЗОДА ДЖ.З.** – доктор юридических наук, профессор; **ЯТИМОВ С.С.** – доктор политических наук; **МУСАЕВ А.Н.** – доктор юридических наук, профессор; **ШАМОЛОВ А.А.** – доктор экономических наук, профессор; **САЛЬНИКОВ В.П.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **ГАВРИЛОВ Б.Я.** – Заслуженный юрист Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **ЛАВРОВ В.П.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **МИХАЙЛОВ В.А.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **БУРИЕВ И.Б.** – доктор юридических наук, профессор; **ОМЕЛИН В.Н.** – доктор юридических наук, профессор; **АЗИМОВ Р.А.** – доктор технических наук, профессор; **ХАБИБУЛЛИН А.Г.** – доктор юридических наук, профессор; **НАЗАРОВ Н.Д.**– доктор юридических наук; **ШАРИПОВ Т.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **АЛИМОВ С.Ю.** – доктор юридических наук, профессор; **ИБРОГИМОВ С.И.** – доктор юридических наук, профессор; **ОДИНАЕВ Х.А.** – доктор экономических наук, профессор; **РАХИМОВ М.З.** – доктор юридических наук, профессор; **ФЕДОРОВ А.В.** – кандидат юридических наук, профессор; **АТМАЖИТОВ В.М.** – кандидат юридических наук, профессор; **ЮЛДОШЕВ Р.Р.** – кандидат юридических наук.

**НАД НОМЕРОМ РАБОТАЛИ:**

**ХОКИРОЕВ Р.Г.**
Кандидат филологических наук, доцент;

**КАРИМОВА Л.М.**
Главный инспектор по международным связям Академии МВД, подполковник милиции;

**БУРИЕВ Ф.А.**
Старший научный сотрудник ОН и РИО Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции;

**МАКСУДОВ Р.М.**
Старший преподаватель кафедры языков Академии МВД, подполковник милиции (русский язык);

**КОДИРОВ Т.**
Преподаватель кафедры языков Академии МВД, лейтенант милиции (английский язык).

**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2015.**
**ISBN 978-99947-738-0-0**

*Мнение редакционной коллегии может не совпадать с точкой зрения авторов публикаций. Ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов несут авторы. При полной или частичной перепечатке или воспроизведении любым способом ссылка на источник обязательна.*

# МУНДАРИЧА
# СОДЕРЖАНИЕ

## СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВЫСТУПЛЕНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори таҷлили 70-умин солгарди Ғалаба бар фашизм**……………………………………………5-7

## МАСОИЛИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ
## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

**Қосимов Ф.М.** Пешбарандаи равияи Шумилов………………………………………12-15

## МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «БЕХАТАРИИ ИНСОН ВА ҶОМЕА: ТАЛАБОТ ВА ТАҲДИДҲОИ МУОСИР» (27 марти соли 2015с.)

**Шоев А.Т.** Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти ҷамъиятӣ...........16-23
**Сафаров Ҳ.С.** Масоили мубрам оид ба ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқовимат бо экстремизми динӣ…………………………………………24-31
**Камалитдинов С., Алиев О.** Ҷиҳод қатли инсони мусулмон нест…………………...32-34
**Абдухамитов В. А.** К вопросу о совершенствовании антиэкстремистского законодательства в Республике Таджикистан……………………………………….....35-37
**Рустамова Ф. Н.** История становления и развития ответственности за посредничество во взяточничестве …………………………………………………….38-40
**Асламов Б., Қосимов Ф.М.** Экстремизми стратегӣ: шакл, мазмун, омилҳо ва усулҳои пешгирии он…………………………………………………………41-45
**Буриев Ф.А.** Хатари умумиҷаҳонии экстремизм ва терроризми байналмиллалӣ..........................................................................................................46-50
**Юсуфзода А.Ҳ., Ашӯрова Ш.С.** Таъмини амният ва масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд...................................................................51-54

## МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «АМАЛИШАВИИ ДУНЯВИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАҚВИЯТ ДОДАНИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» (30 апрели соли 2015)

**Шарифзода Ф.Р.** Сухани ифтитоҳӣ……………………………………………………...55-57
**Абдурашидов А.А.** Светскость и права человека в Республике Таджикистан………….
**Буриев И.Б.** Масоили кунунии дунявият ва мубориза бо ифротгароӣ……………..58-59
**Виркан М.** Дунявият ва озодиҳои динӣ дар Тоҷикистон……………………………60-62
**Тошев А.М.** Мустаҳкам намудани принсипи дунявият ҳамчун асос барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………63-66
**Абдуллозода Ш.** Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявӣ дар Тоҷикистон……………………………………………………..67-75
**Холиқзода А. Ғ., Маҷидзода Ҷ.З., Насурдинов Э.С., Искандаров З.Ҳ.** Чанд бемории раванди таърихомӯзӣ дар илми муосир………………………………76-86

# МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВА МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АМАЛИЯИ ТАТБИҚИ ОНҲО» (25 июни 2015 с.)

**Шарифзода Ф.Р.** Сухани ифтитоҳӣ……………………………………………………………55-57
**Шарипов Т.Ш.** Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»: проблема ва мулоҳиза............87-91
**Арипов А.Л.** Аҳамияти далелнокии нишондодҳои икрории айбдоршаванда……..92-93
**Бобоҷонов Н.М.** Тартиби мурофиавӣ ва хусусиятҳои пурсиши ноболиғон дар тафтишоти пешакӣ…………………………………………………......94-99
**Юлдошев Р.Р.** Совершенствование уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан.........................................................

# ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ИЛМҲОИ ТАБИӢ
# ОБЩЕСТВЕННЫЕ ДИСЦИПЛИНЫ И ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ

**Абдуллоев А.Х.** Ценовой регулирование рынков мяса и молока………………...100-101
**Неъмонов Б.З.** Ба гирдоби ҷазодиҳиҳои сиёсӣ маҳкум гардидани раиси Шӯрои нозирони халқии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев (солҳои 30-юми асри XX)……………………………………………………………102-105
**Расулов С.Х., Рузиев С.З.** Аз таърихи истифодаи донишҳои психологӣ дар мақомоти қудратӣ……………………………………………………………106-112
**Сафарова С.Д.** Ақидаҳои ватандустӣ ва панду ахлоқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.........................................................................113-118
**Шарифов Б.** Бозтоби истилоҳоти илми нуҷум дар шеъри Хоқонӣ……………….119-127

# МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН
# ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ

**Одиназода А.Ш.** Отзыв на диссертацию Тагойбекова Хукмиддина Сафарбеговича…………………………………………………………………………128-132
**Хокироев Р.Г.** Отзыв на диссертацию Гурезова Джамшеда Нурмахмадовича……………………………………………133-136
**Юлдошев Р.Р.** Отзыв на автореферат диссертации Алиевой Парвиной Хабибхоновной…………………………………………………………………137-138

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН
## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ

**Ғафуров Д.А., Шарифзода П.Р.** Сабабҳои вайронкунии қонуният дар фаъолияти кормандони БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................139-142
**Ғафуров Д.А., Мирзомадов Ф.Х.** Баъзе аз хусусиятҳои фаъолияти юрисдиксионӣ-маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ...........................................143-146
**Тошев Х.А.** Наложение ареста на имущество как способ возмещения причиненного гражданам материального ущерба…………………………………147-155

# ПАЁМИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ ТАҶЛИЛИ 70-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ
## (ш. Душанбе, 08 майи соли 2015)



**Мухтарам собиқадорони ҷангу меҳнат!**
**Меҳмонони гиромӣ!**
**Ҳамватанони азиз!**

Рӯзи 9-уми май ба пирӯзии бузург бар фашизм 70 сол пур мешавад. Ҷанги дуюми ҷаҳон дар таърихи инсоният аз ҷумлаи фоҷиабортарин ҷангҳо ба ҳисоб рафта, оқибатҳои даҳшатбори он то ҳанӯз дар ҷисму қалбҳои одамон ва хонадони мардумони гуногуни олам, аз ҷумла халқи тоҷик эҳсос карда мешавад.

Дар он солҳои мудҳиш баробари ба сари қудрат омадани низоми фашистӣ аксари давлатҳо ва халқҳои ҷаҳонро хатари маҳрумият аз озодиву истиқлолият таҳдид мекард.

Вале дар натиҷаи мубориза қотеонаи халқҳо оташи ҷанги даҳшатнок хомӯш ва озодии мардумони сайёра таъмин карда шуд.

Ин аст, ки ҳар сол мардуми сулҳдӯсти сайёра даҳшати ин ҷанги хонумонсӯзро ёдоварӣ намуда, 9-уми майро ҳамчун санаи таҷлили корномаи мардони далеру шуҷоъ ба муқобили фашизми гитлерӣ ҷашн мегиранд.

Дар ин лаҳзаҳо, ки ҳамаи шумо дар остонаи 70-уми солгарди ин санаи таърихӣ қарор дорем, ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат ва тамоми мардуми сулҳхоҳу ваҳдатсози кишвари маҳбубамонро, ки дар набардҳои шадиди ин ҷанг мардонавор истодагарӣ карда, барои таъмин намудани пирӯзӣ бар фашизм саҳми арзишманд гузоштаанд, самимона табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони тоҷик фазои орому осуда, хонаи обод ва тандурустиву хушбахтӣ орзумандам.

Дарвоқеъ, ноил шудан ба ғалабаи бузург натиҷаи муборизаи дастаҷамъонаи халқҳо ва намунаи набарди озодихоҳонаи халқу миллатҳои гуногун барои ҳимояи Ватан мебошад.

Ин санаи фархунда то имрӯз бештар бо номи Ҷашни зафар машҳур гардида, бо гузашти солҳо ва хусусан, вобаста ба густариши ноороmиву бесуботӣ дар минтақаҳои гуногуни сайёра, аҳаммияту арзиши он дар байни мардуми олам афзуда истодааст.

Ин санаи пурарзиши таърихӣ натанҳо барои собиқадорони ҷанг ва калонсолон, балки барои наслҳои имрӯза низ гиромиву муқаддас ҳисобида мешавад, чунки он рамзи ватандӯстиву фидокорӣ ва шуҷоату мардонагии падарону бобоёни мо барои ҳифзи марзу буми Ватан ва аз асорату бадбахтӣ эмин нигоҳ доштани халқу миллатҳои собиқ шӯравӣ мебошад.

Мо имрӯз ва минбаъд низ бо ифтихор хотирнишон мекунем, ки барои таъмини ғалабаи таърихӣ дар баробари ҳамаи халқҳое, ки бар зидди истибдоди фашистӣ мубориза бурдаанд, ҷавонмардони бонангу номуси Тоҷикистон низ саҳми сазовор гузоштаанд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ҷанг Тоҷикистон ҳамаи захираву имкониятҳо ва фарзандони далеру шуҷои худро ба майдони набард сафарбар намуд.

Беш аз 300 ҳазор нафар фиристодагони Тоҷикистон дар набардҳои шадиди ҷанг шуҷоату мардонагӣ нишон дода, 92 ҳазор нафари онҳо ба хотири адо кардани қарзи фарзандии хеш дар майдонҳои ҷанг ҳалок шуданд, ки номи неку корномаи онҳо дар саҳифаҳои таърихи халқамон абадан сабт гардидааст.

Вобаста ба ин, таъкид бояд кард, ки дар кишвари мо кам хонадонеро пайдо кардан мумкин аст, ки доғи ин ҷанги хонумонсӯзу даҳшатнокро дар пайкари худ эҳсос накарда бошад.

Ҳукумати мамлакат ва хурду бузурги кишвар ҳамасола зимни таҷлили ин санаи таърихӣ аз афсарону сарбозони дар майдонҳои набард ҳалокшуда ёдоварӣ намуда, номи неки фарзандони шарафманди худро ба хотир меоранд ва гиромӣ медоранд.

Албатта, пос доштани хотираи фарзандони шуҷои Ватан, ки барои зиндагии осудаи наслҳои имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ҷонбозиҳо намудаанд ва собиқадорони меҳнат, ки дар ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат кашидаанд, вазифаи муқаддас ва қарзи имониву виҷдонии ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Ҳукумати мамлакат дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар баробари нигоҳубину парастории собиқадорони ҷангу меҳнат, инчунин ба онҳо ба таври доимӣ расонидани кӯмакҳои молиявӣ ва дигар ғамхориҳои иҷтимоиро вазифаи асосии худ ҳисобида, дар ин самт ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ менамояд.

Мо ҳамеша таъкид месозем, ки шуҷоату диловарии фарзандони баору номуси мо дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон намунаи ибрати ватандӯстӣ ва сабақи беҳтарини мардонагиву ватандорӣ барои наслҳои имрӯзу оянда мебошад.

Омӯзиши таҷрибаи зиндагӣ, маслиҳату машварат, кору пайкор ва зиндагиву фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат ба наслҳои имрӯзу фардои халқи тоҷик дар роҳи рушди давлати соҳибистиқлол ва ҳимояи марзу буми он дастури зиндаи амал ба шумор меравад.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба бар фашизм ба ҷаҳониён бори дигар собит менамояд, ки дӯстиву ҳамкорӣ ва таҳкими равобити неку созандаи халқу давлатҳо омили асосии сулҳу субот ва бунёди рӯзгори орому осуда буда, танҳо бо саъю талоши якҷоя бар зидди нерӯҳои бадхоҳ истодагарӣ кардан мумкин аст.

Бахусус дар шароити ноором ва бисёр мураккаби имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ рӯз то рӯз вусъат пайдо карда истодаанд, тарғибу ташвиқи сулҳу дӯстӣ ва корнамоиҳои фарзандони далеру шуҷои Ватан барои мубориза бар зидди хатарҳои муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ ва миллатгароиву нажодпарастӣ бо мақсади тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии наслҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон чун сипари боэътимоди мамлакат бо истифода аз сабақу корнамоиҳои падару бобоёни хеш дар муҳорибаҳои шадиди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон барои ҳимояи марзу буми кишвар, ҳифзи дастовардҳои замони истиқлолияти давлатӣ ва таъмини зиндагии орому осудаи сокинон ҳамеша омодаанд.

Ҳамзамон бо ин, давлату Ҳукумати кишвар собиқадорони ҷангу меҳнат, пирони рӯзгордида, ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату бесаробонро минбаъд низ тахти ғамхорӣ қарор медиҳад.

Бо вуҷуди ин, бори дигар таъкид месозам, ки нигоҳубин ва таъмини шароити мусоиди зиндагӣ барои онҳо вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар, ҳамаи фаъолон, инчунин соҳибкорону шахсони ҳимматбаланд мебошад.

**Ҳамватанони азиз!**

9 май рӯзи шодиву нишот ва санаи ёдбуди онҳоест, ки барои озодии халқҳо ҷони худро нисор кардаанд.

Мо имрӯз чун солҳои пешин дар назди хотираи тамоми қурбониёни ин ҷанги хонумонсӯз сари таъзим фуруд меорем.

Ҷашн гирифтани Рӯзи ғалаба ва эҳтиром гузоштан ба фарзандони содиқи халқи тоҷик вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ва наслҳои оянда буда, омили муҳимтарини тарбияи насли ҷавони мамлакат дар рӯҳияи ватандӯстиву ватандорӣ, шуҷоату мардонагӣ ва ҷасорату далерӣ мебошад.

Бори дигар тамоми собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ифтихори 70 – умин солгарди Рӯзи ғалаба табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу хушбахтӣ, рӯзгори обод ва барои Тоҷикистони азизамон ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва сулҳу суботи ҳамешагӣ орзу менамоям.

Ҷашни зафар муборак бошад, ҳамватанони азиз!

# МАСОИЛИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ
## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

## ПЕШБАРАНДАИ РАВИЯИ ШУМИЛОВ



**Қосимов Ф.М.***

Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ ба мисли таърихи давлат қадима буда, яке аз муҳимтарин масъалаи зимомдорони замон барои давлатдори маҳсуб мегардид. Ҳар як давраи пешгузаштаи ҷамъияти башарӣ бо афкор, назария, фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ (минбаъд ФОҶ) ва чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ (минбаъд ЧОҶ) дар пояҳои гуногуни давлатдорӣ қарор мегирад. Таҳлил ва омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯиро шохаҳои илмии таърих ва ҳуқуқ ба душ гирифтааст. Сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва ҳуқуқии гузаштаи тоҷик сар то ба по пур аз масоили истифодаи чораҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ мебошад, вале таҳқиқи илми ва ошкоршавии ин фаъолият, яъне аз махфият берун омадани он асосан дар охирҳои солҳои 90-уми асри XX оғоз гардидааст.

Замоне, ки муаррихон ва шоирону нависандагони тоҷик дар асарҳои худ ҷузъиёти ин фаъолиятро қайд ва таҷассум мекарданд, андешаи мардум дар атрофи он ҳамчун як амали дур аз ахлоқ, бахусус дар давлатҳое, ки дини ислом ҳукумфармо буд, тобиши манфӣ дошт, вале ба ин нигоҳ накарда тарз, усул ва намудҳои чораҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ бо мурури замон дигаргун ва ташаккул меёфтанд.

Асосан ФОҶ ва чораҳои он як қисми асосӣ ва муҳими илми ҳуқуқӣ ҷомеа мебошад, ки бешубҳа пешрафт, авзо ва сиёсати давлатдорӣ аз равиши он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ гузаштагони мо дар майдони бузурги таърих, адабиёт ва назарияи ҳуқуқ ва давлат аз замони гузашта то имрӯз ҳиссагузоранд.

Айни замон ба таҳқиқи ин самти мустақили ҳуқуқ фанни ФОҶ машғул аст. Оид ба аҳамият ва манфиати он дар кушодани ҷиноятҳо бисёр наистода, ҳамин нуктаро қайд намудан кофист, ки ба як илми мустақил ва комил табдил шудани самти ФОҶ маҳз бо шарофати корҳои илмӣ ва амалии олимони нуктасанҷи тоҷик Раҳимзода Р.Ҳ., (Раҳимов Р.Ҳ.), Маҷидзода Ҷ.З., (Зоиров Ҷ.М.), Буриев И.Б., Солиев К.Ҳ., Сафаров Б.А., Раҷабов С.А., Назаров Н., Розиқзода А.Ш., Шарифзода Ф.Р. [1] ва дигарон ҳосил гаштааст.

---

*Қосимов Ф.М. – с.ардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи ҳуқуқии ҳама соҳаҳои дар мамлакат мавҷудбуда санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд ва алҳол дар ҷумҳурӣ соҳаеро пайдо намудан мушкил аст, ки оид ба вазъи ҳуқуқии он санаде қабул нашуда бошад. Соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ [1] », ки ба танзимдарорандаи фаъолияти мазкур аст, қабул гардида, чуноне дар боло зикр гардид, ин самт аз пардаи махфият берун оварда шуд. Оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ олимон ва донишмандони ҳуқуқшиноси риштаи ин самти тоҷик, кушиш ба харҷ доданд, ки заминаҳои ҳуқуқии ФОҶ-ро аз замони қадим то рӯзгори мо мавриди таҳқиқ қарор дода, роҷеъ ба таърих ва пайдоиши ФОҶ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ изҳори назар намоянд.

Мо низ дар навбати хеш дар пайравии онҳо чанд мақола, аз ҷумла «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пажуҳиш мехоҳад», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар давраи давлатдории Сомониён», «Омӯзиши таърихи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун илм», «Замони оғози нави фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯии тоҷик» кӯшиши ба ҳам пайвастани таърихи пайдоиш ва натиҷаи аз ин назарҳо ҳосилшударо ба ҳам овардем.

Ҳар як олими тоҷик тарз ва услуби навишти худро доранд ва аз диди умумиятҳо дар маҷмӯи ҳуқуқи ФОҶ ва ЧОҶ бояд фаҳмо ва бо лафзи зебои тоҷикӣ навишта гардад, ки ба як маъно бимонанд ва дар ҳар давру замон бо заминаҳои илмии худ шинохта ва эътироф гарданд. Аммо ташкили қувва, восита ва усулҳои бештар самарабахши ФОҶ аз замони қадим то ба имрӯз, чандин паҳлу дошта, бо гузашти солҳо такмил, пурра ва дигаргун мешавад ва дар масири инкишофи илми ҳуқуқшиносии имрӯза, мавқеи наву тозаеро касб намуда истодааст.

Тарзҳои гузаронидани ЧОҶ-ии қадима дар муқоиса ба ЧОҶ илмӣ ҳуқуқӣ имрӯза фарсангҳо аз ҳам тафовут доранд ва ин раванд ба андешаи мо бояд аз мавқеи пешрафтаи илмӣ ҳуқуқӣ замони имрӯза баҳогузорӣ ва шинохта гардад.

Ниҳоят дар масири тулонии таърихӣ инкишофи ФОҶ ва чораҳои он, назари ҳуқуқӣ этикии корманди оперативӣ дучори тағйиру дигаргуни мегардад ва ин тағйиру иловаҳо ва тозагиҳои нав ба вуқуъ пайваста ба ФОҶ бетаъсир намемонад. ФОҶ аз ҷумлаи чунин самт дар илмӣ ҳуқуқ аст, ки шинохти мақом ва бузургии он дар байни дигар илмҳои ҳуқуқ барьало ба чашм мерасад ва беҳуда дар замони муосир аз рӯи маълумотҳои оморӣ кушоишӣ ҷиноятҳо ба қувва восита ва усулҳои бештар самарабахши ин самт (пеш аз ҳама ғайриошкоро) 90% ташкил медиҳад[2].

Беҳтарин ва дақиқтарин назар дар самти ФОҶ дар замони имрӯза аз ҷонибӣ олими шинохтаи рус

№ 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

[1] Раҳимзода Р.Ҳ. (Рахимов Рамазон Ҳамроевич) Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. - 756 с; Маҷидзода Ҷ.З. (Зоиров Ҷурахон Маҷидович) Таджики от государства Саманидов до суверенной государственности. (Историко-правовой анализ) / Д.М.Зоиров. – СПб.: «Реноме»,2014. - 287 с; Буриев, И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период): Дис. … д-ра юрид. наук : 12.00.01 / Буриев Имомкул Бозорович. - Душанбе, 2010; Назаров Н.Д. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006гг.): Дис… докт. юрид. наук. - М.: Академия управления МВД России, 2007; Розикзода А.Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: Дис…докт. юрид. наук. - Душанбе, 2004; Шарипов Ф.Р. Информационное обеспечение взаимодействия ОВД с местными органами государственной власти в Республике Таджикистан. Душанбе. ООО ЭР-граф.- 218 с.

[1] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1994. №3-4. Мод. 68.

[2] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. - С.19.

Александр Юльевич Шумилов[1] изҳор шудааст. Гарчанде, ки қисмате аз олимони ҳуқуқшиноси рус зидди равияву навгониҳои пешниҳоднамудаи ӯ дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Ба ин равияи пешгирифтаи Шумилов А.Ю. аз Тоҷикистон бори аввал донишманди тоҷик Раҳимзода Рамазон Ҳамро Вазири корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, аъзо – корреспонденти Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастҷамъӣ, таваҷҷуҳ ва пайравӣ намуда, аъзои сексияи Сышик гардида чандин мақолаҳои илмии хешро бахусус дар бораи зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пурра мукамал ва олимона анҷом дода, дар маҷалаи «Оперативник» (Сыщик)-и Шумилов А.Ю. ба чоп расонидааст, ки дар радифи корҳои илмии олимони рус шинохта шуданд. Ин ҷойгаҳи хеле волост, ки ба таҳқиқоти илмӣ ва амалии Раҳимзода Р.Ҳ арҷгузорӣ шудааст, ки боиси ифтихору сарфарозии миллати мост.

Раҳимзода Рамазон Ҳамро олим ва донишманди закӣ аст, ки аввалин маротиба дар таърихи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз ҷониби ӯ тадқиқоти диссертатсионӣ, ки ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудааст, амалӣ гардонида шуд[2]. Айни замон ӯ тадқиқоти худро вабаста ба назарияи ФОҶ ва амалияи он давом дода истодааст. Навиштаҳои ин олим аз он ваҷҳ муҳиманд, ки ӯ яқинан аввалин бинандаи роҳи дурусти пешгирифтаи олим Шумилов А.Ю. дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии тоҷик аст.

Аз оғози асри XXI андак-андак дар диди эстетикӣ тағйирот ба амал омад. Аз як тараф, агар дар илми ҳуқуқӣ Россия ҷараёни эътирофи мақоми волои касбкунандаи самти пешгирифтаи олим Шумилов А.Ю. идома ёфта бошад, аз ҷониби дигар нафароне пайдо шуданд, ки арзишҳои ҳуқуқии илмии онро ночиз медиданд. Қонуни инкишофи ҳуқуқ ин аст, ки ҳар равияи нав дар илми ҳуқуқшиносӣ бо инкори ҳиссае ё кулли арзишҳои ҳуқуқии гузаштагон даъвои мавҷудият мекунад, аммо худ дар зербинои гузаштаи онҳо, ақидаҳои тозае ба вуҷуд меоранд.

Дигаргуниҳои аслии ФОҶ дар аввалҳои солҳои 90-уми қарни XX, тағйири эстетики ва этикии корманди оперативӣ заминаи таънае бар эҷодиёти нави Шумилов А.Ю. ва ихтилофи назарҳо дар масъалаи арзиши пешниҳоди ӯ дар самти ФОҶ шуданд.

Шумилов А.Ю. аз ҷумлаи муҳаққиқонест, ки заминаҳои ҳуқуқии ФОҶ-ро бо роҳи шарҳ, тавсиф ва таснифи навиштаҳои олимони пешин ва имрӯза дар муқоиса ва пешниҳоди ақидаи нави худ баррасӣ менамояд ва ҳамчун самти нав дар илми ҳуқуқ медонад.

Бо изҳори таассуф аз ин ки муҳаққиқони равияи пешгирифтаи Шумилов А.Ю. бештар ба маҳорати илмии ин олим таваҷҷӯҳ кардаанд, ки кори каме нест ва ба суоли чаро Шумилов тавонист дар байни олимон ва пажуҳишгарони доно, закӣ ва пурқуввати Россия ҳамчун олими равияи махсусдошта шинохта гардад. Аммо ин нукта ба суоли дигаре ҷавоб гуфта наметавонад, ки чаро равияи пешгирифтаи Шумилов А.Ю. дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил пайравон ва шогирдони зиёде пайдо кардааст, ки ин самтро дастгиранд.

Барои ҳалли ин мавзӯъ, ба ақидаи мо, маҳорати илми ва касбии Шумилов А.Ю-ро аз мавқеи илми ҳуқуқшиносии муосир бо назардошти фосилаи муайяни замони таърихӣ баҳо бояд дод. Барои расидан ба ҷодаи ин матлаб ба мо лозим аст, асарҳои

---

[1] Шумилов А.Ю. ОРД: вопросы и ответы. Книга 2 / Научно-практическое пособие. Москва.2005. С.94.

[2] Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе. - Душанбе, 2006. - 238 с.

навиштаи Раҳимзода Р.Ҳ [1]., китоби дарсии «Фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», аз се қисм, «Чораҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», «Ҳифзи сири давлати дар фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», «Техникаи махсуси фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», «Манбаҳои иттилоотии фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ», «Барнома аз фанни Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ» ва ғайра, ки пайгири равияи А.Ю.Шумиловро дарёфтанд, кӯмак карда метавонад. Танҳо бо ҳамин роҳ дарки кашфи асрори нотакрори олими шинохта Шумилов А.Ю., ба хонандаи тоҷик имконпазир мегардад.

Инак дар ҳамин ҷо мақолаи худро ба анҷом мерасонем. Он навиштаи андаке, ки бахри рушан намудани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон сурат гирифт, маънои комилан дар ҳаҷми пурра ба охир расидани ҷустуҷӯ ва ковишҳои мазкурро надорад. Балки барои боз ҳам васеътар ва жарфтар мавриди омӯзиш ва амал қарор додани ФОҶ-и гузаштагонамон, ки ҷузъи ҷудонопазири тамаддуни башарист, заминае муҳаё хоҳад сохт. Гарчанде бархе аз ҳамкасбони мо, ки то ба имрӯз варақеро дар ин самт сиёҳ накардаанд, манаҳ мезананд, ки гуё заминаҳои ҳуқуқии ФОҶ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва назари олимони соҳаи ҳуқуқ қарор гирифта бошаду дигар ба навиштани чунин мақолаҳо зарурате нест. Аммо ба андешаи ман ин хатои маҳз аст.

Ҳеҷ гоҳ даъво бар он надорем, ки тамоми ҷанба, вижа ва андешаҳои овардашуда ба таври пурра ва комил дар ин чанд мақолаи дар самти ФОҶ навиштаи мо мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда бошад.

Мо дар ин мақолаҳо гарчанде такрор ҳам шавад кӯшидаем, ки то он маҳдудият ва бетафовутие, ки ба омӯзиши заминаҳои ФОҶ дар Тоҷикистон то имрӯз идома дорад, ба андозае ба дили равшанзамирони миллати худ бахусус олимони самти ҳуқуқшиносӣ, чанг занем то дар ин самт таҳқиқоти пурра, арзишманд, амиқ ва густурдаеро ба анҷом расонанд.

## ПРЕДВОДИТЕЛЬ МЕТОДОВ ШУМИЛОВА

В Республики Таджикистан развитие оперативно-розыскной деятельности становилась на научную основу. Аналитический обзор специальной литературы по данной теме свидетельствует, что новые подходы к определению сущности и содержания оперативно-розыскной деятельности в последние годы все шире обсуждаются в открытых публикациях, прежде всего таджикских исследователей. В частности, в 2012 г был издан учебник «Оперативно-розыскная деятельность», подготовленный Рахимзода Р.Х., которое является одной из первых работ открытого характера по основам оперативно-розыскного законодательства, выполненная на

---

[1] Рахимов Р.Х. – автор более 50 (пятидесяти) научных трудов, статей и монографий в различных отраслях юридических наук, в том числе по совершенствованию уголовного законодательства Республики Таджикистан, Комментариев к Уголовному кодексу Республики Таджикистан, видный исследователь различных аспектов борьбы с преступностью. Провел следующие теоретические и практические научные исследования по истории возникновения, развития и совершенствованию оперативно-розыскной деятельности: 1) Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности подразделений БЭП по выявлению и пресечению легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, приобретенного незаконным путем//МВД РТ, 2000 г. 23 с. 2) Заслон наркотранзиту: милиция // Ежемесячный журнал МВД России № 12. 2002 г. с. 44-46. 3) Истоки формирования законодательства РТ в области ОРД. Душанбе. 2005. 163 с.; 4) История создания и развития национального законодательства РТ в области ОРД. Душанбе. 2004. 65 с.; 5) Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе Республики Таджикистан. Монография. 2006. 280 с.; 6) Оперативно-розыскные мероприятия. Душанбе. 2006. 130 с. и другие.

государственном (таджикском) языке, которые решительно и смело, сломал ранее неприступную стену умолчания, иносказания, недомолвок, прямых запретов.

***Ключевые слова***: Оперативно-розыскные деятельности, Оперативно-розыскные мероприятия, взаимодействие

**LEADER METHOD SHUMILOVA**

In the Republic of Tajikistan development of operational and investigative activity is on a scientific basis. Analytical review of literature on the subject suggests that new approaches to defining the essence and content of operational-investigative activity in recent years increasingly discussed in open publications, mainly Tajik researchers. In particular, in 2012, was released a textbook "Operative-search activity", prepared Rahimzoda BC, which is one of the first works of the open nature of the basics of operational-investigative law, made in the state (Tajik) language, which strongly and boldly He broke previously impenetrable wall of silence, allusions, innuendo, outright bans.

# МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «БЕХАТАРИИ ИНСОН ВА ҶОМЕА: ТАЛАБОТ ВА ТАҲДИДҲОИ МУОСИР»
# (27 марти соли 2015с.)

## ТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲДИДКУНАНДА БА АМНИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Шоев А.Т.***

Масъалаи терроризм дар шароити имрӯза ба яке аз масъалаҳои доғтарини ҷомеаи мубаддал гаштааст. Гуфтан мумкин аст, ки ин намуди ҷиноят вақтҳои охир хусусияти силсилавиро гирифта, рӯйрост ба амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ хатар эҷод мекунад. Пеш аз ҳама ин кирдори ғайриқонунӣ бар зидди инсон ва ҷомеа, инчунин ба арзишҳои олии инсон яъне ҳуқуқу озодиҳои он равона шудааст. Дар баробари ин бо назардошти он ки дар натиҷаи ҳамлаҳои террористҷӣ ҳаёти инсонҳо низ осебпазир шудааст, метавон гуфт, ки терроризм ба яке аз муқаддастарин хуқуқҳои инсон – ҳуқуқ ба зиндагиро низ зери суол мебарад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2013 оид ба ин масъала чунин изҳор доштанд: «Мехоҳам таъкид намоям, ки терроризм, экстримизм гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва дар маҷмӯъ ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ имрӯз ба хатари ҷиддӣ табдил ёфта, боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардиданд.

Бо дарназардошти хатарҳои зикршуда ва дар соли 2014 аз қаламрави Авғонистон хориҷ гардидани нерӯҳои байналмиллалии зиддитеррористӣ роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, эктремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи сарҳади давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд»[1].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи худро оиди терроризм аниқ намуда, онро ҳамчун ба тарзи ҷиддӣ вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шуморидааст. Тоҷикистон асоси ҳуқуқии мубориза алайҳи терроризмро муқаррар карда, анро ҳамчун зухуроти номатлуби тамаддуни муосир меҳисобад.

Моҳиятан терроризм дахшатафканӣ буда дар назди худ мақсадҳои мушаххас дорад. Метод ва ё худ усули асосии террористон ин ба воситаи дахшатафканӣ ноил шудан ба мақсадҳои нопок ва ғайриқонунӣ мебошад. Фикру ақидаҳои оид ба ин падидагуногун аст. Сиёсатшиноси русиягӣ Д.В. Олшанский ба намудҳои «калони» терроризм инҳоро номбар мекунад: **сиёсӣ** (амалҳои террористии гуногун, ки мақсади таъсир расонидан ба роҳбарони сиёсиро доранд, маҷбур сохтан ба ин ва ё он амали сиёсӣ ё қарори ҳокимиятӣ), **иттилоотӣ** (таъсири мустақим ба асаб ва шуури одамон бо мақсади ташаккули ақида ва афкори даркорӣ, ки ба рафтори

* Шоев А.Т. – муовини аввали сардори Академияи Вазорати корҳоидохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2013.

одамон таъсир мерасонад), **иқтисодӣ** (амалҳои гуногуни пуртаъбизи иқтисодӣ, ки мақсади таъсир расонидан ба рақибони иқтисодӣ ва қишрҳои аҳолӣ ва инчунин ба давлат ва роҳбарони он ба хотири ноил шудан ба қарорҳои фоидаовари иқтисодӣ барои террористон) ва **иҷтимоӣ** (зиёд шудани ҷиноятҳои кӯчагӣ, афзудани ҷинояткорӣ ва ҷинояткорон, носуботии умумии иҷтимоӣ ва ба тариқи оммавӣ заиф будани таъминоти маишӣ)[1]. Қайд карда мешавад, ки «ба терроризм хислати хатари умумии амалҳои зӯроварӣ хос аст, ки метавонад курбонии зиёду бегуноҳ ва дигар оқибатҳои вазнин дошта бошанд. Таъсири даҳшатафканӣ дар сатҳи инфиродӣ ва гуруҳӣ амалӣ мешавад. Онҳое, ки таҳти таъсирион қарор доранд ҳамзамон метавонанд таҳти фишори аҳолие, ки қурбонии терроризм шудааст бошанд… Амалҳои террористон хислати оммав дошта ҷузъиёти он аз ҷониби ВАО оммавӣ мешавад, ки ин таъсири амалҳои хусусияти террористӣ доштаро зиёд мегардонад»[2]. Ба фикри муҳаққиқ Л.О. Изиляева «…Имрӯз терроризм барои маҳудияти давлат, ҷамъият ва ҳар як инсон дар алоҳидагӣ хатарноктар шуда истодааст. Ҳозир ҳар яки мо новобаста аз ҷинс, сину сол, сатҳи иҷтимоӣ ва макони зист метавонем қурбоние зӯроварии террористӣ гардем, метавонем зери фишори физикӣ ва ё психологии террористон гардем. Ташкилотҳои террористии муосир дигар ба принсипи интихобӣ будани қурбониҳо пайванд нестанд, онҳо тамоюл наяк фард балки ба доираҳои васеъ доранд. Имрӯз терроризм қурбониҳои бузурги инсонӣ дорад, зарари зиёд ба низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию ҳокимиятӣ ворид мекунад. Талафоти давлат на ҳазорҳо, балки миллионҳо ва миллиардҳо гаштааст»[3].

Ибораи терроризм аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш «тарс», «таҳлука», «воҳима» буда он аз ҷониби ташкилотҳо, гурӯҳҳо ва ё шахсони алоҳида барои ба ҳадафҳояшон расидан амалӣ карда мешавад. Терроризм – зӯроварии мунтазам дар сиёсат дар лаҳзаҳои бештар зиддиятнок ва мубориэаи шадид истифода карда мешавад ва барои ин ё он тартибот ё ҳаракати сиёсӣ бисёр хатарнок аст.

Ба фикри Л.А. Моджорян терроризм – ин амале мебошад, ки аз ҷониби шахси алоҳида, ташкилот ва ё гурӯҳи одамон, барои ба ҳадафҳояшон расидан равона карда мешаванд. Дар ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки дар баъзе ҳолатҳо истифодаи терроризм, барои ба даст овардани ҳокимият низ ҷой дорад. Умуман дар бораи терроризм фикру ақидаҳо мухталифанд ва аз ҷониби таҳлилгарон ва олимони ин соҳа ба таври васеъ шарҳ дода шуданд.

Олими аргентинӣ Л. Кабрал таклиф бар он дошт, ки ба ҳайси ҷинояти байналмиллалӣ ҳаракатҳои зерин дида баромада шавад:

- сӯиқасд ба сарвари давлати хориҷӣ ё ашхоси расмии ба ӯ ҳамроҳ, намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ;
- ғасби киштии ҳавоӣ ҳангоми хатсайри байналмиллалӣ ва дигар ҳаракатҳои ба ин монанд;
- ҷиноятҳо ба муқобили воситаҳо ва роҳҳо алоқаи байналмиллалӣ;
- содиршавии сӯиқасд дар макони вохуриҳои характери байналхалқидошта, штабквартираҳои ташкилотҳои байналмиллалӣ, конгрессҳо, деҳаҳои олимпӣ ва ғ.[4];

[1] Ольшанский Д.В. Психология терроризма. СПб.: Питер. 2002. – С.95.

[2] Юнацкевич П.И., Чигирев В.А., Горюнков С.В. Терроризм: профилактика и борьба / Под ред. В.А. Чигирева / Серия книг: Теория и методика профессионального образования и воспитания взрослых. – СПб: Институт социализма Социнтерна СНГ, 2007. – С.3.

[3] Изиляева Л.О. Терроризм как социально-политическое явление: Дисс. … канд. полит. Наук: 23.00.02: Уфа, 2004. – С.3.

[4] Международный терроризм: политический анализ рисков и стратегий обеспечения

Терроризм – яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобудсохтан ё таҳдиди нобуд сохтани амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва дигар манфиатҳои онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти Конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиҳом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналмиллалии таҳти ҳимояи баналхалқӣ қарордошта ё аъзоёни оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналхалқӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхалқӣ содир шуда бошанд мебошад[1].

Терроризм аз рӯи хусусияташ гуногунҷабҳа буда дар давраи ҳозира дорои чунин шаклу намуд мебошад:

**- таркиш, оташ задан, вайрону валангор кардани обеъктҳои махсусан муҳим, манзилгоҳҳо;**

Ин намуди ба амал баровардани акти террористӣ бевосита аз ҳама даҳшатнок мебошад. Ҳангоми ба ин амал даст задан шумораи зиёди одамон ҳалоку захмӣ гардида, бехонаю ҷой ва бесаробон мемонанд. Албатта чунин амал дар байни мардум таҳлука андохта, дар натиҷа одамонро воҳима зер мекунад ва бевосита ҳукуматдоронро ба он водор месозад, ки ба хотири амнияти шаҳрвандон ва озод намудани гаравгонон ба таклифҳои террористон розӣ шаванд.

**- куштор ва қасдан расонидани зарар ба саломатии шахсони алоҳида;**

Ин намуди ба амал баровардани акти террористӣ пеш аз ҳама ба он равона карда мешавад, ки ягон нафар шахсони бонуфузи идораҳои дахлдори давлатӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма, арбобони шоистаи давлатиро аз байн бурда, ҷинояткорон бо ҳамин восита ба ҳадафҳояшон расиданӣ мешаванд.

**- рабудани одамон ва ба гаравгон гирифтан;**

Ин намуди ба амал баровардани акти террористӣ аз ҳама шакли маъмул аст ва қариб, ки дар ҳамаи давлатҳои дунё истифода бурда мешавад.

Асосан рабудани одамон ва ба гаравгон гирифтан аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ ва террористони алоҳида ба он равона карда мешавад, ки агар ҳукуматдорон ба ақидаҳои онҳо ё ин ки, ба пешниҳодҳои онҳо розӣ набошанд, онҳо метавонанд гаравгонро ба қатл расонанд. Даҳшатнокии ин намуди акти террористӣ аз он иборат аст, ки дар рафти амалиёти безараргардонии террористон эҳтимолияти талафёбии

безопасности : в 3 т. / Г. В. Артемчук [и др.] ; гл. ред. А. А. Оводенко. – СПб : Наука, 2008. – Т. 3 : с.18-22.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», 16-уми ноябри соли 1999 № 846, с.4-5

шумораи зиёди одамон мавҷуд мебошад.

**- таҳдиди куштан ва нобуд кардан, нисбати ходимони давлатӣ ва сиёсӣ;**

Ин намуди акти террористӣ ба он равона карда мешавад, ки ташкилотҳои террористӣ ё террористони алоҳида ба воситаи таҳдиди куштан ва несту нобуд кардан аз мансабдорон ва ё Ҳукумат талаб мекунанд, ки ин ё он шахсро аз мансабаш дур кунанд ва қабули ин ё он қонунро ба таъхир гузоранд. Дар сурати иҷро нагардидани ин амал ба ҳар роҳу восита таҳдиди куштану несту нобуд кардани ходимони сиёсӣ ва давлатиро идома медиҳанд. Ин шакли намуди акти террористиро барои тағйир додани сохти давлатдорӣ низ истифода мебаранд.

**- ташвиқоти терроризм;**

Ин амал бевосита дар он ифода мегардад, ки баъзе давлатҳо дар таъсис додани ташкилотҳои террористӣ мусоидат мекунанд, дигар давлатҳо бошанд чунин ташкилотҳоро дар ҳудудашон ҷойгир карда, бо маблағҳои калони пулӣ сарпарастӣ мекунанд, инчунин ташкилотҳои мазкур аз ҷониби созмонҳои ғайридавлатии байналмиллалӣ, чун қувваҳои озодихоҳӣ ба даст овардани мустақилият эътироф мешаванд ва ҳатто ин ё он давлат онҳоро эътироф мекунад. Дар асл бошад онҳо дар ҳудуди давлати ҷойгиршудаашон истода, бо роҳҳои истифодабарии амалҳои террористию экстремистӣ ба сохти давлатдорӣ таъсир мерасонанд.

**- созмон додани ташкилотҳои террористӣ;**

Ташкилотҳои террористӣ аз қабили «Ҳаракати Исломии Узбекистон», «Ал-Қоида» ва ғайраҳо, ки рӯйхаташон ба садҳо расидааст, созмон ёфтаанд ва ба сафҳои худ шахсонеро, ки дар ҳудуди давлати хеш ҳамчун ҷинояткор дар ҷустуҷӯ қарор доранд ва ё, ки аз ҳисоби ҷавононе, ки назари танг ба тараққиёти ҷомеа доранд ё, ки аз дину оини аслии хеш дур гашта, ба дигар равияҳо дода шудаанд, шахсоне, ки худро сиёсатмадор нишон дода, аз сиёсати давлаташон норизо мебошанд ба воситаи ақидаҳои гуногун ҷалб менамоянд.

**- кӯмак кардан ба ташкилотҳои террористӣ;**

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯзҳо аз ҷониби кадом созмонҳо ва давлатҳо ба ташкилотҳои террористӣ, кӯмак расонида мешаванд. Назари таҳлилгарон, олимон ва сиёсатмадорон дар ин хусус ҳаминро нишон медиҳад, ки аз ин рафтори созмонҳо ва давлатҳои алоҳидаи террористон истифода бурда, барои ба ҳадафҳояшон расидан даст ба куштору таркиш мезананд[1].

Дар Тоҷикистон системаи пуриқтидори ҳуқуқӣ ҷиҳати муқовимат алайҳи терроризм амалӣ мекунад. Сарчашмаи асосии ҳуқуқии мубориза алайҳи терроризм дар Тоҷикистон, ин пеш аз ҳама, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Моддаи 5 Конститутсия, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро чун арзиши олӣ муайян намуда, муқаррар кардааст, ки онҳо аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)» таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст, ки он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ карда шудааст. Дар баробари ин дар ҷумҳурӣ Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №543 тасдиқ гардидааст.

[1] Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар бораи «Муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои муосир дар минтақаи Осиёи Марказӣ: дастовардҳо ва дурнамоиҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва коррупсия» Душанбе, 19 июни соли 2014; с.103-107

Бо мақсади ба таври мушаххас татбиқ намудани меъёрҳои конститутсионӣ дар ин самт, инчунин, барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои байналмиллалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати худро дар ҷодаи ташкил ва амалӣ намудани мубориза алайҳи терроризм ба роҳ монда, низоми ҳуқуқии худро тақвият ва ҳуқуқу озодиҳои инсонро тавассути санадҳои қонунгузории Тоҷикистон такмил додааст.

Амали беҳтарин дар ин самт таҳия ва қабул гардидани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» мебошад. Лоиҳаи қонун, бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи тартиби ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд, ки он 16-уми ноябри соли 1999 № 846 қабул гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризм танҳо бо санадҳои дар боло зикргардида маҳдуд нашудааст. Бо назардошти талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм дар баробари қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар самти мубориза бар зидди терроризм қабул гардидаанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие низ мавҷуданд, ки ба таври доимӣ ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин раванд таъмин менамоянд. Пеш аз ҳама ин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қабул намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқаррар ва пурзӯр гардонидани ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба таъмини талаботҳои санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро зиёд намуд. Чунончӣ, дар асоси тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон аз 18 июни соли 2008, № 386 моддаҳои нави 1791, 1792, 1793, 1841, 1842, 1843, 1844, 1941, 1942, 1943, 1944, 1945, илова карда шуд.

Моддаҳои мазкур мафҳуми ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳоро муайян намуда, ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан моил намудани шахсони дигар барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо муқаррар ва ҷазоро пешбинӣ намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар айни замон ақидаи ягон оиди мафҳуми терроризм (терроризми байналмиллалӣ) вуҷуд надорад ва дар ҷаҳон якчанд ақида оид ба мафҳуми терроризм мавҷуд аст. Ба ақидаи Ҷ. Дугард (Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ) терроризми байналхалқӣ – ин амали зӯроварии дорои мақсади бавуҷудории тағйирёбии сиёсӣ, ки муносибатҳои байналмиллалиро номуътадил мегардонад ва ҷомеаи байналмиллалӣ ин амалҳоро ҳамчун номақбулии меъёрҳои рафтор баррасӣ менамояд.

Дар айни ҳол аҳамияти бештарро мафҳуми калимаи «терроризм» касб намудааст. Солҳои охир дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, сиёсию илмӣ ва таълимӣ мафҳуми «терроризм» васеъ истифода мегардад. Он мавриди истифодаи одамони оддӣ ва сиёсатмадорони сатҳи гуногун қарор гирифтааст ва дар гуфтугӯи мардум низ мақоми хешро пайдо намудааст.

Ҷиноятҳои террористӣ дар ҳама давру замон ба муқобили давлату давлатдорӣ равона шуда, барои ба вуҷудовардани тарсу ҳарос ва нобоварӣ дар ҷомеа, ноором намудани суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва халалдор сохтани обрӯю эътибори мақоми давлатӣ содир карда мешаванд. Яке аз масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои сиёсӣ ва таъмини амнияти давлатро

мубориза бар зидди зуҳуроти терроризм дар он аст, ки терроризм ҳокимиятро ба зӯроварии ҷавоби маҷбур мекунад ва бо ин амал фаъолияти номӯътадилии институтҳои демократии ҷомеаро ба миён оварда, оқибат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҷовус менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар ин самт талош меварзад.

Бояд зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризм ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст. Дар маҷмӯъ, айни ҳол бо ҷурми аъзогӣ ба созмону ташкилотҳои террористӣ 296 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда ба муҳлатҳои гуногун маҳкум шудаанд. Феълан дар маҳбас 53 узви «Ансоруллоҳ», 187 аъзои «ҲИӮ» 8-«Ал-Қоида», 23-ҷамоати «Таблиғ» ва 25 нафар аъзои дигар ташкилотҳои террористӣ қарор доранд[1].

Равшан аст, ки мубориза бо терроризм бояд бо андешидани тадбирҳои дастаҷамъона дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣва сиёсӣ тақвият дода шавад, то ки механизми худтавлиди решаҳои терроризм аз байн бурда шавад.

Дар мубориза бар зидди ин падидаҳои ноҷатлуб баланд бардоштани нақши ҳамоҳангсози Интерпол ба мақсади тақвияти мубориза бо маблағгузории терроризми фаромиллӣ комилан зарур аст.

Дастовардҳои маҳдуд ва ҷузъӣ дар мубориза бо терроризми фаромиллӣ, ки дар марзи асрҳо хислати оммавӣ пайдо кардааст, натиҷаи он аст, ки ин мубориза то ҳол фақат аз ҷониби давлатҳои алоҳида, амали мегардад. Бо таасуф мебояд зикр кард, ҷомеаи ҷаҳон то ҳол дар бораи худи мафҳуми терроризм ба хулосаи ягона нарасидааст, ҳол он ки бе ин гуна ваҳдати назар ба низом даровардани масъалаҳои мубориза ба муқобили терроризми фаромиллӣ ғайриимкон аст.

Маҳз дар чунин шароит баъзе давлатҳо дар қаламрави худ бар зидди терроризм ва зуҳуроти он мубориза бурда, ҳамзамон терроризми фаромиллиро дар кишварҳо ва минтақаҳои дигар бавосита ё бевосита пуштибонӣ менамоянд ва мехоҳанд террористон, афроди ифротгаро ва аъзои гуруҳҳои муташаккили ҷиноятиро ба ҳайси мубориизони роҳи озодӣ,истиқлолият ва ҳувияти миллӣ муаррифӣ созанд[2].

Дар масъалаи бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани ин қабил ҷиноятҳо оварда мерасонад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қишрҳои ҷомеа ҳамаи чораҳои таъсирбахш андешида шуда истодаанд, аз қабили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш, ташаккул додани мафкураи баланди ватандустию ватанпарастӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, сохтани масҷидҳои замонавӣ, табъу нашр кардани китобҳои динӣ ба забони модарӣ, ташкили барномаҳои динию ахлоқӣ дар садову симо, чопи мақолаҳо дар газетаю маҷҷалаҳо, созмон додани ҳизбу ҳаракатҳо. Ин ҳама чорабиниҳо дар барномаҳои дурнамои тараққиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ таҷассум ёфтааст.

Албатта ақидаи маъмулие ҳаст, ки илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ аст, яъне аҳамияти ин масали ҳалқӣ аз он иборат аст, ки ҳар як иқдоми номатлуб бояд пешгирӣ намуда шавад. Терроризм ва

[1] Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар бораи «Муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои муосир дар минтақаи Осиёи Марказӣ: дастовардҳо ва дурнамоиҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва коррупсия» Душанбе, 19 июни соли 2014; с.38-41.

[2] Тафсири қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». – Душанбе: «Контраст». 2014. – с. 14-15.

дар маҷмӯъ даҳшатафканӣ ягон ягон вақт оядаи хуб надорад. Гарчанде террористон дар назди худ мақсадҳои аз нуқтаи назари онҳо ҷаззобро ҷилвагар менамоянд, ба ҳар сурат усули даҳшатафканӣ ва ба ин васила ноил шудан ба мақсад дар баробари ҷиноят будан инчунин он хароб намудани аслу маънавиёти ҷомеа низ ҳаст. Яъне аз кадом нуқтаи назаре, ки ин падидаи номатлуб ва харобоварро таҳлил накуни он ҳама вақт бо куштор, қурбониёни бегуноҳ, хароб намудани шуур ва мафкураи ҷамъият ва расонидани зарари иқтисодӣ тавъам аст. Барои ҳамин бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ ва профилактикӣ дар ҷомеа бояд ба тарзи васеъ ва комплексӣ ба роҳ монда шаванд ва ҳамаи ниҳодҳои давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар ин ҷараён саҳмгузор бошанд.

# МАСОИЛИ МУБРАМ ОИД БА ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР МУҚОВИМАТ БО ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ

**Сафаров Ҳ.С.***

Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар мавқеи ҷуғрофии худ объекти бархурди манфиатҳои геополитикӣ ва иқтисодии мамлакатҳои абалқудрати дунё гашта дар баробари дигар давлатҳои минтақа аз таҳдидҳои терроризм ва экстремизми байналмилалӣ эмин нест.

Вазъияти ҳарбӣ-сёсии номусоид ва мураккаби Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва дар ҳудуди он фаъолият намудани марказҳо ва лагерҳои омодасозии террористон ва экстремистон, бевосита ба амнияти милли мо таҳдид менамоянд. Интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ яке аз омилҳои ташвишовари рӯз ба шумор меравад.

Дар вақтҳои охир ба маротиб зиёд гардидани ҷалби шаҳрвандони мо ба хориҷи кишвар барои иштирок дар задухўрдҳои мусаллаҳ дар давлати Сурия ва Ироқ ба яке аз проблемаҳои доғи рӯз табдил ёфтааст.

Дар минтақаҳои сарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон зиёд гардидани шумораи гурӯҳои ҷонибдори ҳаракати терористии «Толибон» ва «Давлати исломӣ» метавонад вазъиятро боз муташанниҷтар гардонад.

Инчунин, қариб дар тамоми манотиқи кишвар мавҷуд будани гурӯҳҳои ҷавононе, ки моили идеологияи таҳрифшудаи ҷараёнии динии «салафия» мебошанд, яке аз хатарҳои дохилии ҷомеаро ташкил медиҳанд, зеро саркардагон, хоҷаҳои хориҷӣ ва ашхоси моилкунандаи наврасону ҷавонон ба ин равия, асосан консепсияи «ҷиҳод» - ро ба манфиатҳои сиёсии худ талқин намуда, идеаяи утопистии ташкил намудани «Хилофат»-ро маъмулан ҳадафи асосии худ қарор додаанд.

Оид ба хатари экстремизми динӣ, Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ С.С. Ятимов меафзояд, ки «ин хавф дар марҳилаи навин даҳҳо маротиба сангинтар аз солҳои 90-уми асри гузашта хоҳад буд, чунки агар дар он замон идеологияи фундаменталистӣ танҳо қисмате аз мавзеи ҷуғрофии мамлакатро фаро мегирифт, дар шароити кунунӣ мавзеи паҳншавии афгории ифротгароӣ қисмати бештари кишварро сироят кардааст»[1].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2007-2009 ба ҳайси яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ баланд бардоштани маънавиёти пасти динии мардумро интихоб намуд ва дар банди 2.6 Барномаи давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 [2] мақомоти салоҳиятдори давлатиро вазифадор сохт, ки сабаб ва шароитҳое, ки боиси паҳн гардидани мафкураи экстремистӣ мегарданд, пешгирӣ намоянд. Аз ҷумла, субектонисалоҳиятдори давлатӣ муаззаф гардиданд, ки омӯзиши дурусти арзишҳо ва ақоиди созандаи дини мубини исломро дар байни тамоми табақаҳои ҷомеа ба роҳ монанд, аммо бинобар сабаби аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ташкил карда натавонистани кор дар самт, ин иқдом натиҷаи дилхоҳ надод.

---

* Сафаров Ҳ.С. – сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

[1] Омилҳои паҳншавии назария ва амалияи экстремизм ва терроризм: роҳҳо ва воситаҳои мубориза ба онҳо // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, 19 июни соли 2014. – С. 39.

[2] Ниг.: Барномаи давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 аз 2 ноябри соли 2007, таҳти №543.

Хатари экстримизми диниро Президенти кишвар - Эмомалӣ Раҳмон доимо хуб эҳсос карда 1 сентябри соли 2010 низ аз мардуми ҷумҳурӣ даъват ба амал овард, ки фарзандони хешро аз макотибӣ динии давлатҳои хориҷӣ бозхонанд, зеро теъдоди зиёди онҳо бо ташаббуси худ ба таълими динӣ фарогирифта шуда, метавонанд таҳти таъсирӣ идеологияҳои таҳрифшудаи исломӣ қарор дода шаванд.

Худи ҳамон сол аз 2138 толибилмон зиёда аз 1700 шаҳрвандони мо аз хориҷи кишвар баргардонида шуданд.

Инчунин, 10 феврали соли 2010 дар ҷаласаи васеъи Шӯрои амнияти Тоҷикистон ҳозиринро аз ривоҷ ёфтани падидаҳои экстремизми динӣ дар манотиқи алоҳидаи минтақа ва давлати мо бо мақсади бо роҳи зурӣ тағйир додани сохти конситутсионӣ ҳушдор сохт.

Новобаста ба ин, дар замони ҷаҳонишавии ҷомеаи инсонӣ ва дарҳои кушодаи мамолики дунё, ки садҳо ҳазор шаҳвандони мо ҳамасола аз ҳудуди кишвар бо мақсади тиҷорат, муҳоҷирати меҳнатӣ, туризм ва таҳсил берун мераванд, назорат кардани ин раванд хеле мушкил мебошад.

Аз ин ҷост, ки Сардори давлат дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 январ бори дигар аз ривоҷ ёфтани фаъолияти экстремистӣ дар дохил ва хориҷи кишвар изҳори нигаронӣ намуда изҳор дошт, ки «терроризм ва экстремизм бо дини мубини ислом ҳеҷ умумияте надорад ва истифода аз номи ислом ба хотири ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсии хоҷаҳои ҷиноятпешагон ҳукми анъана касб кардааст».

Маълумоти омории ду соли охир низ аз болоравии пуршиддати ҷиноятҳои дорои характери террористӣ ва экстремистидошта шаҳодат медиҳад. Мувофиқи маълумоти Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 12 моҳи соли 2014 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 12 амали террористӣ (2013-4), 202 ҷинояти дорои хусусияти террористӣ (2013-75), 116 ҷинояти вобаста ба фаъолияти ифротгароӣ (2013-36) ва дар самти ифротгароӣ 55 чиноят (2013-35) содир гардидааст.

Васеъ гардидани ҷуғрофияи ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ дар манотиқи Осиёи Марказӣ ва ташаннуҷ ёфтани муносиботи байналмилалӣ метавонад боиси аланга гирифтани ҷангҳои минтақавӣ гардида ба ривоҷ ёфтани ҷиноятkории трансмиллӣ мусоидат намояд, ки натанҳо ба амнияти миллии кишвари мо таҳдид меамояд, балки амнияти давлатҳои абалқудрати минтақаро зери хатар мегузорад.

Новобаста ба он, ки Тоҷикистон бо тамоми мамлакатҳо[1] дар таҳкими сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд, вазъияти имрӯзаи ҷомеа ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ ва шаҳрвандонро дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм тақозо менамояд. Зеро дар урфият мегӯянд: «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ».

Ба андешаи мо танҳо дар якҷояги бо тамоми қишрҳои ҷомеа аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо мамлакатҳои минтақа метавонем бо таври мунтазам сабаб ва шароитҳои руҷӯъи ин таҳаввулоти номатлуби замонро пешгирӣ намоем.

Чунки ҳеҷ хонадони тоҷик аз зарари ин вабои аср эмин буда наметавонад. Имрӯз фарзанд, бародар, хоҳар ва хешу табори мо, ки дар паҳлуи мо кору фаъолият менамоянд, фардо метавонанд душмани ҷони мо ва давлати мо гарданд.

Пеш аз ҳама барои он, ки теъдоди зиёди ашхоси моилкунандаи наврасону ҷавонон, ки дирӯз худро

---

[1] Дар арсаи минтақави Тоҷикистон узви Ташкилоти созишномаи амнияти дастаҷамъӣ (ОДКБ), Ташкилоти шанхайи ҳамкорӣ (ШОС) буда дар арсаи байналмилалӣ бо тамоми ташкилоти Созмони миллали муттаҳид ва давлатҳои аъзои он дар мубориза бо терроризм ҳамкорӣ менамояд.

талқингари «роҳи ҳақ» муаррифӣ намуда аз манфиату созандагии ҷараёни динии «салафия» ҳарф мезаданд, имрӯз фарзанд ва хешу табори мову шуморо дар дохил ва хориҷи кишвар барои «ҷиҳод» ба муқобили худи мо ва шарикони стратегиамон даъват менамоянд.

Иштироки беш аз 300 нафар шаҳрвандони мо дар задухурдҳои мусаллаҳона дар давлатҳои арабӣ (Ироқ ва Сурия) ва бамаротиб зиёд гардидани ҷиноятҳои характери терористӣ ва экстремистидошта дар ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм бояд куллан тағйир дода шавад.

Проблема дар он зоҳир мегардад, ки мувофиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати мехнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 667 ҳазор шаҳвандони мо ба Федератсияи Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ равтаанд, сарчашмаҳои ғайрирасмӣ ин шумораро аз 1 млн. ҳам зиёдтар арзёбӣ менамоянд. Дар давлати номбурда бо таври васеъ фаъолияти гурӯҳҳои ифротии ҷараёни таҳрифшудаи динии «салафия», ки аз таъқиби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои аъмоли ношоистаашон ба Россия интиқол ёфтаанд, ба ҷалб намудани шаҳрвандони мо барои иштирок дар задухурдҳои мусаллаҳона машғул гардидаанд. Ин гурӯҳо бо марудми Кафқоз, ки солҳои тулонӣ ба ин ҷараён моил гардидаанд ҳаммаслак шуда, ҷавонони тоҷикро, ки аз назорати падару модар ва хешу табор дур мондаанд ба гирдоби ин «вабо» кашидаистодаанд.

Теъдоди зиёди шаҳрвандони мо дар ҳудуди кишвари номбурда ба ин ҷараёни экстремистӣ моил карда мешаванд ва ё аз ҳудуди ин кишвар барои ба давлатҳои Ироқ ва Сурия интиқол ёфтан истифода мебаранд. Яъне, алакай ин кирдори хавфноки ҷамъиятӣ характери трансмиллӣ касб кардааст.

Омилҳои асоси ташаннуҷ ёфтани хавфи терроризм ва экстремизми байналмилалиро дар мамлакати мо муҳаққиқон дар он мебинанд:

- нобаробар инкишоф ёфтани муносиботи иқтисодӣ дар давлатҳои минтақа ва ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ нобаробар ҷудошудани қишрҳои ҷомеа;
- ривоҷ ёфтани тазодҳо дар минтақа байни давлатҳои абалқудрат, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва динӣ, ки вазъиятро дар дохил ва хориҷи минтақаи Осиёи марказӣ муташанниҷ мегардонанд;
- задухурдҳои мусаллаҳона дар кишварҳои Шарқи наздик ва минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон;
- инкишоф ёфтани муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, силоҳ, савдои одамон, муҳоҷирати ғайриқонунӣ;
- кӯшишҳои давлатҳои алоҳида барои мустақар сохтани бартарияти таъсири ҳарбӣ-сиёсиии худ дар минтақаи Осиёи марказӣ ва нишон додани қудратмандиашонро дар истифода бурдани қувваи ҳарбӣ дар ҳал намудани мунокишаҳои мусаллаҳона;
- даъвоҳои ҳудудӣ (территориявӣ) пешниҳод намудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бовусъат инкишоф ёфтани моилкунии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар дохил ва хориҷи кишвар.

Пеш аз он, ки ба идомаи мавзӯи матраҳгардида пардозем, даставвал мебояд дар шакли мӯъҷаз бо мафҳум ва табиати ҳуқуқии экстремизми динӣ шинос гардем.

Экстремизм аз калимаи лотинии extremus манша гирифта мазмуни қатъан, ҳадди охирин, тарафдори тадбиру чораҳо ва ақидаҳои шадид будан (бештар дар сиёсат) – ро дорад[1].

Мувофиқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри

[1] Воҳид Шарипов Луғати тафсирии калимаҳои русӣ – интернационалӣ. Душанбе, 1984. С.360

соли 2003 № 69, экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад.

Фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) – ин фаъолияти иттиходияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилотҳо ё воситаҳои ахбори умум ё шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр ва амалӣ намудани кирдорҳое мебошад, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон намудани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон суст кардани амнияти ҶТ, ғасб намудан ва ё аз худ намудани ваколатҳои ҳокимиятӣ, муқаррар намудани низоми фашистӣ ва ё дигар шаклҳои идоракунии диктаторӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона карда мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мафҳуми экстремизм бо ҷилавгирӣ намудан ба татбиқи чораҳои шадид ва ақоиди ифротӣ (пеш аз ҳама талқини зӯроварӣ дар соҳаи сиёсат, миллатгароӣ, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, диннӣ ва иҷтимоӣ) алоқаманд мебошад.

Мавзӯи имрӯзаи мо, ки масъалаҳоро пиромуни экстремизми диннӣ фаро мегирад, ба андешаи мо ин падида кирдори ҷиноятиеро дарбар мегирад, ки он барои дар байни ҷомеа барангехтани бадбинӣ ё кинаю адовати диннӣ ва ё мазҳабӣ равона буда, бо роҳи тайёрӣ ё паҳн намудани маводи дорои ғояе, ки зӯровариро ҳамчун шакли таъсиррасонӣ ба мухолифон ё шахсони алоҳида дуруст медонанд ва ё даъвати бевоситаро барои истифода намудани зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аз рӯи ангезаи зикркарда талқин менамояд. Дарҷ кардан ҷоиз аст, ки экстремизми динӣ доимо пардаи сиёсӣ касб карда дар ҳамгироӣ бо он баромад менамояд.

Бо мақсади дар зинаҳои аввал пешгирӣ намудани ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои зерин пешбинӣ гардидаанд: Моддаи 85. Маҷбур кардан ба диндорӣ ва ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ; Моддаи 86. Монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоти динӣ; Моддаи 90. Аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ ва тарбияи ноболиғон; Моддаи 106. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамойиҳо, намоишҳо ва роҳпаймойиҳои осоишта; Моддаи 474. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ; Моддаи 475. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ; Моддаи 476. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ; Моддаи 477. Роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию диние, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин маблағгузорӣ намудани онҳо; Моддаи 478. Аз тарафи ташкилотҳои динии хориҷӣ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ; Моддаи 480. Риоя накардани тартиби муқарраршудаи ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, ҷамъомадҳо, роҳпаймоиҳо ва намоишҳо.

Бояд тазаккур дод, ки ин кирдорҳо танҳо дар он мавридҳо кирдорҳои хусусияти экстремистидошта эътироф мешаванд, ки агар мақсади содир намудани онҳо тарафдории ақида ва дигар ҳаракатҳои ифротӣ бошад.

Экстремизм метавонад дар байни тамоми гуруҳҳои иҷтимоӣ аз қабили маҳалҳо, миллатҳо, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, дину мазҳабҳо доман паҳн намояд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирӣ намудани ангезаҳои

маҳалгароӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, милатчигӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои хусусияти экстремистидошта бо таври возеҳу равшан мамнуъ эълон гардида, дар моддаҳои мухталифи он аломатҳои таркибӣ ва андозаи ҷазои онҳо муайян карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 307.1 КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди экстремистӣ) ба ҷиноятҳои хусусияти экстримистидошта моддаҳои 157 Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ, 158 Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои диннӣ, 160 Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ, 188 Бетартибиҳои оммавӣ, 189 барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ, 237 Авбошӣ, 237.1 Вандализм, 242 Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг, 243 Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо, марбут дониста шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузор мебоист ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моддаҳои, 307.1 Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), 307.2 Ташкили иттиҳоди экстремистӣ, 307.3 Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ), 307.4 Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидоштаро низ мутааллиқ медонист.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҷалб ва иштироки шаҳрвандони ҷумҳурии мо дар задухурдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар дар асоси Қонуни ҶТ аз 26.07.14с., №1088 ба *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 401*[1]. *Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо, ворид карда шудааст.*

Моддаи мазкур аз ду намуди ҳаракатҳои ҷиноятkорона, ки характери алтернативӣ доранд, иборат мебошад:

Ҳаракати аввал, ин фаъолияти ҷиноятkоронаи ашхоси ҷалбкунанда, ки теъдоди номуайяни шаҳрвандон ва шахсони бешаҳрвандро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври доимӣ ва ё муваққатӣ зиндагӣ мекунанд, бо роҳи фиреб, багапдарорӣ, ваъдаи маблағҳои пулӣ, талқини идеологияи таҳрифшудаи динӣ, сиёсӣ ва ғ. барои дар оянда ширкат варзидан дар задухурдҳои мусаллаҳона моил мекунанд, дарбар дорад.

Ҳаракати дуюм ин иштироки бевоситаи шаҳрвандонро (ашхоси бешаҳрвандиро) дар задухурдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ҳамчун кирдори мустақили ҷиноятӣ эътироф менамояд, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то бист сол ҷазо дода мешавад.

Дар эзоҳи моддаи мазкур бошад, қонунгузор муайян намудааст, ки агар шаҳрвандон аз кирдори ҷиноятии худ сидқан пушаймон шуда бошанд ва аз идома додани кирдори хеш қатқиян даст кашида дар пешгирӣ намудани ин гуна ҳаракатҳои хавфноки ҷамъиятӣ ихтиёран бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкорӣ намоянд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешванд, агар дар кирдори онҳо аломатҳои таркибҳои ҷиноятҳоӣ дигар мавҷуд набошад.

Ба андешаи мо моддаи мазкур ҳарактҳои экстремистӣ ва террористиро дар ҳамгироӣ дарбар гирифта, аввалан ҳаркатҳоро марбут ба ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва баъдан иштироки бевоситаи онҳоро дар задухурдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар, мамнуъ эътироф кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки татбиқ намудани чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ воситаи таъсиррасоние мебошанд, ки маъмулан нисбати ашхоси алакай ба содир кардани чунин кирдорҳо моил аст, татбиқ мегарданд. Ба фикри мо системаи ягона ва доимоамалкунандаи давлатӣ дар самти огоҳонидани (профилактикаи) саривақтии чунин аъмол айни замон

дар такомул мебошад. Он чораҳое, ки имрӯз нисбати паҳншавии идеологияи экстремистӣ татбиқ карда мешаванд характери мутамарказ ва системавӣ надоранд, барои он ки системаи доимоамалкунанда ва ҳамоҳангсози мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои характери экстремистӣ ва террористидошта дар Тоҷикистон мавҷуд нест.

Новобаста ба он, ки муқарароти моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 № 69 андешидани чораҳои пешакӣ барои пешгирии фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкоркунӣ ва бартараф намудани шароиту сабабҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд, самти асосии мубориза бар зидди экстремизм эътироф кардааст.

Моддаи 6 ҳамин қонун бошад дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (суд, прокуратура, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати адлия, Хадамоти гумруки назди ҳукумати ҶТ) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, макомоти иҷрояи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро низ ҳамчун субъектони дар мубориза бар зидди экстремизм иштироккунанда эътироф менамояд.

Аз ин лиҳоз, яке аз ҳадафҳои асосии ҷомеаи имрӯзаи мо идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муқовимат бо экстремизм мебошад.

Дар ҷомеа идоракунӣ дар ду намуди асосӣ: давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ сохта мешавад. Идоракунии давлатӣ ин бо воситаи системаи сиёсӣ идоракунии ҷомеаро дарбар дорад. Идоракунии ҷамъиятӣ бошад аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилоти ғайридавлатӣ амалӣ сохта мешавад, ки дар якҷоягӣ ин ду намуди идоракунӣ якдигарро инкор накарда, балки фаъолияташонро пурра месозанд ва системаи томи идоракунии иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Унсури асосӣ ва ҳатмии идоракунии давлатӣ ин танзими ҳуқуқии вазифа ва функсияҳои он мебошад, ки самти фаъолияти ҳар як мақомоти давлатиро бо мақсади такрор накардани вазифаҳои якдигар муайян намуда, меъёрҳои ҳуқуқӣ фаъолияти бо низом ва мақсадноки онҳоро муақаррар менамоянд.

Раванди ташкилкунии системаи мутамаркази давлатӣ бо мақсади идоракунии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар профилактикаи (огоҳонидани) идеологияи экстремистӣ ва дигар кирдорҳои чунин хусусиятдошта ба танзимдарории ҳуқуқиро тақозо менамоянд.

Масалан, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Комиссияи давлатӣ ва қабул намудани Низомнома дар бораи мақомоти давлатӣ оид ба дараҷа ва мақоми онҳо, мақсад, вазифа, функсия, салоҳият, сохтори воҳидӣ-ташкилӣ, номгӯи вазифаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ашхоси мансабдор дар самти пешгирии ҷинояткорӣ, хусусан экстремизми динӣ айни мудаост.

Инчунин, таъмин намудани ин сохтор бо кадрҳои лаёқатманд, таъминоти моддӣ-техникӣ, воситаи муросилот ва маблағгузории пурраи ин самти фаъолият чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд.

Ташкил намудани системаи том, ки он бояд ҷузъиёти ягонаи ба сохторҳо ҷудокардашуда бошад ва унсурҳои он дар алоқамандӣ қарор гиранд, барои амалӣ сохтани вазифа ва функсияҳои муайян дар самти пешгирии сабаб ва шароитҳои бавуҷудоии падидаҳои экстремистӣ равона бошанд, тақозои замон мебошад.

Ба андешаи мо системаи мазкур бояд дорои унсурҳои зерин бошад:

субъекти идоракунӣ (системаи идоракунӣ);

объекти идоракунӣ (системаи идорашаванда),

алоқаи бевосита ва тарафайн.

Дар илми назарияи идоракунӣ функисияҳои умумии зерин мавҷуд мебошанд: пешгӯикунӣ, банақшагирӣ, омодасозӣ ва қабули қарор, назорат ва баҳисобгирӣ, тағири қарор ва танзими системаи идоракунӣ, ки онҳо аз тарафи субъектони идоракунӣ барои дар амал татбиқ сохтани ҳадафҳои асосӣ истифода бурда мешаванд

Мақсади бо таври мӯъҷаз матраҳ сохтани афкорӣ дар боло зикр карда аз он иборат мебошад, барои бо таври мунтазам ва комплексӣ муқовимат намудан бо экстремизм ташкил намудани системаи ягонаи мутамаркази давлатӣ лозим аст, чунки пешгирӣ намудани идеолгияи экстремистӣ (ки заминаи фаъолияти минбаъдаи фаъолияти террористӣ ба ҳисоб меравад) танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконнопазир мебошад, зеро сабаб ва шароитҳои пайдоиши экстремизм пеш аз ҳама аз тарбияи ахлоқӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа вобаста аст.

Ҳалли масъалаҳои номбурда характери комплексӣ дошта, муқовимати дастаҷамъонаи тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро талаб менамояд, ки барои ташкил ва идоракунии фаъолияти онҳо системаи том ва мутамарказ зарур буда, вазифа ва функсияҳои тамоми мақомот вобаста ба самти фаъолияташон бояд дар доираи қонунгузорӣ муайян карда шавад.

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирӣ намудани падидаҳои экстремизми динӣ пешниҳод менамоем:

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи асосҳои умумии пешгирии ҷиноякорӣ» қабул карда шуда дар он  вазифа ва функсияҳои мақомоти дохлдори давлатӣ муайян карда шаванд;

2. Бо мақсади амалӣ сохтани ҳадафҳои қонуни мазкур Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Комиссияи давлатии доимоамалкунада оид ба пешгирии ҷинояткорӣ» ба тасвиб расонида шавад;

3. Дар низомномаи комиссияи мазкур вазифа ва функсияи тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар самти муқовимат намудан ба идеологияи экстремистӣ бо дарназдошти афкори муқтадири илмӣ муайян карда шаванд;

4. Дар қонунгузории амалкунанда вобаста ба самти фаъолияти мақомоти давлатӣ салоҳият, уҳдадориҳо ва ҷавобгарии ашхоси мансабдор вобаста ба фаъолияти зиддиэкстремистӣ муайян карда шуда, системаи ягонаи мутамаркази ҳамоҳангсоз оид ба пешгирии ҷинояткорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда шавад;

5. Дар синфҳои 10 ва 11 мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва макотиби олӣ курси махсус оид ба муқовимат ба идеологияи экстремистӣ ҷорӣ карда шавад;

6. Барои омода сохтани мундариҷа ва муҳтавои ин курс мутахассисон аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раёсати мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҷавонону наврасон), Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои ҶТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи ҶТ, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати ҶТ ва дигар вазорату муассисаҳои дахлдор ҷалб карда шаванд;

7. Барои кормандони тамоми мақомоти давлатӣ аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ дастурҳои методӣ оид ба ташкили фаъолияти онҳо дар самти пешгирии идеологияи

экстремистӣ тахия ва чоп карда шаванд;

8. Бо мақсади пешгирӣ намудани мафкураи экстремистӣ дар Федератсия Россия ва ҷалби шаҳвандони Тоҷикистон барои иштирок дар задухурдҳои мусаллаҳ дар давлатҳои араб, намояндагии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тамоми вилоятҳои он ташкил карда шуда, ҳамкорӣ бо мақомоти корҳои дохилӣ ва амниятии ин кишвар вусъат бахшида шавад.

# ҶИҲОД ҚАТЛИ ИНСОНИ МУСУЛМОН НЕСТ

**Камалитдинов С.К.,**[*]
**Алиев О.А.**[**]

Вожаи «ҷиҳод» солҳои охир вирди забонҳо гардида, ба гӯшҳо бештар садо медиҳад. Аслан, ҳангоми шунидани ин калима, ки зери мафҳуми он ҷиҳоди исломӣ дар назар аст, дарзамон саҳнаи куштори ваҳшиёнаи одамон дар зеҳн падид меояд. Агар ба умқи «ҷиҳод» фурӯ равем ва ё мазмуни ин вожаро пажӯҳиш намоем, мебинем, ки он маънии мусбат дошта, ҳадафаш ҳифзи субот, таҳкими амният ва истиқрори сулҳу ваҳдат дар мамлакат мебошад. Бисёр боиси таассуф аст, ки гурӯҳҳо ва созмону иттиҳодияҳои террористию экстремистӣ ҳамчунон, ки дини мубини исломро доғдор карда, аз номи он ба тахрибкорӣ машғул мешаванд, зери мафҳуми калимаи «ҷиҳод» низ дар зеҳни мардум қатлу кушторро ҷилвагар менамоянд.

Аз таҳлили ҳодисоти солҳои охири мамолики Ироқу Сурия бармеояд, ки дар он ҷо ягон навъи ҷиҳод нест. Тавре гуфтем, қотилон, хунхорон ва ҷоҳилону бехудоёни ҷараёнҳои тундгаро аъмоли разилонаю ғайриинсононаи хешро, ки ҳамагӣ куштори одамони бегуноҳ мебошад, бо ибораи «ҷиҳоди исломӣ» ҷомаи шаръӣ мепӯшонанд ва гӯё дини поки ислом онҳоро ба ин кор амр намуда бошад. Магар рехтани хуни муъмин, ки пайғамбари ростгӯи ислом Муҳаммад (с) мусулмонро бародари мусулмон гуфтааст, ҷиҳод аст?! Магар дар ягон ояи китоби муқаддаси дини ислом Қуръони карим омада, ки шахси соҳибимонро қатл кардан ҷиҳод аст?! Не, ҳаргиз не! Баръакс Худованди бузург фармуда, ки «Ва хештанро … ба (вартаи) ҳалокат наафканед ва некукорӣ кунед! Ҳамоно Худо некукоронро дӯст медорад» (сураи «Бақара», ояи 195). Ин аст амри Офаридгори бузургу ягона.

«Дар Тоҷикистон соли 1999 Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», соли 2003-« Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифратгароӣ), соли 2007-«Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», соли 2009 «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» қабул шудаанд, ки дар онҳо мафҳумҳои асосӣ, принсипҳо, самтҳои асосии мубориза ба ин падидаҳо муайян шудаанд»[1].

Дарвоқеъ, ҷавонони мо, ки пиромуни масоили динию дунявӣ дониши казоӣ надоранд, ба осонӣ фирефтаи ҳиллаву найрангҳои равияҳои бадкешу ифротгаро мешаванд. Онҳо намедонанд, ки Худованд аз мардумозорӣ безор аст. Ростӣ, барои мо бисёр шигифтовар ва дарднок буд, вақте тавассути васоити ахбори умум иттилоъ ёфтем, ки чанд тан аз ҷавони тоҷик аз раҳбари созмони террористии ба ном «Давлати исломӣ» Абӯбакри Бағдодӣ иҷозаи ҷиҳод дар Ватани худ-Тоҷикистонро хостаанд. Магар дини ислом мегӯяд, ки амнияту сулҳу суботи зодгоҳи хешро барҳам зану ҳамватанонатро қатл намо? Магар ин ҷавонони даъвогари «Давлати исломӣ» нахондаанду нашнидаанд, ки Расули Худо, бунёдгузори дини инсонпарвари ислом, фармуда, ки «Дӯст доштани Ватан гӯшае аз имондорист». Пас, куҷост имони шумо, эй ҷавонони

---

[*] Камалитдинов Субҳонқул Камалиттдинович – Директори Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе.

[*] Алиев Одилҷон Алиевич – Дотсенти Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе.

[**] Алиев Одилҷон Алиевич – Дотсенти Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе.

[1] Искандаров Қ., Назаров Н., Абдуллоев Р. «Асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм: таҷрибаи ҷаҳонӣ». Маҷалаи илмии «Осори академия». Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1(17), 2012 сол, саҳ.13.

худобехабар?! Алъон ин тоифа ҷавонон метавонанд гӯянд, ки баъд аз ҷиҳод мардум осоишта зиндагӣ мекунанд? Не, наметавонанд, вале мо бо итминони комил ва далоили қавӣ мегӯем, ки дар кишваре, ки ба қавле, «ҷиҳод» шуд, дигар ҳаргиз халқ рӯи осудагиро намебинад. Барои мисол, дар кадом давлати мусулмонӣ, ки гӯё бо ҷиҳод дини исломро ҷорӣ карданд, амният побарҷост? Магар дар Ироқ, Сурия, Лубнон, Афғонистон, Ливия, Миср? Мо ба таври возеҳ зикр менамоем, ки ҳадаф аз ин «ҷиҳодҳо», ки баъзе мамолики абарқудрати ҷаҳон ба хотири манфиатҳои дохилии хеш роҳандозӣ мекунанд, ноором сохтани авзои сиёсӣ, мубталои сокинон ба фақру нодорӣ, бехонумонӣ, оворагӣ, кашмакашҳои дохилӣ ва бародаркушӣ мебошад. Нохалафону бадкирдорон масҷиду биноҳои маъмуриро метарконанду занону кӯдакон ва дигар ашхоси бегунохро мекушанд ва бадбахтона, аз номи дини ислом ба худ ниқоб сохтаанд. Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон таъкид намуд, ки «…номи поки исломро бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст. Тамоюли торафт қувват гирифтаистодаи сиёсӣ намудани ислом фақат бар зарари он сурат гирифта, дар назди оламиён симои поки аҳли онро манфур намоиш медиҳад». Дар ҷои дигари ҳамин Паём омада: «Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст».

Дар чунин вазъияти ҳассос ва печидаи ҷаҳони муосир суоле ба миён меояд, ки чӣ бояд кард, то аз ҳар гуна ҳодисоти номатлуб ва аъмоли ноҷавонмардонаю хиёнаткоронаи зумрае аз ҷавонони гумроҳу бегонапарасти тоҷик ва ашхоси манфиатҷӯю қотили хориҷӣ ҷилавгирӣ кунем.

Қабл аз ҳама, дар ин ҷода бояд ба тарбияи насли наврас аҳамияти хоса зоҳир намоем. Падару модаронро мебояд, ки бо дарки баланди масъулиятшиносӣ тамоми бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дар амал татбиқ кунанд. Зеро чуноне маълум аст, танҳо шахси солим бо мулоҳизаи солими хеш метавонад, ки таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии рӯзро дар тарозуи ақл санҷида, ба манфиати давлату миллати худ фаъолият намояд. Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд ва тавассути васоити ахбори омма иттилоъ меёбем, вазъи ҷинояткорӣ миёни ноболиғон нигаронкунанда аст. Ва Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар «Захират-ул-мулук» фармудааст: «Эй азиз, бидон, ки фарзанд амонати ҳақ аст, модару падар мусталабаи хуқуқи ин амонат дар маҷмааи қиёмат хоҳанд буд».

Кори дигаре, ки барои амнияту суботи мамлакат бояд ба анҷом расонем, дур кардани баъзе ба ном рӯҳониёни камсавод ва ҳангоматалаб аз минбарҳо мебошад. Воқеан ҳам, мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои шахсии мо нишон медиҳанд, ки зумрае аз ин гуна афрод ғояҳо ва аркони дини мубини исломро аз назар ва сатҳи дониши худ тавзеҳ мебахшанд, ки дар натиҷа каҷфаҳмиҳо ба амал омада, дар мафкураи ҷавонон вобаста ба дин ақоиди нодуруст ба вуҷуд меоянд. Ҳақиқати ҳол бозгӯи он аст, паёмади маҳз чунин ҳолатҳост, ки ҷавонон орзуи гирифтани таълимоти динӣ дар хориҷро мекунанд ва дар ниҳоят по аз марзи Ватан берун ниҳода, ба гурӯҳҳои террористӣ пайваст мешаванд. Мавриди зикр аст, ки аксар домуллоҳои мо худ намедонанд, ки созмонҳои ифротию такфирӣ зери кадом унвонҳо кор мебаранд, то ҷавононро аз мавҷудияти онҳо ҳушдор диҳанд. Бо итминони комил мегӯем, ки шумораи зиёди мавъизагарон бехабаранд, ки таҳти номи Давлати исломии Ироқу Шом созмону ҳаракатҳои бисёре, аз қабили «Ан-Нусра», «Артиши саҳоба», «Гурдон

Имом Бухорӣ», «Салафия», «Байъат», «Ҷундуллоҳ», «Ансоруллоҳ», «Толибон», «Тайиба», «Ҳаракати исломии Ӯзбакистон», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Муҷоҳидони қаҳрамони Шому Ироқ», «Ҷамоъати тавҳид ва ҷиҳод» фаъолият мекунанд, ки ҳамагӣ ифротию тундгаро мебошанд.

Омили дигаре, ки боиси пойдории истиқрори сулҳ дар мамлакат мегардад, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни ҷомеа тавассути ВАО аст. Дар воқеъ, ин амал аллакай роҳандозӣ гардида, ки ниҳоят саривақтӣ мебошад. Мебояд махсус зикр кард, ки дар фурудгоҳ ҳар нафарро, ки азми муҳоҷирати меҳнатӣ дорад, ҷиддӣ аз нагаравидан ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ огоҳонидан даркор.

Ба маврид ва мувофиқи мақсад мешавад, агар дар ин мавзӯъ, ки метавон онро мубоизаи идеологии муосир унвон кард, бештар олимон, адибон ва умуман, зиёиён нақши муассир гузоранд. Чуноне Президенти кишвар дар Паёми имсолааш зикр кард: «Бо дарназардошти вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалаҳои тавсеаи мафкураи миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, инчунин таҳқиқи масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳанд».

Таъкид менамоем, ки агар аҳли зиё нисбат ба манофеи давлату миллат беэътиноӣ зоҳир кунанд, бешак, ҷомеа торафт мазҳабитар шудан мегирад ва хатароту паёмадҳои онро дар мамолики ба ном исломӣ баръало дида истодаем. Тавре У.Черчил гуфтааст: «Ҳамин ки уқобҳо сокит шуданд, ҳамон замон тӯтиҳо овоз баланд мекунанд».

Ҳамзамон, мо бояд корҳои тарбиявиро дар муассисаҳои таълимӣ, хоса, макотиби олӣ тақвият бахшем. Зеро теъдоди бисёри ҷавонон аз манотиқи мухталифи кишвар ва ҳатто, хориҷ аз ҷумҳурӣ гирд меоянд ва равобити дӯстӣ миёни онҳо бояд ногусастанӣ бошад. Аз ин рӯ, донишҷӯён бояд дар рӯҳияи худшиносӣ, ватанпарастӣ ва инсонгароӣ тарбия шаванд.

Дар охир ҳаминро низ қайд карданием, ки барои баланд кардани сатҳи саводнокӣ ва маърифати динии ҷомеаи мамлакат тадбирандешӣ мебояд. Чуноне дар боло тавзеҳ бахшидем, ҷавонон аз донистани таълимоти динӣ не, баръакс, аз хурофот ва бесаводию каммаърифатӣ даст ба ҷиноят мезананд. Аз ин ҷиҳат, хуб аст, ки дар мактабҳои миёна ва олӣ таълими фанни “Маърифати исломӣ” аз нав барқарор карда шавад.

# К ВОПРОСУ О СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ АНТИЭКСТРЕМИСТСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Абдухамитов В.А.**[*]

В современной юридической литературе существует большое количество определений экстремизма[1].

В широком значении он определяется как идеология, предусматривающая принудительное распространение ее принципов, нетерпимость к оппонентам и насильственное их подавление. На наш взгляд, гораздо опаснее сама идеология экстремизма, ведущая к искажению мировоззрения личности и серьезным психическим аномалиям. При этом обычно выделяют три основные формы проявления экстремизма: политический, национальный и религиозный[2]. В данном случае представляется справедливым мнение В.В. Бирюкова о том, что подобное разделение экстремистских проявлений по политическому, национальному и религиозному признакам, которое присутствует в большинстве научных работ, посвященных этой проблеме, является условным, поскольку все факторы, влияющие на какое-либо социальное явление, находятся в тесном взаимодействии и взаимно влияют друг на друга. Поэтому и выделенные формы экстремизма, как правило, никогда в действительности не выступают в «чистом» виде[3].

Например, религиозный экстремизм обычно предусматривает не только распространение какой-либо религии, но и создание государственных или административных образований, в которых эта религия стала бы официальной и господствующей. При этом нередко преследуются и чисто экономические и политические цели. Таким образом, религиозный экстремизм несет в себе элементы экстремизма политического. Не менее часто здесь действует принцип, согласно которому представители какого-либо народа или нескольких народов заведомо считаются потенциальными сторонниками определенной религии, а все остальные - ее противниками. Представители экстремистских движений часто приравнивают национальность человека к его религиозным убеждениям.

В авангарде международного терроризма в Центральной Азии в наши дни шествует организация «Хизб-ут-Тахрир», претендующая на партийный статус. Стратегическая цель её: формирование всемирного Халифата. Конечно же, «Хизб-ут-Тахрир» стремится добиться прочного положения прежде всего в традиционно мусульманских странах. Поэтому, упреждая критическую развязку, правительства большинства из них объявили её вне закона. Стремление

* Абдухамитов Валиджон Абдухалимович – кандидат юридических наук, доцент, зав. кафедрой уголовного права Российско-Таджикский (славянский) университет.

1 Павлинов А.В. Антигосударственный экстремизм: уголовно-правовые и криминологические аспекты. М.: Юрлитинформ, 2008; Фридинский С.Н. Борьба с экстремизмом: уголовно-правовой и криминологический аспекты: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Ростов н/Д. 2003; Горшенков Г.Н. К вопросу о сущности экстремизма как уголовно-правового и криминологического феномена // Пробелы в российском законодательстве. 2008. № 1. С. 297-299. Узденов Р.М., Пудовочкин Ю.Е. Теоретические конструкции определения экстремизма: проблемы и перспективы // Криминологический журнал. 2008. № 8. С. 84.

2 См.: Пиджаков А.Ю. Борьба с политическим экстремизмом и терроризмом: Проблемы изучения // Правоведение. - 2003. - № 3. - С. 234-244; Кочои С.М. Расизм: уголовно-правовое противодействие: монография. - М.: ТК Велби, Проспект, 2007. - С. 22; Поминов С.Н. Принципы организации деятельности органов внутренних дел в сфере противодействия религиозному экстремизму // Закон и право. - 2007. - № 5. - С. 56-60; и др.

3 Бирюков В.В. Еще раз об экстремизме // Адвокат. - 2006. - № 12. - С. 59.

выжить и эффективно работать привели структуры «Хизб-ут-Тахрир» к состоянию военных формирований, действующих посредством конспиративных методов. Идейно-теоретическое и практическое воздействие направлено в первую голову на молодёжь. Данная социально-возрастная группа, не искушённая в житейских премудростях, наиболее податлива стороннему влиянию и охотно вбирает всё новое, не вникая зачастую в его суть.

Опыт противодействия угрозе религиозного экстремизма демонстрирует недостаточную результативность одних репрессивных мер. Конечно же, силовой напор должен встречать адекватный ответ. Главное же заключается в том, чтобы методами интеллектуального воздействия, убеждения, широкого культурно-образовательного просвещения взять верх над религиозными мракобесами, вывести из-под их влияния молодёжь. Стоит заметить, что, на наш взгляд, дело состоит не только в очередном всплеске радикальных настроений. Суть проблемы заложена более глубоко и основательно. Речь идёт о выборе путей дальнейшего цивилизационного развития народами огромного «субконтинента», традиционно именуемого как «исламский мир». Важнейшей его характеристикой выступает большая населённость и абсолютное преобладание среди жителей молодёжи. Не является исключением и фрагмент Центральной Азии, состоящий из постсоветских республик, людские ресурсы которого оцениваются в 50 миллионов, в массе своей молодых, человек.

Следует подчеркнуть, что за последние годы в Республике Таджикистан создана обширная нормативная правовая база в сфере предупреждения и противодействия террористической и экстремистской деятельности. Законодательство Таджикистана по противодействию экстремистской и террористической деятельности основывается на положениях Конституции Республики Таджикистан, общепризнанных принципах и нормах международного права. Правовую основу противодействия и борьбы с экстремизмом и терроризмом составляют законы «О борьбе с экстремизмом» от 8 декабря 2003 года[1], «О противодействии терроризму» от 16 ноября 1999 г[2]. В них определены правовые и организационные основы противодействия экстремистской и террористической деятельности, а также установлена ответственность за ее осуществление.

Из вышесказанного следует, что существующая система законодательства в Республике Таджикистан, отражающая правовую стратегию противодействия экстремизму и терроризму, в целом обладает достаточно полным набором правовых норм, позволяющих эффективно осуществлять борьбу с экстремизмом и терроризмом. Однако некоторые отделные положения вышеупомянутых законов не отвечает современным реалиям и уровню правового регулирования.

Так, в указанном Законе отсутствуют понятия «ваххабизм», «ваххабитская деятельность», «салафизм» и т.п. позволяющие отличать подобную деятельность от иных форм экстремизма. Также правовая некорректность является весьма опасной не только потому, что она ущемляет права и свободы граждан, но и потому, что в сложившихся условиях она может стать фактором, провоцирующим усиление религиозно-политического экстремизма. Однако в научной юридической литературе давно анализируются теоретические основы ваххабизма, обсуждается вопрос о том,

---

[1] См.: Закон Республики Таджикистан от 08.12. 2003 г. «О борьбе с экстремизмом» // Ахбори Маджлиси Оли РТ. 2003. №12. – Ст.697.

[2] Закон Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом» от 16 ноября 1999 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 1999. –№11. – Ст.275.

что ваххабитское течение содержит в себе положения и нормы, которые могут трактоваться как достаточно экстремистские, подстрекающие к посягательству на права и свободу граждан, пропаганду войны, разжигание национальной и религиозной вражды, а также могут использоваться для идейного обоснования терроризма[1].

В заключение отметим, что, по нашему мнению также необходимо правовое закрепление понятия «религиозный экстремизм», которое способствовало активизации на практике борьбы с данными противоправными проявлениями, определив правовую основу деятельности правоохранительных органов.

[1] Игнатенко А.А. Зеркало ислама. М., 2004.С.56.

# ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ПОСРЕДНИЧЕСТВО ВО ВЗЯТОЧНИЧЕСТВЕ

**Рустамова Ф.Н.***

Для рассмотрения вопроса о посредничестве во взяточничестве и борьбы с ним необходимо обратиться к истории возникновения взяточничества. Если обратить свое внимание на один из вопросов развития общества, то мы можем заметить, что такое негативное явление, как «коррупция» и смежное с ним «взяточничество» появились с момента существования государственного аппарата. И это даже не вызывает у нас сомнения, так как для граждан многих государств это уже реальная действительность – государственная служба и «неофициальная оплата ее работы». Это, конечно, достаточно опасный для общества стереотип, но бороться с ним и попробовать его разрушить достаточно сложно.

Еще в священных писаниях говорилось о запрете совершения действий, связанных со взяточничеством и оплатой справедливых или несправедливых решений, в частности судей. Например, в Библии о взятках написано следующее: «Руки их обращены к тому, чтобы уметь делать зло; начальник требует подарков, и судья судит за взятки, а вельможи высказывают злые хотения души своей и извращают дело (Мих.7:3). Коран же также указывает на запрет взяточничества – «И не поедайте ваших достояний меж собой попусту и не отдавайте его судьям, чтобы съесть часть достояния людей преступно, в то время как вы знаете (Корова: 188)». Все это свидетельствует о том, что такое явление, как «коррупция» даже с точки зрения религии достаточно тяжелый грех, ведущий к распаду человеческих отношений.

Если рассматривать историю развития взяточничества в России, то она берет свое начало еще в Древней Руси. Надо отметить, что первым легальным проявлением взяточничества явилось кормление – древнерусский институт направления князем своих воевод, наместников в провинцию без денежного вознаграждения, с тем чтобы они "кормились" (содержались) населением соответствующей территории. Воеводы ведали всеми делами в подвластном ему уезде: управляли войском, судили и назначали наказания, наблюдали за сбором налогов и т.п. При этом воеводы злоупотребляли своей властью, бессовестно брали вознаграждения, вымогали у жителей приношения, наживались на народной нужде. Они, как правило, назначались на два года, но вместо того чтобы управлять, большей частью стремились обогатиться в течение этого срока.

Однако система кормления не была эффективной. И поэтому в 1556 г. кормление было официально отменено, деньги, которые шли кормленщикам, отныне взимало государство в качестве налога. Из этого централизованного фонда можно было платить "помогу" служилым людям, хотя традиция жить и богатеть за счет подданных сохранилась. Особенно ярко это проявлялось в армии. В то время у России не было регулярной армии. Единственным постоянным войском были стрельцы, которые, когда заканчивалась война, разъезжались по домам. В мирное время эти люди кормились от поместья, иные также от вотчины; данное кормление лежало целиком на крестьянстве, прикрепленном к поместьям и вотчинам. Такой вид кормления назывался "кормление ратных людей". Только благодаря реформам Петра I были созданы регулярная армия и

* Рустамова Фарзона Нумоновна – преподаватель кафедры уголовного права Российско-Таджкский (славянский) университет.

флот, которые целиком содержало государство.

Существовал еще один вид кормления - кормление от дел. Так кормились люди разных чинов, начиная от боярина до самого мелкого служилого человека.

Петр I пытался бороться с данным негативным явлением достаточно жестко, он даже грозился издать указ, по которому любой, кто украдет у государства деньги, на которые можно купить веревку, будет повешен. Однако опасаясь остаться вовсе без подданных (ведь на тот момент воровали уже все госслужащие вплоть до генерал-прокурора Ягужинского), Петр так и не издал такой указ, ограничившись приказом вешать только крупных взяточников.

После Петра I эстафету по борьбе со взяточничеством приняли и другие правители – Екатерина Великая, Павел I, Николай I, но больших успехов в этом сложном деле также не было достигнуто.

Интересен тот факт, что о посредничестве во взяточничестве в это время почти не упоминалось. Хотя в некоторых законодательных актах и частично указывалось на то, что лицо может принять взятку лично либо через другого, но прямого указания на ответственность посредника не отмечается.

Впервые само понятие «посредничество во взяточничестве» достаточно завуалировано появляется в советском уголовном праве и упоминается оно как «сводка для взятки». В советском уголовном праве еще в начале мая 1918г. В.И. Ленин в записке народному комиссару юстиции Д.И. Курскому указывал: «Необходимо тотчас с демонстративной быстротой, внести законопроект, что наказания за взятку (лихоимство, подкуп, сводка для взятки и пр. и т.п.) должны быть не ниже десяти лет тюрьмы и, сверх того, десяти лет принудительных работ» [1]. По его инициативе 16 августа 1921г. СНК РСФСР принял новый декрет «О борьбе со взяточничеством», в котором, наряду с прочими положениями, предусматривал ответственность за посредничество во взяточничестве как самостоятельное преступление. В дальнейшем посредничество во взяточничестве также было указано в уголовных кодексах (УК РСФСР 1922 г., УК РСФСР 1926 г). В первоначальной редакции УК РСФСР 1960 г. ответственность за посредничество во взяточничестве не была предусмотрена. Однако 20 февраля 1962 г. Президиум Верховного Совета СССР Указом «Об усилении уголовной ответственности за взяточничество» специально оговорил данный состав преступления.

В постановлении Пленума Верховного Суда СССР от 31 июля 1962 г. «О судебной практике по делам о взяточничестве» предусматривалось, что посредником является тот, кто, действуя по просьбе или по поручению взяткодателя или взяткополучателя, способствует достижению или осуществлению соглашения о даче – получении взятки. Таким образом, посредниками во взяточничестве признавались лица, которые по инициативе взяткодателя или взяткополучателя либо содействовали установлению контакта между ними, достижению ими соглашения о даче – получении взятки (так называемое *«интеллектуальное посредничество»*), либо непосредственно передавали взятку (*«физическое посредничество»*). Такое понимание посредничества во взяточничестве было распространено и в научной литературе[2].

Иное, значительно более узкое толкование посредничества было предложено в постановлении Пленума Верховного Суда СССР от 23 сентября 1977 г. «О судебной практике по делам о взяточничестве», заменившем одноименное постановление от 31 июля

[1] Ленин В.И. Полн.собр.соч..Т.50.С.70

2 См.: Здравомыслов Б.В. Должностные преступления. Понятие и квалификация. М., 1975. С. 152.

1962 г. Согласно данному разъяснению посредником считалось лицо, которое, действуя по поручению взяткодателя или взяткополучателя, непосредственно передавало предмет взятки. Таким образом, данное определение уже не охватывало различные виды интеллектуального посредничества (например, сведение взяткодателя и взяткополучателя, передача условий соглашения и др.), которые в соответствии с указанным постановлением рассматривались как соучастие во взяточничестве.

Также следует отметить, что аналогичное разъяснение было дано в п. 8 постановления Пленума Верховного Суда СССР от 30 марта 1990 г. «О судебной практике по делам о взяточничестве». При этом вопрос о соотношении *посредничества* и *соучастия* во взяточничестве в данном постановлении однозначно решен не был - в ходе квалификации соучастие во взяточничестве фактически поглощало посредничество: «Лицо, которое организует дачу или получение взятки, подстрекает к этому либо является пособником дачи или получения взятки и одновременно выполняет посреднические функции, несет ответственность за соучастие в даче или получении взятки. В этих случаях дополнительной квалификации по ст. 174.1 УК РСФСР (предусматривающей ответственность за посредничество во взяточничестве) не требуется»[1].

Уголовные кодексы Российской Федерации и Республики Таджикистан до определенного времени имели почти идентичный набор статей, затрагивающих вопросы взяточничества. Но 4 мая 2011 года Федеральным законом за № 97-ФЗ "О внесении изменений в Уголовный кодекс Российской Федерации и Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях в связи с совершенствованием государственного управления в области противодействия коррупции" в уголовный кодекс РФ была введена статья 291.1 «Посредничество во взяточничестве». Данный Федеральный закон своим появлением указал на определенное ужесточение политики государства в отношении не только самого факта взятки, но и какого-либо содействия в его появлении.

Необходимо понимать, что посредничество во взяточничестве – это достаточно негативный факт, который тормозит эффективную работу государственных органов. Во многом отношение к посредничеству не так отрицательно, как в случае с другими преступлениями коррупционного характера, но, наш взгляд, это недостаточно верно. Если рассматривать действия посредника по норме уголовного закона, то они заключаются в непосредственной передаче взятки по поручению взяткодателя или взяткополучателя либо ином способствовании взяткодателю и (или) взяткополучателю в достижении либо реализации соглашения между ними о получении и даче взятки. Изначально действия посредника выглядят, как обычная передача взятки или оказания содействия, но необходимо учесть, что в момент совершения им данного преступления он осознает опасность и последствия своих действий, а также во многом понимает и то, что взятка, переданная должностному лицу, может являться платой и за незаконные действия.

---

1 См.: Артеменко Н.В., Минькова А.М. Проблемы уголовно-правовой оценки деятельности посредника, провокатора и инициатора преступления в уголовном праве РФ // Журнал российского права. 2004. № 11. С. 48-54.

# ЭКСТРЕМИЗМИ СТРАТЕГӢ: ШАКЛ, МАЗМУН, ОМИЛҲО ВА УСУЛҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

**Асламов Б.С.,***
**Қосимов Ф.М.****

Зимни баррасии ин ё он падидаи иҷтимоӣ мо ба моҳият, ба аломатҳои фарққунандаи он, ки барои ҷудо намудани ин падида аз як қатор зуҳуроти дигар, вале гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ имкон медиҳанд, мароқ зоҳир мекунем, мо пеш аз ҳама мекӯшем падидаи мавриди назарро муайян намоем. Зимни таҳлили экстремизм низ ҳамчунин аст. Ин кори он қадар осон нест, чунон ки дар аввал менамояд, зеро таркиби ин падида хеле мураккабу печида аст. Зуҳуроти гуногуни экстремизм ҳамчун бадии ногузир хоси ҳаёти ҷомеаи муосир мебошанд.

Экстремизм (аз лотинӣ extremus) канорагирӣ мансубият ба ақидаҳои ифротӣ, чорабиниҳо дар сиёсатро дар бар мегирад. Ба ин чорабиниҳо иғво, бетартибиҳои ҷамъиятӣ, амалҳои террористӣ, усулҳои ҷангҳои партизанӣ дохил мешаванд. Гурӯҳҳои радикалии экстремистӣ ба ягон созиш, мувофиқа ва шартҳо розигӣ намедиҳанд. Сабабҳо ва омилҳои экстремизмро дар ҷомеа олимон дар бухронҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сатҳи пасти камбизоатӣ, набудани маърифати ҳуқуқӣ, холигии фазои идеологӣ мебинанд. Аз рӯи ақидаҳои танзимгари ҳаракати байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи халқҳои дунё В.Д. Трофимов-Трофимов «Экстремизм-ин идеологияи дастрасии иҷрои чорабиниҳои қатъӣ, рафтори экстремистии иҷтимоӣ барои ба даст овардани самараи дилхоҳ мебошад[1]».

Қарори Асамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо, ки соли 2003 қабул шудааст ин масоилро чунин пешниҳод намудааст. «Экстремизм ҳамчун шакли фаъолияти сиёсӣ баромад менамояд, идеологияи демократияи парлумониро рад намуда, дар идеология ва амалияи худ қаноатнакуниро дар шакли миллатгароӣ, бадбинии мазҳабӣ, нажодпарастӣ истифода менамояд».

Дар «Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм» аз 15 июни соли 2001 банди 3, қисми 1, моддаи 1 чунин омадааст: «Экстремизм-ин ягон намуди амал барои бо роҳи зурӣ гирифтан ва нигоҳ доштани ҳокимият, ба таври зурӣ тағйири сохти конститутсионии давлат, баробар ба суйиқасд ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумлаи ташкил ва бунёди дастаҳои ҳарбии қонунӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва иштирок дар онҳо ба шумор меравад, ки аз нигоҳи тартиби ҷиноятӣ дар қонунгузории миллӣ таъқиб карда мешавад[2]».

Мафҳуми экстремизм дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, чунин омадааст: э***кстремизм*** – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноорОмӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва азонихудкунии салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад[3].

Дар Федератсияи Россия таҳти роҳбарии Вазири корҳои дохилии Россия Колокольтсев Владимир Александрович «Стратегияи муқовимат бар зидди экстремизм то соли 2025 ба Шӯрои амнияти Россия

---

* Асламов Б. – муовини сардори факултети №2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники милитсия.
** Қосимов Ф.М. – сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

[1] Ниг.пурра: Трофимов-Трифимов В.Д. Экстремизм. М.2011.

[2] Конвенсияи Шанхай дар мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм. Шанхай, 15.06.2001.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, № 69

21-ноябри соли 2014 пешниҳод гардида, қабул карда шуд».

Охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар ҷомеаи башарӣ майлонҳои таҷовузкоронаи инсон бештар ба назар мерасид, ки дар шаклҳои гуногуни экстремизм зуҳур менамуданд. Омилҳои бавуҷудоварандаи экстремизм бахусус баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ баръало ба назар мерасиданд, инҳо пеш аз ҳама заиф гаштани вазъи амниятӣ, коҳиши сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, кушодашавии сарҳадҳо барои тиҷорат, ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, муҳоҷирати беназорат, афзудани шаклҳои гуногуни ҷиноятҳои трансмиллӣ вобастагии зич доранд. Яке аз зуҳуроти паҳншавии экстремизмро олимон дар душвориҳои иҷтимоишавии ҷавонон дар муносибатҳои бозори ҷаҳонӣ медонанд, ки дар он сармоя (капитал) ҳамчун меҳвари асоси баромад мекунад ва ин сармоя ба гуруҳҳои экстремистӣ интиқол дода шуда, онҳоро ҳам аз ҷиҳати молиявӣ ва идеологӣ ба тарафи худ майл менамояд. Омилҳои равонии экстремизм ҷавононро ҳамчун муболиғи «роҳи адолату ҳақиқат», «ҷиҳоди глобали барои ислом», кайҳо боз ба тарафи худ кашида истодааст. Дар «гесталпсихология [1] » шахсияти экстремист ҳамчун дарки фаъолияти образноки айниятшудаи этникӣ, динӣ, сиёсӣ баромад мекунад, ки гуё рафтору кирдори вай комилан дуруст буда, дигарон бояд ба он тақлид намоянд, аз он лаззат бурдан ҳамчун раванди нави модери аз ҷониби ҷавонон қабул карда шаванд, ки дар воқеяти реалӣ ин дарки бешуурона ва комилан ғалат мебошад. Пас ба идеологҳои экстремистӣ чӣ гуна муяссар мешавад, ки ҷавононро ба сӯи худ ҷалб намоянд. Дар ин ҷода тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кайҳо боз мафҳуми экстремизм хусусияти стратегӣ гирифтааст. Дар як худи ИМА беш аз 500 гурӯҳҳои экстремистӣ амал менамоянд, ки нерӯҳои интизомии ин мамлакат доимо бо онҳо дар мубориза мебошад.

Стратегия (калимаи юнонӣ, Stratoqos- лашкар, aqo-мебарам) ба ду маъно фаҳмида мешавад, аввалан қисми таркибии санъати ҳарбӣ, дуюм санъати роҳбарӣ ба муборизаи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, нақшаи умумии пеш бурдани муборизаи мазкур бо назардошти ҷобаҷогузорӣ ва таносуби қувваҳои асосии он.

Паҳншавии идеалогияи экстремизми динӣ дар ҷаҳон солҳои 70-уми асри XX оғоз гашта буд, ки он замон Иттиҳоди Шуравӣ по бар ҷо буд. Паҳншавии ақидаҳои экстремисти тавассути эмиссарҳои хориҷӣ 3-марҳилаи асосиро дар бар мегирад.

1.Солҳои 70-80 дар кишварҳои Араб (Миср, Сурия, Алҷазоир).

2.Солҳои 80-ум дар Афғонистон.

3.Солҳои 90-ум дар ҳудуди собиқ давлатҳои Шуравӣ (Россия, Осиёи Марказӣ, Украина, Озорбойҷон), дар кишварҳои Балкан, Аврупои Ғарбӣ ва қитъаи Амрико.

Бархурдҳои геополитики байни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА дар хоки Афғонистон боиси рушди тамоилҳои экстремистӣ гаштанд, ки оқибатҳои он ҳоло ҳам хатарҳоро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд оварда истодаанд.

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ зуҳуротҳои гуногуни экстремизм аз қабили экстремизми динӣ, экстремизми миллӣ, экстремизми этникӣ ва сиёсӣ дар Қавқози Шимолӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоили болоравиро ба худ касб намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки экстремизми стратегӣ омилҳои зеринро доро мебошанд:

1.Зиддиятҳои байнидинӣ ва мазҳабӣ.

2.Зиддиятҳои байниэтникӣ ва фарҳангӣ-этникӣ.

3.Зиддиятҳои сиёсӣ (байни қувваҳои сиёсӣ барои ҳокимият).

4.Зиддиятҳои байнимиллӣ.

5. Зиддиятҳои байнисинфӣ.

6. Зиддиятҳои иқтисодӣ-бозорӣ.

7. Зиддиятҳои идеологӣ.

Албатта ҳамаи омилҳо

[1] Аз немиси Gestalf-шахсият, образ, шакл-мактаби психологии ибтидои асри 20.

зикргардида таъсиррасон мебошанд, вале маҳз омили идеологӣ хусусияти глобалӣ гирифтааст. Сабаби асосии дар он мебошад, ки дар марҳилаи бунёди ҷомеа ҳама вақт идеология, асотир, қиссаҳо маъруф буданд, ки одамон новобаста аз тассавуротҳои диннӣ ба онҳо бовари ва эътиқод доштанд, бинобар ин дар давлатҳои демократӣ, ки мафкураи идеологияи ҳукумрон манъ аст, маҳз идеологияҳои экстримистӣ кушиш ба харҷ медиҳанд, ки ин холигиро пурра гардонида ба он хусусияти глобалӣ диҳанд. Дар навбати аввал идеологияи онҳо кам буда, аз ҳисоби эмиссарони хориҷӣ маблағгузори шуда, сипас доираи тарафдорони худро тадриҷан зиёд менамоянд. Доираи васеъи таъсиррасониро онҳо бояд дар издиҳом дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, майдонҳо, кӯчаҳо ҳатто масҷидҳо бояд гузаронанд. Баъд аз паҳншавии идеологӣ он ҳамчун «мӯд» ё «клуб»-и ҳамраъӣ амал карда аз иқтидори идеологӣ ба иқтидори ҳарбӣ ҷангҷуёна мегузарад.

Идеология – системаи ақида ва афкор буда, дар онҳо муносибати байни одамон дарк ва баҳогузори карда мешаванд, ки муносибати байни одамон, проблемаҳои иҷтимоӣ ва низоъҳо, мақсади барномаи фаъолияти иҷтимоиро барои мустаҳкам намудан ё тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бар мегирад[1].

Идеология ин тассавурот дар бораи зарурият аст. Идеология ба он тарафе майл менамояд, ки он бояд вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин ҷанбаи идеологии экстремизм хеле фаъол мебошад, ки аз он идеологҳои экстремист ба таври самаранок истифода мебаранд. Ҳеҷ як ҷомеа бе идеология нест, ҳар чанде, ки давлати Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давлати идеократӣ барҳам дода шуд. Идеология ҳамчун асоси тартиботи ҷамъиятӣ баромад менамояд, аммо на идеологияи радикалӣ ва экстремистӣ.

Тағирот ва таҳавулотҳои демократи дар ҷомеа боиси плюрализми сиёсӣ гардиданд, аммо дар ин гуногунандешӣ дар кишварҳои мусулмоннишини Иттиҳоди Шуравӣ, бартари ва афзалиятро маҳз идеологияи диннӣ гирифт. Идеалогияҳои диннӣ тадриҷан баъди чанд даҳсолаи охир афзалиятро ба тарафи худ гирифтанд.

Мафҳуми фундаментализми исломӣ дар асри XX пайдо нагашта, тарафдорони идеяҳои фундаменталистонро салафиҳо асосан ҷонибдор мебошанд.

Равияи «Салафия» дар охири асри XVIII аз ҷониби пайрави дини ислом, шаҳрванди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ – Муҳаммад Ибни Абдулваҳоб дар асоси ғояе, ки аз тарафи олими дини Ибни-Таймийр дар аввали асри XIV пайдо шуда, шурӯъшавии ҳаракат аз шаҳрҳои Макка ва Мадина оғоз ёфтааст.

Таҳлили маълумотҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки пайравони ҷараёни «Салафия» тарафдор ва ҷонибдорони «Ҷавонони ислоҳотхоҳ»-и охирҳои солҳои 70-ум ва аввали 80-ум асри XX, ки бо номи «Ваҳобия» ном бароварда буданд, мебошанд.

Онҳо дар вақтҳои охир ошкоро дар байни аҳолии ҷумҳурӣ таблиғоти равияи «Салафия»-ро бурда истодаанд. Агар «Ҷавонони ислоҳотхоҳ»-и дини исломи асри XX ба толибилмони исломӣ таваҷҷуҳ ва такя карда бошанд, пешвоён ва пайравони ҷараёни «Салафия» баръакс ба ҷавонон, донишҷуёни донишкадаву донишгоҳҳои олӣ, зиёиёни тоҷик таъсири худро расонда, рӯз аз рӯз сафи худро аз ҳисоби онҳо зиёд карда истодаанд.

Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.01.2009 сол оиди маън намудани фаъолияти «Салафия» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун ташкилоти экстремистӣ эълон шудани он, интишор шуд[2].

Фундаменталистони исломӣ бо

---

[1] Ниг.пурра: Философский-энциклопедический словарь. М. 1989.

[2] Маҷидзода Ҷ.З., Назаров Н. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ. Душанбе-2014. С.122.

фаҳмишӣ махсуси базавии ҳақиқатҳои диннӣ такя менамоянд. Эҳёи осори асримиёнагии исломӣ аз ҷониби онҳо дастгири ёфта, онро барои ҷомеаи муосир асосӣ меҳисобанд, аз ҷумла бунёди давлати теократӣ (тео-худо, кратия – ҳокимият аз забони юнонӣ). Ба давлатҳои теократии исломӣ шоҳигарии Арабистони Саудӣ, шоҳигарии Бруней ба ҳисоб меравstartанд, ки афзалият дар модели теократӣ ба истиқлолияти «осмонӣ» аз ҷониби худо дода шуда, роҳбарии олӣ ба рӯҳониён дода мешавад. Давлатдории теократӣ на танҳо ба ислом балки ба дини насронӣ низ хос аст, аз қабили давлати монархияи теократӣ Ватикан. Дар ҳамаи давлатҳои теократӣ шакли идоракуние мебошад, ки дар он дин аз болои давлат ҳукмрон мебошад.

«Фундаментализми исломӣ аз назарияҳои гуногун иборат аст:

1. Бунёдгарон дар асоси исломи ортодоксалӣ ба воқеияти олами муосир муносибатро муайян менамоянд. Ба Қуръон ва сунна такя карда, метавонанд модернизатсияи ҷомеа ва махсусан ҷиҳатҳои техникии онро қабул намоянд. Аммо онҳо ҳеҷ гоҳ раванди всетернизацияро қабул надоранд.

2. Бунёдгарои ҳамчун идеологияи диннӣ таъкид менамояд, кии слом ҳамаи масъалаҳои инсониятро ҳал менамояд. Ҳаёти шахс ва ҷомеаро бо мақсади муайян, ғайризиддиятнок ва мавзуи равон карда метавонанд.

3. Бунёдгарои «назарияи таркиши бузург»-ро қабул доранд. Мувофиқи ин назария бояд ба исломи ибтидоӣ баргашт [1] »- менависад профессор Зокиров Г.Н.

Тибқи коркардҳои хадамотҳои махсус ва амали намудани назарияи идоракунии бесарусомони механизмҳои бо зури ғасб кардани ҳокимияти сиёсӣ соли 2011 дар кишварҳои Африкаи Шимолӣ маълум бо «Баҳори арабӣ» зуҳур намуд. Тунис, Алҷазоир, Миср, Либиё ба доми зуҳуроти экстремистӣ кашида шуданд, ки дар натиҷа:

-Тунис зери таъсири гуруҳҳои радикалӣ қарор гирифт;

-Миср 5,5 милиард доллари ММД-ро аз даст дода ба ҷанги шаҳрванди ворид гашт;

-Либиё давлатдориашро аз даст дод;

-Дар ҳудуди Сурия ва Ироқ ДИИШ зуҳур кард (40 фоиз ҳудуди Сурия ва 25 фоиз Ироқ ба тобеъияти ДИИШ гузашт).

-доираи экстремизм васеъ гашта, ба сари Давлати исломии Афғонистони ҷангзада, бори дигар дар либоси нав зуҳур кард (ҷангҷуёни ДИИШ ба хоки Афғонистон роҳ ёфтанд);

-аз рӯи маълумотҳои таҳлилгарони сиёсӣ ДИИШ аз доираҳои молиявии Арабистони Саудӣ, Қувейт, Қатар, Иттиҳоди муттаҳидаи Араб ёрии молиявӣ гирифта, аз ҷониби дигар аз фуруши нафти арзон дар минтақаҳои ишғолӣ даромади калони молиявӣ мегирад.

-Дар 30 давлати ҷаҳон 60-созмонҳои ҷиҳодӣ ба ДИИШ қасами садоқат ёд намудаанд.

ДИИШ се ҳадафи асосиро дар назди худ гузоштааст:

Ҳадафи наздик – мустаҳкам шудан дар минтақаҳои забткардаи Сурия ва Ироқ. Ҳадафи миёна – экспансияи (ғасби) Арабистони Саудӣ. Ҳадафи охирин - ҳукумронии ҷаҳон.

Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи тадқиқотҳо омилҳои зерини экстремизмро асосан дар байни ноболиғону ҷавонон муайян намудааст;

1.Сатҳи пасти иҷтимоӣ – иқтисодии аҳолӣ: бекорӣ, фақр, коррупсия.

2.Таблиғоти шадиди гуруҳҳои экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, моҳворавӣ;

3.Омода набудани ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ аз нигоҳи идеологӣ ва сиёсӣ;

4.Муҳоҷирати меҳнатӣ;

5.Бесаводии динӣ, дур будан аз

[1] Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе, 2008. С.45.

исломи сунатӣ (мазҳаби Имоми Аъзам);

6.Фаъолияти густурдаи эмиссарони хориҷии экстремистӣ;

7.Бухрони психологии ҷавонон;

8.Омилҳои марзӣ (ҳамсарҳадӣ бо Афғонистон);

9.Заифии дунявият дар байни аҳолӣ, бахусус деҳот;

10. Маърифати пасти ҳуқуқии аҳолӣ, бахусус ҷавонон;

11.Таълими (ғайридинии) ғайриқонунии ҷавонон дар хориҷи кишвар дар марказҳои исломӣ.

Баъзаи иҷтимоии экстремизмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан ҷавонон (аз 18 то 35 сола) ташкил медиҳанд, ки фаҳмиши мукамаллӣ сиёсӣ ва динӣ надоранд, ҳамчун экстремизми ҷавонон низ ном бурда мешавад.

Ҳамаи созмонҳои экстремистиро ба 3-намуд ҷудо менамоянд:

1.Ҳаракатҳои экстремистӣ, ки мақсади содир намудани ҷиноятро доранд, инчунин коркарди нақши ва шароитҳои содиршавии онҳо.

2.Иттиҳодияи экстремистӣ, барои содир намудани ҷиноятҳои таъсирашон хурд ва миёни ба ҷомеа.

3.Ҳаракати экстремистӣ, ки бо мақсади тайёр намудани ҷиноятҳо дар асоси бадбинии идеологӣ, нажодӣ, сиёсӣ, диннӣ ва миллӣ бунёд мегарданд.

Чорабиниҳои пешгирикунандаи экстремизм дар байни ҷавонон ҷанбаҳои педагогӣ, психологӣ ва амалӣ доранд, ки айни замон онҳо бояд мавриди истифода қарор гиранд.

Пешгирии экстремизм дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ:

-таҳлили фалсафӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ки дар байни ҷавонон ба вуҷуд меоянд;

-таҳияи барномаҳои мушаххаси давлатӣ дар муқовимати зидди экстремизм;

-чорабиниҳои тарбиявии муҳити иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани таҳамулпазирӣ;

-гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ, фароғатӣ-маишӣ;

-фаъолияти босамари созмонҳои ҷамъиятӣ;

-ҷамъовари ва иттиҳодбандии нерӯҳои зеҳнии ҷавонон;

-ба вуҷуд овардани муҳити созандаи муошират байни миллатҳо ва дину оини мухталиф;

Ба намудҳои бозгукунандаи фаъолиятҳо: варзиш, сайёҳӣ, клубҳои эҷодӣ, техникӣ, санъат фарогирии ҷавонон.

Мутаасифона дар байни категорияҳои ҷавонони мо чунин барномаҳои иҷтимоӣ на ҳама вақт амалӣ мегарданд, ки боиси ба вуҷуд омадани экстремизм дар байни ҷавонон мегардад.

19 майи соли 2015 дар шаҳри Вашингтони ИМА саммити байналмиллалӣ оид ба экстремизм баргузор гардид, ки дар он Котиби Генералии СММ Пан Ги Мун баромад карда 4 самти пешгирӣ ва муқовимати зидди экстремизмро баён доштааст:

*Якум*, муайян кардани омилҳои экстремизм, пеш аз ҳама ин коррупсия ва ноадолатиҳои иҷтимоӣ, коркарди стратегияи комплексии инкишофи инсон, ҷаҳон, иттиҳодӣ ва сулҳ.

*Дуюм*, пешгирии экстремизми зуроварӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонунигардонии фаъолияти гуруҳҳои мухолиф, оппозитсияи конструктивӣ (созанда).

*Сеюм*, муносибати дастҷамъона ба мубориза зидди экстремизм, на танҳо бо роҳи амалиёти ҷангӣ, ба вуҷуд овардани фазои сиёсии иштироки омил дар фаъолият ва равандҳои сиёсӣ дар чорчубаи қонунгузории давлатҳо.

*Чорум*, аз байн бурдани экстремизм проблемаи глобалӣ, ки Шимолу Ҷануб, Шарқу Ғарб, минтақаи муайян, қитъаи алоҳида ё дин надорад. Як кишвар ё ташкилот дар алоҳидагӣ ба он мубориза бурдан наметавонад, аз ин рӯ мубориза бояд дастҷамъона бошад.

# ХАТАРИ УМУМИҶАҲОНИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

**Буриев Ф.А.***

Шукргузор аз онем, ки имрӯз мо дар фазои давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона фаъолияти корӣ, хизматӣ, илмӣ, эҷодӣ, омӯзгорӣ ва дигар фаъолиятҳои мухталифи ҷомеаро ба роҳ монда истодаем.

Терроризм ва эктремизм ҳамчун зуҳуроти аз ҳама хавфноктарин ва басо мушкили пешбинишавандаи ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад, торафт шаклҳои гуногуни таҳдидомез ва хатари умумиҷаҳониро ба худ касб мекунад. Амалиётҳои террористӣ ва шомил шудан ба гурӯҳҳои эктремизми боиси қурбониҳои зиёди инсонӣ мегарданд, ба оммаи васеи одамон фишори сахти рӯҳӣ меоранд, арзишҳои моддиву маънавиро нобуд месозанд, дар байни давлатҳо тухми нифоқ мепошанд, байни гурӯҳҳои иҷтимоиву миллӣ нобоварӣ ва адоватеро пайдо мекунанд, ки баъзан дар муддати ҳаёти як насл онҳоро бартараф кардан аз имкон берун мегардад.

Амалиётҳои террористӣ бо истифода аз техникаи навтарин, силоҳ ва воситаҳои алоқаи замони муосир сол ба сол муташаккилтар ва бераҳмонатар мегарданд. Дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гуруҳҳои гуногуни сиёсӣ ва миллатгаро барои расидан ба мақсадҳои худ методи терророро касб намуда, барои худ муассисаҳои зиёди ба таври пинҳонӣ амалкунанда, анборҳои силоҳ ва маводи тарканда ташкил намудаанд. Онҳо бо номи фирмаҳо, ширкатҳо бонкҳо ва фондҳо амал мекунанд.

Ба маврид аст, ки барои мубориза алайҳи ин падидаҳои бениҳоят хатарнок саъю кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст, ки дар сатҳи олии ҳамаи давлатҳо бояд ба танзим даровarда шавад. Барои амалӣ гардидани амалиёти самаранок оид ба мубориза бар зидди терроризм дар навбати аввал заминаи ҳуқуқии ин мубориза бояд гузошта шавад. Ин аст, ки давлатҳои мутамаддини ҷаҳон қонунҳои миллӣ дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва эктремизимро қабул мекунанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти №69:

экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва азонихудкунии салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад.[2]

Фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) – ин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилотҳо ё воситаҳои ахбори умум ё шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр ва амалӣ намудани кирдорҳое мебошад, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон намудани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Ҳамчунин, фаъолияти экстремистӣ барои суст кардани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғасб намудан ва аз худ намудани мансабҳои ҳокимиятӣ, ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона карда мешавад.

---

* Буриев Фирдавс Аҳмадович – ходими калони илмии ШТИ ва ТН ва унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД ҶТ, лейтенанти калони милитсия.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти №69,

Экстремизм тамоюл ба зӯроварии хусусияти сиёсидошта дорад. Инчунин, он барои амалӣ гардонидани сиёсат оид ба бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти давлатӣ, ғасб намудани ҳокимият, муқаррар намудани низоми фашистӣ ва ё дигар шаклҳои идоракунии диктаторӣ равона карда мешавад. Ба зуҳуроти эктремизм, инчунин, даъват барои мунтазам поймол ва вайрон кардани ҳуқуқи озодиҳои инсон, истисмори одамон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба ягон миллат ё нажод дохил мешаванд[3].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 мафҳуми терроризм чунин омадааст: Терроризм – яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеъӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобудсохтан (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) молу мулк ё дигар обектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии молу мулкӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналмиллалии таҳти ҳимояи байналмиллалӣ қарордошта ё аъзои бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти шахсоне, ки таҳти ҳимояи баналмиллалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналмиллалӣ содир шуда бошанд, эътироф мешавад[4].

Дар ҳуҷҷатҳои Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ду намуд террор маънидод карда мешавад: якум, терроризм ба мақсадҳои сиёсӣ – яъне дигаргун сохтани сохти давлатдорӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, воҳима андохтан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, пайдо кардани нобоварии халқ нисбати ҳукумат, президент, фалаҷ гардонидани фаъолияти мақомоти сохторҳои давлатӣ.

Дуюм, терроризми ҷиноятӣ – яъне гуруҳҳои ҷиноятькорони муташаккил ҷиҳати барои худ фароҳам овардани вазъияти мӯътадил, ки ҳеҷ кас садди роҳи онҳо намешавад ва шароит муҳаё месозанд барои содир кардани ҷиноят, масалан, ҷиноятҳои трансмиллӣ, бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор алоқамандбуда ва дигарҳо. Дар соҳаи иқтисодиёт бо роҳи террористӣ онҳо рақибони худашонро метарсонанд ва мақомоте, ки ба ҷиноятҳои муташаккил сару кор доранд, ба дигар корҳо ҷалб менамоянд.

Азбаски, ин ду намуди терроризм ба якдигар алоқа доранд,

---

3 Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар бораи «Муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои муосир дар минтақаи Осиёи Марказӣ: дастовардҳо ва дурнамоиҳои Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва коррупсия» Душанбе, 19 июни соли 2014; омилҳои паҳншавии назария ва амалияи экстремизм ва терроризм: тарз ва воситаҳои мубориза ба он Ятимов С.С. с.38-41

4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», 16-уми ноябри соли 1999 № 846, с.4-5

ташкилотҳои террористӣ гурӯҳҳои ҷинояткори муташаккилро, ки дар соҳаҳои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, хариду фурӯши силоҳ ҷиноятҳои трансмиллиро истифода мебаранд ва ҳатто бо пулу силоҳ ва моддаҳои нашъовар таъмин мекунанд, байни якдигар ҳамкорӣ доранд[5].

Ташкилотҳои террористии байналхалқӣ дар тамоми дунё бо якдигар ба тариқи шабакаи интернет ва дигар воситаҳо дар тамос буда, ҳамкорӣ мекунанд.

Олимону коршиносон оид ба сабабҳои пайдоиши терроризм як қатор корҳои тадқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки фаъолияти террористонро ҳеҷ вақт ҳимоя кардан лозим нест. Масалан, террористони покистонӣ, толибон, террористони Ирландияи Шимолӣ ва Индонезияро онҳо ҳамчун гурӯҳҳои озодихоҳ, ки барои Ватан ва озодии миллат мубориза мебаранд, маънидод мекунанд. Ё худ амалиётҳои курдҳо дар Туркия ва Ироқ низ ба ҳамин раванд мансуб мебошанд. Ин албатта терроризми сиёсӣ ба ҳисоб меравад, лекин бо ин роҳ одамони бегуноҳ ба ҳалокат мерасанд ва зарари иқтисодии калон расонида мешавад. Барои ҳамин, терроризм аз тарафи тамоми давлатҳо ва ташкилотҳои байналмиллалӣ маҳкум карда мешаванд.

Фарқияти терроризм ҷиноятӣ аз терроризми сиёсӣ дар ҳамин аст, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор барои мутташаннич гардонидани вазъият ва содир кардани ҷиноятҳои дигар, масалан, барои амалӣ сохтани акти террористӣ, шароит муҳаё сохта, ба ин васила диққати мақомоти дахлдорро ҷалб мекунанд.

Аммо, дар ҳарду сурат мақсади онҳо, зарба задан ба сохти давлатдорӣ, паст намудани сатҳи бехатарии давлат ва шубҳа андохтан дар дили мардум мебошад ва дар ҳарду ҳолат аҳолии бегуноҳ зарар дида, амнияти ҷамъиятӣ халалдор мегардад.

Азбаски, ташкилотҳои террористӣ бо ҳам муносибатҳои зиёд дошта, яке аз воситаҳои асосии ҷиноятҳои муташаккил ба ҳисоб мераванд, кӯмаки иқтисодии онҳо ба воситаи ҷиноятҳои трансмиллӣ таъмин карда мешаванд. Гурӯҳҳои муташаккил гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ҳар сол дар дунё гурӯҳҳои ҷинояткор садҳо миллиард доллар фоида мебинанд, ки аз ин ҳисоб саросар ташкилотҳои террористиро бо силоҳ ва лавозимоти ҳарбӣ, озуқаворӣ ва ғайра таъмин менамоянд.

Заминаҳои ҳуқуқиро ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм дар сатҳи байнидавлатӣ ва байналмиллалӣ ҳуҷҷатҳои мухталиф ташкил медиҳанд.

Ҳамкориҳои байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба мубориза бар зидди терроризм санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии бисёрҷониба, санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии минтақавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии дуҷониба ташкил медиҳанд, ки онҳо барои таъмини сулҳ, амнияти инсоният, ривоҷу равнақ ёфтани муносибатҳои байналмиллалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус ҷинояти терроризм ва экстремизм мувофиқи Оиномаи Созмони Миллали Муттаҳид мусоидат мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти муаззафи он мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ ва принсипҳои он дар масоили мубориза бар зидди терроризм бо мамлакатҳои хориҷӣ ва мақомотҳои дахлдори онҳо, ба ғайр аз ин ташкилотҳои байналмиллалие, ки бо терроризм мубориза мебаранд ва ба ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагони он мусоидат менамоянд, ҳамкорӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бо мақсади ҳамкорӣ дар мубориза алайҳи терроризм шартномаҳо ва созишномаҳои дутарафа оид ба ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар масоили шаҳрвандӣ, оилавӣ,

---

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» , 16-уми ноябри соли 1999 № 846, с.4-5.

ҷиноятӣ, тиҷоратӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубориза ба муқобили терроризм, эктремизми динӣ ва сиёсӣ, ҷиноятkории муташаккилонаи трансмиллӣ ва дигар таҳдидҳои устуворӣ ва амнияти ҷонибҳо бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Федератсияи Русия, Ҳиндустон, Туркия, Хитой ва ғайра бастааст, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати алайҳи терроризм таъмин менамояд[7]:

- Эъломияи дар бораи чораҳо оид ба барҳамдиҳии терроризми байналмиллалӣ, ки онро Ассамблеяи СММ бо қарори № 49/60 аз 09.12.1994. с. қабул намудааст;

- Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба мубориза ба муқобили терроризми бомбавӣ аз 12.01.1998. с;

- Шартнома дар бораи ҳамкории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди терроризм аз 04.06.1999 с;

- Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи мубориза бар зидди маблағгузории терроризм аз 09.12.1999 с;

- Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм аз 15.06.2001 с;

- Созишномаи давлатҳо – иштирокчиёни ИДМ доир ба мубориза ба муқобили ҷиноятkорӣ дар нақлиёт аз 15.09.2004 с;

- Консепсияи ҳамкории давлатҳо – иштирокчиёни ИДМ дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар амалҳои экстремистӣ аз 28.05.2005. с;

- Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ, ки онро Ассамблеяи СММ бо қарори № 20/288 аз 20.09.2006 с. қабул намудааст;

- Шартномаи давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм аз 05.10.2007 с;

- Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай зидди терроризм аз 16.06.2009 с.

Дар асоси санадҳои байналмиллалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳамкории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалиро ба роҳ монад, оид ба сари вақт пешгирӣ кардани ҷиноятҳои вобаста ба терроризм ва эктремизм чораҳои фаврӣ-ҷӯстуҷӯӣ, таҳқиқӣ, тафтишотӣ гузаронад.

Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд[8].

Дар масъалаи бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани ин қабил ҷиноятҳо оварда мерасонад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қишрҳои ҷомеа ҳамаи чораҳои таъсирбахш андешида шуда истодаанд, аз қабили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш, ташаккул додани мафкураи баланди ватандустию ватанпарастӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, сохтани масҷидҳои замонавӣ, табъу нашр кардани

[7] Тафсири қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». – Душанбе: «Контраст». 2014. – с. 32-33.

[8] Барномаи пешазинтихоботии номзади ҳизби халқии демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вакилии Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Муъминобод №38 Маҷидзода Ҷурахон Зоир.

китобҳои динӣ ба забони модарӣ, ташкили барномаҳои динию ахлоқӣ дар садову симо, чопи мақолаҳо дар газетаю маҷҷалаҳо. Ин ҳама чорабиниҳо дар барномаҳои дурнамои тараққиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ таҷассум ёфтааст.

# ТАЪМИНИ АМНИЯТ ВА МАСЪАЛАИ МАҲДУД КАРДАНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Юсуфзода А.Ҳ.,[*]**
**Ашӯрова Ш.С.[**]**

Дар шароити муосир масъалаи таъмини амният яке аз проблемаҳои муҳимтарини байналмилалӣ ба шумор рафта, диққати махсусро талаб мекунад. Масалан, дар Оинномаи Созмони Миллали Муттаҳид муқаррар карда шудааст, ки «муттаҳид намудани қувва барои таъмини амният» яке аз мақсадҳои он мебошад. Амният дар муносибатҳои байналмилалӣ, вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳо таҳдиди таҷовузро бартараф намуда, ҳамзистии осоиштаро дар асоси принсипи баробарҳуқуқӣ ба роҳ монда, истиқлолияти миллӣ, мустақилияти ҳақиқии халқҳо ва инкишофи озодонаи демократии онҳоро таъмин менамояд.

Тадқиқоти масъалаҳо вобаста ба таъмини амният ҳамчун фаъолияти илмӣ таҳлил ва омӯзиши аппарати истиҳолоти илмии истифодашавандаро тақозо мекунад.

Новобаста аз он ки масъалаи таъмини амниятро бисёр олимон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд, таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки то ҳол аппарати ягонаи истилоҳоти соҳаи амният коркард нашудааст[1]. Ҳолати мазкур аксар вақт боиси гуногунфаҳмии назариявии моҳияти аслии амният гардида, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти низоми таъмини амният як қатор мушкилотро пеш меорад. Ғайр аз ин, ба ақидаи И.В. Демин, мавҷуд набудани мафҳум ва категорияи илмии ягонаи мувофиқкардашудаи соҳаи таъмини амният раванди мазкурро камсамар, духӯра ва номутаносиб мегардонад[2].

Бинобар ин, пеш аз оғози тадқиқи мавзӯи асосӣ мафҳумҳои маъмули амният ва аҳамияти таъмини амниятро зери таҳлил бояд қарор дод.

Аллакай файласуфони антиқа оид ба мафҳум ва моҳияти амният ақидаҳои гуногун иброз намудаанд. Масалан, Афлотун моҳияти амниятро ҳамчун дур сохтан ё пешгирӣ кардани зарар шарҳ медиҳад, ки он ба мафҳумҳои «кӯмак - монеа ба қасди мавҷудбуда ё ба вуқӯъоянда», «наҷот - муҳофизат намудан аз ягон зарар» асос ёфтааст [3]. Ситсерон консепсияеро пешниҳод менамояд, ки мутобиқи он ҳангоми пайдо шудани моликият на танҳо зарурияти муҳофизати молу мулк ва соҳиби он, балки дар умум таъмини амнияти давлат пеш меояд[4]. Олимони рус чунин қайд менамоянд, ки «амният - чӣ шахсӣ ва чӣ молумулкӣ – ин гарави инкишофи инсоният мебошад»[5].

Муҳаққиқони ватанӣ арзиш, аҳамият ва моҳияти амниятро хуб дарк намуда, ворид намудани як қатор тағйироту иловаҳоро [6], ҳатто ба

[*] Юсуфзода Акмал Ҳотам – сардори шуъбаи адъюнктура, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия.

[**] Ашӯрова Шукрона Сироҷиддиновна – курсанти факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, сержанти хурди милитсия.

[1] Демин И.В. Общественная безопасность: теоретико-методологические аспекты // Юридический мир. 2007. № 6. С. 35

[1] Платон. Диалоги. М., 1986. С. 438.

[1] Цицерон М.Т. О старости. О дружбе. Об обязанностях. М., 1974. С. 66.

[2] Демин И.В. Общественная безопасность: теоретико-методологические аспекты // Юридический мир. 2007. № 6. С. 35

[3] Платон. Диалоги. М., 1986. С. 438.

[4] Цицерон М.Т. О старости. О дружбе. Об обязанностях. М., 1974. С. 66.

[5] Брокгауз и Ефрон. Энциклопедический словарь. СПб., 1891. Т. 5. С. 304.

[6] Совершенствование конституционного законодательства РТ в сфере обеспечения национальной безопасности // Конституционные аспекты современного состояния законодательства Республики Таджикистан : материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной 20-летию Конституции

Конститутсия ворид намудани боби махсусро, ки нақши амнияти миллӣ дар низоми сохтори конститутсионӣ ва вазъи ҳуқуқии Шӯрои амниятро муайян менамояд, пешниҳод доранд[1].

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ амният чун бехатарӣ, яъне набудани хатар, нигоҳдорӣ ва эътимодият шарҳ дода шудааст[2]. Мафҳуми зерин пурра нест, чунки зери мафҳуми набудани хатар ин ба даст овардани чунин ҳолати идеалие фаҳмида мешавад, ки гӯё дар он хатар умуман вуҷуд надорад. Аммо дар ҳаёт доимо хатарҳои гуногун вуҷуд доштанд, доранд ва хоҳанд дошт. Бинобар ин, категорияи амният на ин ки мафҳуми «комил», балки «нисбӣ» буда, моҳияти он танҳо аз хусусиятҳои хоси объекти мушаххас ё соҳаи фаъолияти инсон ва муҳити зист бармеояд. Амният вобаста ба ҳолати мушаххас на танҳо нишонаҳои махсуси объект ё субъекти амниятро, балки дар худ умумиятеро инъикос менамояд, ки барои дар соҳаҳои гуногун истифода намудани он имконият медиҳад.

Мафҳуми бештар ҷамъбастии (хулосавии) амният дар бисёр равандҳо ва самтҳои фаъолият истифода мешавад. Асосан мафҳуми «амният» бо фаъолияти давлат дар соҳаи таъмини ҳимояи ҳам давлат ва ҳам шаҳрвандон аз ҳар гуна зуҳурот алоқаманд мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ амният ҳамчун низоми муқаррароти кафолати ҳуқуқии муҳофизавии шахсият, ҷамъият ва давлат, инчунин таъмини муътадилии фаъолияти онҳо ва ҳуқуқу озодии инсон фаҳмида мешавад.

Дар таърихи қонунгузории миллӣ аввалин маротиба мафҳуми амниятро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз соли 1993 ба таври зайл мустаҳкам намуда буд: «амният – ҳолати муҳофизаи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад»[3]. Бояд қайд намуд, ки баъд аз қабули Конститутсияи амалкунанда соли 2011 дуюмин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» қабул карда шуд, ки он ҳам ҳаҷман ва ҳам мазмунан аз қонуни соли 1993 фарқи куллӣ дорад. Дар қонуни соли 2011, ки аз 6 бобу 34 модда иборат мебошад, мафҳумҳои амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, объект ва субъектҳои амният, таъмини амният, асоси қонунгузорӣ ва принсипҳои таъмини амният, низоми таъмини амният ва дигар истилоҳотҳои асосӣ дар соҳаи амният мустаҳкам карда шудаанд. Таҳлили муқоисавии қонунҳо нишон медиҳад, ки назар ба қонуни соли 1993 қонуни нав мафҳуми амниятро мустаҳкам накардааст. Оид ба масъалаи мазкур муаллиф ва Бобоназаров Ф.Ш. пештар дар корҳои худ ибрози ақида намуда, пешниҳод кардаанд, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 таҳти № 721 тағйироти дахлдор ворид карда шавад[4].

Бояд қайд намуд, ки амният доимо бо объект – барандагони он алоқаманд мебошад. Бинобар ин, дар қонуни охирин номбаршуда ба ҳайси объектҳои асосии амният:

---

Республики Таджикистан. – Душанбе, РТСУ. 2014. С. 244-248.

[1] Маҳмадов С.А. Асосҳои конститутсионию ҳуқуқии ташаккулёбии ниҳоди амнияти миллии Тоҷикистон // Ҷабҳаҳои конститутсионии ҳолати муосири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон : маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. Душанбе, 2014. С. 122.

[2] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе, 2008. С. 59.

[3] Дар бораи амният : қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. № 3-4. мод. 64 (амал намекунад).

[4] Юсуфов А.Х. Роль органов внутренних дел в обеспечении безопасности // Труды Академии. Душанбе. 2013. № 1. С. 151-155; Бобоназаров Ф.Ш. О совершенствовании Закона Республики Таджикистан «О безопасности» // Конституционные аспекты современного состояния законодательства Республики Таджикистан : материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной 20-летию Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, РТСУ. 2014. С. 185.

- инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо;

- ҷамъият ва арзишҳои моддию маънавии он;

- давлат, сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он муқаррар карда шудаанд.

Муқаррароти мазкур вобаста ба мазмун бисёр васеъ буда, объектҳо каме муқобилият доранд. Масалан, аксар вақт манфиатҳои давлат бо манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин бо манфиатҳои ҷамъият мувофиқ намеоянд. Сохторҳои давлатӣ фаъолияти ҳар гуна ташкилотҳоро бо роҳу воситаҳои гуногун маҳдуд менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо амалишавии як қатор ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ алоқаманданд, зери назорат қарор дода шаванд. Ин зиддияти манфиатҳои тарафҳо (инсон, ҷомеа ва давлат) бо роҳи муқаррар намудани ҳолатҳо ва мақсадҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба танзим дароварда мешавад. Аз ин сабаб, масъалаи таъмини амният ва маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо назардошти манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат барои омӯзиш ва таҳлил зарурият дорад.

Зери мафҳуми таъмини амният ин татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, фаҳмида мешавад. Аз мазмуни таърифи мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки таъмини амният вазифаи душвор ва комплексӣ буда, он вазифаи ҳам шаҳрвандон ва ҳам ҷамъияту давлат мебошад.

Амнияти давлат манфиатҳои тамоми аъзои ҷамъиятро ифода намуда, «арзиши миллӣ» ба шумор меравад, ки онро назар ба ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳое, ки ба шаҳрвандони алоҳида ва ё гурӯҳи аҳолӣ дахл доранд, афзалиятнок мегардонад. Чӣ хеле ки профессор А.С. Прудников қайд менамояд, ҷой надоштан ё таъмин накардани амният мавҷудияти худи инсон ва инчунин давлатро, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад, зери хатар мегузорад[1]. Аз ин сабаб, таъмини амният яке аз вазифаҳои муҳими давлат ба шумор меравад, зеро он ба шаҳрвандон имкон медиҳад то ҳуқуқу озодиҳои худро пурра амалӣ намоянд.

Танҳо он давлате ба шаҳрвандон амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ва ҳимояи онҳоро аз ҳар гуна вайронкуниҳо қобилияти кафолат доданро дорад, ки амнияти он хуб таъмин аст. Аммо таъмини амният бе маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хеле душвор ва қариб ғайриимкон аст. Натиҷаи ниҳоии таъмини амният ин таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо мебошад[2], ки яке аз объектҳои асосии амният мебошанд.

Қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро бо мақсади:

- таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон;

- тартиботи ҷамъиятӣ;

- ҳимояи сохти конститутсионӣ;

- тамомияти арзии ҷумҳурӣ пешбинӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки номгӯи мақсадҳои конститутсионии номбаршудаи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо пурра ва тағйирнашаванда мебошад.

Ҳарчанд дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсия калимаи «амният» ҳамчун мақсади маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам карда нашудааст, ин маънои онро надорад, ки ба хотири таъмини

[1] Прудников А.С. Современное понимание сущности и содержания национальной безопасности // Труды Академии управления МВД России. 2007. № 3. С. 9.

[2] Гончаров И.В. Обеспечение безопасности государства и права человека // Демократия и безопасность государства: правовые, исторические и социальные аспекты: Сборник научных трудов. – М.: Академия управления МВД России, 2008. С. 90-91.

амният ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳдуд карда намешаванд.

Таҳлили мақсадҳои конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад, ки таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ ин ифодаи мушаххаскардашудаи мазмуни амният мебошад. Амният – истилоҳи интегративӣ мебошад, ки дар худ мақсадҳои конститутсионии дар боло зикргардидаи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳоро ифода менамояд. Зеро мақсадҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд ва объектҳои амният як мебошанд.

Бинобар ин, мақомоти қонунгузори мамлакат дар қисми 2 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» муқаррар намудааст, ки ҳангоми таъмини амният ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд метавонанд танҳо дар асоси қонунҳо ва то андозае, ки он барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саломатии аҳолӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзӣ зарур аст, маҳдуд карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҷузъи таркибии консепсияи амнияти дилхоҳ давлат мебошад. Бинобар ин, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо бояд зарурияти ҳақиқӣ дошта бошад, яъне дар ҳолати мушаххаси ба вуқӯъомада ва ё аниқкардашуда[1]. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин яке аз тарзҳои танзими озодӣ дар ҷамъият мебошад ва ҳангоми амалӣ намудани он ба ҳар гуна задухӯрд ва сӯистифода роҳ дода намешавад. Аз ин муқаррарот, талаботи асосии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – танзими қонунии асосҳо ва тартиби маҳдудкунӣ бармеояд.

Ҳамин тариқ, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд танҳо бо тартиби дар қонунҳо муайянгардида амалӣ карда шавад. Дар ин маврид низ бояд ба мавҷуд будани асоси маҳдудкунӣ, муҳлат, ҳадду ҳудуд ва тарзу усули амалӣ намудани он диққат дода шавад. Ҳақиқатан ҳам ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд манфиатҳои давлат ва ҷамъият ба назар гирифта шаванд. Таносуби ин манфиатҳо чунин тавозун карда шаванд, ки аз як тараф давлат талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро ба асос гирифта, имконияти маҳдуд кардани як қатор ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дошта бошад, аз тарафи дигар шаҳрвандон ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо бояд аз ҳар гуна маҳдудкунии ғайриқонунӣ ва худсарона ҳифз карда шаванд.

[1] Грецова Е.Е. Ограничения прав и свобод человека в интересах обеспечения общественной безопасности и противодействия терроризму // Современное право. 2008. № 7. С. 26-30.

# МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «АМАЛИШАВИИ ДУНЯВИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАҚВИЯТ ДОДАНИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»
## (30 апрели соли 2015)

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ

**Шарифзода Ф.Р.** *

Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари мо давлати дунявӣ эълон шудааст. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Дар баробари дуняви эълон намудани давлатамон бояд қайд намуд, ки Ислом ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳанги миллати мост. Ахлоқи ҷомеаи суннатии мо низ динист, ки ҳеҷ гоҳ наметавон рад кард ё нодида гирифт. Матлаби ҷудо будани дин аз давлат бошад, фақат як чиз аст: дин ба корҳои сиёсии давлат ва давлат ба корҳои мазҳабии дин мудохила накунад. Барои фаҳмидани аҳамияти бунёди давлати дунявии муосири Тоҷикистон зарур аст, ки вазъияти динро бо даврони Шӯравӣ муқоиса намоем. Дин дар он давраи начандон дур ҳамчун боқимондаи даврони феодалӣ, афюни халқ эълон карда шуда, барои решакан кардани ин идеологияи ба ҷаҳонбинии материалистиву атеистии давлативу ҳизбӣ муқобил тавассути ниҳодҳои зиёди давлатӣ муборизаи шадид бурда мешуд.

Эътиқоди динӣ кори хусусии ҳар шахс буда, «ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

Дар кишвари мо имрӯз эътиқод кори шахсӣ муқаррар шудааст. Вале бояд таъкид кард, ки рӯҳониёни кишвар фаъолияти худро бояд дар партави қонун танзим намоянд ва бахри инкишофи маънавии мардум ва осоиштагиву рушди ҷомеа ба роҳ монанд. Пешвоёни дин набояд ба корҳои давлат дахолат кунанд, мардумро ба мусулмону кофир тақсим карда, байни онҳо низоъ ангезанд. Мақсади мо бунёди давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст, ки аломати ҳамаи онҳо муштарак мебошад.

Дар замони муосир ҳар давлате, ки мехоҳад бо мардум сару кор дошта бошад, аз ҷумла давлати дунявӣ, аз дин комилан ҷудо буда наметавонад. Ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат чун ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз рукни ҳукумати давлатӣ, яъне ҳокимияти иҷроияи қонуну тартиботи низоми давлатӣ фаҳмида мешавад.

Бо заҳмати пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар бо омезиши ҷаҳонбинии мухталиф, тафаккури арзишманду пешқадам фазои босуботи сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд.

Маҳз мавқеъгирии Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳимоят аз арзишҳои дини ислом ва интиқодҳояш аз мавриди исломситезӣ дар ҷаҳони Ғарб ва пуштибонии ӯ аз ҳалли мусолаҳатомези қазияи Афғонистону Фаластин ва дар сатҳи

---

* Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

байналмилалӣ таҷлил кардани ҷашнвораи 1310-умин солгарди мавлуди поягузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам ба шомил шудани номи Сарвари давлати тоҷикон ба Феҳристи «500 мусулмони бонуфузи ҷаҳон» боис гардид. Бояд зикр кард, ки ба Феҳристи мазкур аз миёни уламои динӣ ва роҳбарони давлатҳое, ки дар эътиқоду андешаи мусулмонон таъсири бузург расондаанд ё барои вазъи иқтисодию иҷтимоии мусулмонон хидмати шоиста кардаанд, интихоб мешаванд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ маҳз ба туфайли ҳидоятҳои пайвастаи Президенти мамлакат барои эҳё, ҳифзу гиромидошт, ривоҷи арзишҳои фарҳанги милливу динии тоҷикон чорабиниҳои зиёде гузаронда шуданд. Бо мақсади эътирофу тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин дар мамлакат корҳои бузурге анҷом пазируфтанд. Вале ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар олами муосир фаъолияти неруҳои иртиҷоӣ ва ифротгаро, ки аслан душманони давлату миллати тоҷиконанд, хеле ҷоннок шудаанд. Онҳо бештар ба ҷавонон такя мекунанд ва мутаассифона, гурӯҳе аз онҳоро ба доми худ медароранд. Ифротгароии ҷавонон боиси таҳдид ва хатар на танҳо барои амнияти кишвари мо, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ гаштааст. Ифротгароён имрӯзҳо дар шиорҳои динӣ, таълимоти Илоҳӣ масъалаҳои воқеан сиёсиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва барои ғасби ҳокимияти давлатӣ кӯшиш мекунанд. Чунин гурӯҳҳои ифротгаро аз ҷониби маблағгузорони дохиливу хориҷӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо нигаронӣ аз ин ҳолат таъкид месозанд: «Ислом барои мо манбаи болидарӯҳии маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ҳамаи мову шумо шоҳиди он мебошем, ки гурӯҳҳои экстремистии хоине вуҷуд доранд, ки манфиати онҳо барои оромӣ, сулҳу субот ва созгорӣ дар ҷомеа ҷавобгӯ нест». Дар Паёми Президенти мамлакат ба ҳар як сокини кишвар ҳушдор карда мешавад, ки худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимии худ гардонда, баҳри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзанда гузорад ва бар зидди неруҳои носолиму ғаразпеша, ки теша ба решаи пойдории ваҳдати миллӣ ва рушди давлати мо заданӣ мешаванд, мубориза қотеона барад.

Ҳанӯз 14 феврали соли 1997 Президенти мамлакат ҳангоми мулоқот бо аҳли ҷамоатчигии шаҳри Душанбе зикр намуда буданд: «Мо аз беҳтарин дастовардҳои давлатдории дунявӣ баҳра бурда, таҷриба ва роҳу равиши идоракунии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро меомӯзем ва бо назардошти шароити мушаххаси ҷумҳурӣ, тарзи зиндагии халқ, анъанаҳои миллӣ ва дигар омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шакли аз ҳама мувофиқи давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявиро месозем».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза якҷояву оштинопазирро бо падидаҳои номатлуб ва таҳдидҳои муосир ба тамоми давлатҳои мусулмонӣ таъкид месозанд: «Мо шоҳиди онем, ки баъзе созмонҳо ва ниҳодҳо бо ниқоби исломӣ фаъолият доранд ва зоҳиран бо дасти мусулмонон сохта шудаанд, вале хуни мусулмонони бегуноҳ мерезад, низоми сиёсии кишварҳои исломиро бесубот ва заиф месозанд, василаи бадномсозии исломанд ва аслан ба аҳдофи душманон ва бадхоҳони ислом кумак менамоянд. Ман комилан муътақидам, ки террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани Худову бандагон аст. Аз ин лиҳоз мо бояд муштаракан ниқоби ононро барафканем, аъмоли харобгаронаи онҳоро таҳти кадом шиор ва даъват набошад, маҳкум намоем, симои пок ва муқаддаси исломро ҳифз намоем».

Эмомалӣ Раҳмон ба умури динӣ таваҷҷуҳи мусолиматомез менамоянд ва барои амалӣ шудани вазифаҳои давлати навъи махсуси дунявии тоҷикон кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад.

Зимни гуфтаҳои дар боло зикргардида Академияии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасмим гирифтаст баҳри пойдории дунявият дар ватан ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии насли наврас ва кормандони мақомоти корҳои дохила мизи мудаввар дар мавзӯъи **«Амалишавии дунявият ва роҳҳои тақвият додани он дар Ҷумҳурии тоҷикистон»** баргузор намояд.

# СВЕТСКОСТЬ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Абдурашидов А.А.***

Согласно законодательству Республики Таджикистан основным законом государства на территории Республики Таджикистан является Конституция РТ и никакой закон или правовой акт принимаемый органами власти или руководителями учреждений и организаций не должен противоречить этой Конституции.

Конституция Республики Таджикистан гарантирует право самостоятельно определять свое отношение к религии, отдельно или совместно с другими исповедовать любую религию или не исповедовать никакой, участвовать в отправлении религиозных культов, ритуалов и обрядов[1].

Согласно Международного пакта о гражданских и политических правах, каждый человек имеет право на свободу мысли, совести и религии. Это право включает свободу иметь или принимать религию или убеждения по своему выбору и свободу исповедовать свою религию и убеждения как единолично, так и сообща с другими, публичным или частным порядком, в отправлении культа, выполнении религиозных и ритуальных обрядов и учении. Никто не должен подвергаться принуждению, умаляющему его свободу иметь или принимать религию или убеждения по своему выбору… Участвующие в настоящем Пакте государства обязуются уважать свободу родителей и в соответствующих случаях законных опекунов, обеспечивать религиозное и нравственное воспитание своих детей в соответствии со своими собственными убеждениями)[2].

Согласно Закона Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» Республике Таджикистан гарантируется свобода совести и свобода вероисповедания, в том числе право исповедовать индивидуально или совместно с другими любую религию или не исповедовать никакой, свободно выбирать, распространять и менять любые религиозные и иные убеждения, а также действовать в соответствии с ними[3].

Данный Закон в свою очередь указывает на то, что воспрепятствование осуществлению прав на свободу совести и свободу вероисповедания, в том числе сопряженное с насилием над личностью, с умышленным оскорблением чувств граждан в связи с их отношением к религии, с пропагандой религиозного превосходства, с уничтожением или с повреждением имущества либо с угрозой совершения таких действий, запрещается и преследуется в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Проведение публичных мероприятий, размещение текстов и изображений, оскорбляющих религиозные чувства граждан, вблизи объектов религиозного почитания запрещается [4]. Согласно ст. 8 данного закона указывает на то, что каждый

---

*Абдурашидов А.А. – секретарь Учёного совета Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

[1] Ст. 26 Конституции Республики Таджикистан. http://mmk.tj/ru/

[2] Международный пакт о гражданских и политических правах. Принят резолюцией 2200 А (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 года. Вступил в силу 23 марта 1976 года. http://mmk.tj/ru/international-legal-documents/multifeature/

[3] Ст. 4 Закона Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» от 26 марта 2009 года. http://mmk.tj/ru/

[4] Ч. 5 ст. 4 Закона РТ «О свободе совести и религиозных объединениях». Душанбе, 26 марта 2009 г.

имеет право на получение религиозного образования по своему выбору индивидуально или совместно с другими; религиозные организации вправе создавать религиозные образовательные учреждения в соответствии со своими уставами и в порядке, установленном настоящим Законом; центральные соборные пятничные мечети и соборные пятничные мечети могут заниматься обучением основам религии в соответствии со своими уставами (положениями) путём создания учебных групп; религиозное обучение в случаях, предусмотренных настоящим Законом, разрешается после получения государственной лицензии; разрешается религиозное обучение детей в возрасте от 7 до 18 лет с письменного согласия родителей или лиц, их заменяющих, в свободное от учебных занятий время и вне рамок учебной программы государственного образования[1].

Помимо этого, Конституция РТ устанавливает право каждого на образование, которое является одним из основных и неотъемлемых конституционных прав граждан Республики Таджикистан [2]. Применительно к конституционному праву на общедоступное и бесплатное дошкольное образование в системной связи с конституционным принципом равенства это означает, что каждый ребенок имеет равную с другими, не зависящую от социального происхождения, места жительства, а также иных обстоятельств, возможность развития личности, а равенство возможностей при получении образования предполагает равный доступ в существующие государственные образовательные учреждения.

В Законе РТ «Об образовании» говорится: «Гражданам Республики Таджикистан независимо от национальности, расы, пола, языка, религиозных убеждений, политического положения, социального и имущественного состояния гарантируется право на образование»[3].

Также закон «Об образовании» не устанавливает определенной формы одежды для учеников.

Исходя из этих положений становится ясно, что руководители учебных заведений, и другие должностные лица не имеют права запрещать ученицам в хиджабе, посещать занятия в школе или исключать их из школ. Уставы и любые другие инструкции, которые ими издаются и которыми устанавливается запрет на ношение в учебном заведении хиджаба, не имеют юридической силы, так как противоречат Конституции РТ, тем самым нарушая право граждан на свободу совести и права на получение образования.

Также хочется напомнить, что согласно закону «О свободе совести и религиозных объединениях» воспрепятствование осуществлению права на свободу совести и свободу вероисповедания, в том числе сопряженное с насилием над личностью, с умышленным оскорблением чувств граждан в связи с их отношением к религии, с пропагандой религиозного превосходства, с уничтожением или с повреждением имущества либо с угрозой совершения таких действий, запрещается и влечет за собой уголовную, административную и иную ответственность в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Хиджаб (сатри аурат) является обязательным для каждой мусульманки. Согласно Корану и Сунне мусульманка в обществе посторонних мужчин должна закрывать все тело за исключением лица, кистей рук и ступней ног. Это устанавливается следующими аятами Корана:

1 Ст. 8 Закона РТ «О свободе совести и религиозных объединениях». Душанбе, 26 марта 2009 г.
2 Ст. 41 Конституция РТ.
3 Ст. 6 Закон РТ «Об образовании». Душанбе 17 мая 2004 г.

**«Скажи верующим женщинам, чтобы они опускали свои взоры и оберегали свои половые органы. Пусть они не выставляют напоказ своих прикрас, за исключением тех, которые видны, и пусть прикрывают своими покрывалами вырез на груди и не показывают своей красы никому, кроме своих мужей, или своих отцов, или своих свекров, или своих сыновей, или сыновей своих мужей, или своих братьев, или сыновей своих братьев, или сыновей своих сестер, или своих женщин, или невольников, которыми овладели их десницы, или слуг из числа мужчин, лишенных вожделения, или детей, которые не постигли наготы женщин»**[1].

**«О Пророк! Скажи твоим женам, твоим дочерям и женщинам верующих мужчин, чтобы они опускали на себя (или сближали на себе) свои покрывала. Так их будут легче узнавать (отличать от рабынь и блудниц) и не подвергнут оскорблениям. Аллах – Прощающий, Милосердный»**[2].

Таким образом, мы видим, что хиджаб является обязательным предписанием религии для мусульманок, и согласно статье 26 Конституции РТ никто не имеет права чинить препятствия в осуществлении гражданами своих религиозных прав и обязанностей.

Совет улемов Исламского центра Таджикистана по поручению Комитета по делам религии Таджикистана в ноябре 2012 года установил нормы ношения бороды для мужчин и одежды для женщин.

Как сообщили Islamnews.tj в Исламском центре Таджикистана, установленная ими мера соответствует для приверженцев Ислама ханафитского толка. Согласно ханафитскому мазхабу, мужчины могут носить бороду размером в свой кулак.

Женщинам же позволено носить одежду как сатри аурат – прикрытие одеждой запретных частей тела, у женщин – все тело, кроме лица, кистей рук и стоп.

Принцип светскости предполагает отделение государства от религиозных догм, но не означает удаление религии из общественной жизни. Также он способствует разграничению сфер влияния государства и религиозных организаций при сохранении роли государства как основной формы организации общественно-политической власти.

В связи с этим представляется необходимым:

- совершенствовать правоприменительную практику, повышать ее эффективность, а не пытаться решить проблему путем ограничения религиозных прав, свобод человека и религиозных объединений, что, в конечном итоге, означает ограничение прав и свобод человека.

---

[1] Эльмир Кулиев. Коран. Перевод смыслов и комментарии. М.; АСТ, 2010. Сура 24, аят 31.

[2] Эльмир Кулиев. Коран. Перевод смыслов и комментарии. М.; АСТ, 2010. Сура 33, аят 59.

# МАСОИЛИ КУНУНИИ ДУНЯВИЯТ ВА МУБОРИЗА БО ИФРОТГАРОӢ

**Буриев И.Б.**[*]

Таҳлили масоили вобаста ба дунявият ва масоиле ки дар ин самт ҷой доранд ва мазмуну муҳтавои суханронии устодон, ходимони илмӣ ва коррмандони амалӣ моро ба хулосаҳои мушаххас водор намуд, ким ан мехоҳам онҳоро барои Шумо ба таври мухтасар (дар тезисҳо) қироат кунам:

1. Дунявият ғоя ва андешаи бузургест, ки амалӣ шудани он сиёсати хеле нозукро талаб мекунад. Ифротгароии динӣ ва ифротгароии давлат ду тарафи чапгароӣ дар ин масъала мебошанд.

2. Масъалаи дунявият – масъалаи муносибати давлат ва дину ҷомеа, муносибати давлат бо ташкилотҳои динӣ аст. Дар ин масъалаҳои нозук сиёсати давлатӣ бояд аниқ, мушаххасу равшан, қотеъ бошад. Махсусан дар муносибат ба ин масъала калавишҳо хатарзо мебошанд. Калавишҳо аз як тараф ба тарафи дигар ба мақсад мувофиқ нестанд. Сиёсати давлатии ҷашнгирии солгарди ҳаёти мутафаккирони бузурги илм ва ислом, ниёгонамон мисли Абуҳанифа – Имоми Аъзам, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз як як тараф, додани маош ба имомхатибон, ки тибқи қонун ягон вазифаи давлатиро иҷро намекунанд, муайян кардани тарзи либоспушӣ, ҳаҷми риш ва ғайра аз ҷониби дигар, сиёсати кулчақанду қамчинро ба хотир меорад, ки худ аз худ метавонад зиддиятзо гардад.

3. Маърифати динии аҳолиро баланд набурда, бо ҳаракатҳои динӣ самаранок мубориза бурдан номумкин аст. Фаҳмост, ки масалан, барои мубориза ва бартараф кардани фалокати Чернобил, мутахассисони соҳаи физикаи ядроӣ лозим аст, на муаллиму, ронанда. Барои пеши роҳи ифротгароиро, махсусан ифротгароии аз номи исломро гирифтан, исломшиносони ҳақиқӣ лозиманд, ки маърифати баланди илмӣ, донишҳои диниро фаро гирифта бошад. Фаҳмост, ки бе аслиҳа мубориза бурдан чи маънӣ дорад.

4. Решаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, геополитикии ин масоилро бояд омухт, таҳлил намуд, ба назар гирифт.

5. Идеализми ҳуқуқӣ дар масоили давлатдорӣ махсусан дар муносибат ба дину мазҳаб – эътиқоди мардум набояд ҷой дошта бошад, яъне бо қабули қонун ва додани супориш масъаларо ҳалшуда ҳисоб кардан хато аст. Танҳо таҳлили ҳамаҷонибаи илмии ба қонунҳои рушди ҷомеа мувофиқ, бо назардошти манфиатҳои қонунии ҳар як қишри ҷомеа, метавонад заминаи созиш ва ҳалли самараноки масъала бошад. Ин чиз маълум аст, ки то созиши манфиатҳои дар ҷомеа вуҷуддошта ҳосил нагардад, масъала боқӣ мемонад ва мунтазам ба майдони мубоҳиса кашида мешавад.

6. Мо бояд мазҳаби ҳанафӣ ва исмоилии куҳани худро ба тариқи расмӣ ва ғайрирасмӣ дастгирӣ намоем, то роҳбарони он, уламои он барои пайравони худ мубориза баранд, ташвиқу тарғиби ин мазҳаби аз ҳама либералии исломиро васеъ намоянд, барои гаравидани ҷавонон ба равияҳои тундгаро ва баъзан зиддисломӣ роҳ надиҳанд. Мубориза барои пайравони дин ё мазҳаб вазифаи давлат нест. Давлат танҳо дар ҳолати содир шудани кирдор ва ё ҷиноят дар ин соҳа фаъол мегардад.

7. Давлат бо тамоми дастгоҳи пуркудрат ва воситаҳои молиявии худ бояд аз ифротгароён ва хоҷаҳои онҳо як қадам пеш бошад. Махсусан, дар омузиш ва нашру тафсири асарҳои калом ва фиқҳӣ, маънидоду тафсири онҳо муассисаҳои илмӣ бояд фаъол бошанд, нашри китобҳои тарҷумашуда

---

[*] Буриев Имомкул Бозорович – профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия.

ба таври васеъ ба роҳ монда шавад, чи тавре ки нашри Қуръони карим гарму ҷушон аз тарафи аҳолии кишвар дастгирӣ ёфт. Андешаи мо ин аст, ки нашри ҳамаи китобҳоит динӣ маърифати динии аҳолиро баланд бардошта, эҳтиёҷ ба "муфассирон"-и ғаразнок, махсусан аз хориҷи кишвар намемонад.

8. Низоъ ва ҷангҳои дар кишварҳои исломӣ эъҷодшуда заминаи геополитикӣ доранд. Дарки ин масъала зарурати дастгирии принсипи дунявиятро чи аз ҷониби давлатмардон, мансабдорон, хизматчиёни давлатӣ, зиёиёни кишвар, чи уламои динӣ ва махсусан пайравони ислом талаб мекунад. Маърифати дурусти масъала он аст, ки гуруҳҳои алоҳидаи сармоядорон худро барои дурнамои ҷаҳон масъул шуморида, дар оянда ба вуҷуд омадани бархурди тамаддунҳоро реалӣ мешуморанд, яъне пеш аз ҳама тамаддуни христианӣ ва исломиро. Барои пешгирии он бо ҳар роҳу восита ба заиф сохтани ҷомеаи исломӣ кушиш доранд, то дар рафти ҷангу низоҳо ба таври максималӣ манфиат бардоранд ва манфиатҳои худро дар дарозмуддат ҳифз намоянд. Ин андеша моро водор месозад, ки принсипи дунявиятро тарафдор бошем, онро яке аз заминаи давлатдории муосири худ эътироф намоем. Ин тарзи дарки масъала талқини зарурати таърихӣ ва вазъи муосири геополитикии ҷаҳон мебошад.

# ДУНЯВИЯТ ВА ОЗОДИҲОИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Виркант М.**[*]

Дунявият ҳамчун асли давлатдорӣ барои мо тоҷикон ва гузаштаи таърихии миллатамон падидаи ғайр ва бегонае нест. Дар таърихи тоисломии мо давраҳои гуногуни ягонагӣ ва аз ҳам ҷудо будани давлатдорӣ ва дин ба мушоҳида мерасанд. Маншури Куруши Кабир баробарии пайравони тамоми дину мазҳабҳо ва эътиқодоти гуногунро кафолат медод. Ҳатто дар давраи исломӣ ба маънои том давлат ва дин бо ҳам як набудаанд. Аксаран дин барои амалисозии манофеъ ва хоҳишҳои шоҳону амирон мавриди истифода қарор мегирифт. Асли дунявият ё секуляризм, ки дахолати динро ба умури давлатдорӣ бекор мекунад, реша дар осори Эпикур, Марк Аврелий, мутафаккирони асримиёнагии мо, мисли Ибни Рушд, маорифпарварони француз ва амрикоӣ (Д. Дидро, Волтер, Т. Ҷефферсон ва ғ.) дорад.

Дунявият имрӯз дар шаклҳои гуногун амал мекунад. Дар баъзе давлатҳо ҷудоии комили ташкилотҳои дин аз давлат, дар баъзеи дигар ҳамкории созанда бо ташкилотҳои динӣ, махсусан дар соҳаи иҷтимоиёт, ба роҳ монда шудааст. Яке аз намунаҳои равшани дунявият, ки мубоsúризаи ошкор бо дин ва эътиқодоти мазҳабиро сармашқи худ қарор дода буд, ин атеизми ҷанговари даврони шӯравӣ мебошад ва мо дар муддати беш аз ҳафтод сол зери ин мафкура қарор доштем. Аз ин рӯ, ҳанӯз ҳам дунявият ҳамчун падидаи манфӣ ва мухолифи дин дар зеҳни баъзеҳо боқӣ мондааст. Вале, аслан, омилҳое вуҷуд доштанд, ки барои рушди дунявият мусоидат кардаанд ва баъзе аз ин омилҳо инкишофи бемайлони илму техника, раҳоӣ ёфтан аз хурофот, ҷабру зулм ва беадолатию ноҳаққиҳои табақаи руҳоният ҳамчун табақаи ҳукмрон мебошанд.

Аммо, модели дунявияте, ки имрӯз Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сармашқи кори худ кардааст модели хосе мебошад, ки ба фикри мо, барои рушди воқеии аҳдофи олӣ ва арзишҳои беҳтарин, умумиинсонии динҳо, махсусан дини ислом мусоидат мекунад. Дунявияти мо барои ҳамагуна дину мазҳабҳо, эътиқоду мафкураҳо озодии фаъолиятро фароҳам овардааст ва ҳеҷ кадоми онҳоро ба сифати идеологияи давлатӣ эътироф намекунад. Фаъолияти ҳама гуна ташкилоту иттиҳодияҳо ва созмонҳо, чӣ динӣ ва чӣ ғайридинӣ, агар дар чаҳорчӯбаи муқаррароти қонун, бидуни барангехтани низоъҳои мазҳабию миллӣ, ифротгароӣ ва хушунат, таблиғи фарҳанги ғайр ва ба фарҳанги миллат бегона будан бошад, озод аст. Ҳар ташкилоти динию мазҳабие, ки аз қайди Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст ва ҷавобгӯи ин талабот ҳаст, озодона фаъолият дорад.

Дастовардҳо дар самти озодиҳои динӣ, озодии эътиқод, сохтани масҷидҳо, сафар ба ҳаҷ, рӯзҳои истироҳатӣ эълон кардани рӯзҳои Иди Рамазон ва Қурбон, гиромидошти чеҳраҳои маъруфи динӣ, тарғиби ҷанба ва арзишҳои созандаву умумибашарии ислом, бунёди мадориси динӣ дар ҷумҳурӣ, ҳифзи арзишҳои исломи суннатии мардум ва ғ. ниёз ба тавсиф надоранд ва дар муқоиса бо даврони шӯравии динситез ва вазъи дину диндорӣ дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя хеле назаррас ҳастанд. Фаъолияти расмии ҳизби сиёсии хусусияти динидошта (ҲНИТ), ки ягона дар мисли худ дар собиқ ҳудудҳои ИҶШС мебошад, низ гувоҳи ин гуфтаҳост. Албатта, шароити хоси таърихӣ ва ба даст

---

[*] Виркант Музаффарпур – мутахассиси пешбари Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

овардани сулҳи тоҷикон ин амрро тақозо мекард, ки амре истисноӣ буд.

Мутаассифона, новобаста ба фароҳам овардани шароит барои озодиҳои динӣ, падидаҳои манфие дар ин самт аз ҷониби баъзе ба ном диндорон ба мушоҳида мерасанд, ки таҳти таъсири омилҳои берунӣ шакл мегиранд. Мубориза давлат бар зидди хурофоту ифротгароӣ, терроризму экстремизм, бегонапарастӣ, ки дар мамолики мусулмонӣ таҳти ниқоби ислом фаъолият мекунанд, аз ҷониби душманони хориҷӣ ва мухолифони сиёсӣ, ҳамчунин дар натиҷаи дуруст нафаҳмидани моҳияти ин сиёсат, ба иштибоҳ ҳамчун мубориза бо озодиҳои динӣ қаламдод мешаванд. Махсусан, таи чанд моҳи ахир бо нодуруст шарҳ додани иқдомоти давлат дар танзими фаъолияти масҷидҳо, ҷавобгӯ ба талаботи беҳдоштию назофат ва сохти меъморӣ будани онҳо, риояи шаклу намуди зоҳирӣ дар соҳаҳои гуногун ва самти фаъолияти хизматрасонӣ ва суханони Сарвари давлат, Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо занон аз 6 марти с. 2015, ки дар асл тарғиби пӯшиши либоси миллӣ буд ва намунаҳои онро аз пӯшиши занону модарони водии Рашт ба мисол овард, шабакаҳои гуногуни динии моҳворавию интернетӣ, ки бо маблағи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ сармоягузорӣ мешаванд, даст ба ҷанги иттилоотӣ задаанд. Дар ҷавоб ба ин ҳуҷумҳои беасос ва бемантиқи душманони оромӣ ва сулҳу суботи кишвари азизамон Тоҷикистон ваҳдати воқеии ҳамаи шаҳрвандон зарурист.

Дар ин самт дарки дуруст, дақиқ ва саривақтии сиёсати давлату ҳукумат, Президенти кишвар аз ҷониби мақомоти қудратӣ бисёр ҳам муҳим мебошад. Зеро ба гуфтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон, кормандони милиса «дар барқарорӣ ва амалишавии сохти конститутсионии давлат ва ҳимояи ҳаёти осудаи сокинони мамлакат аз қувваҳои ҷинояткор фидокорона дар набард шуданд» ва саҳми боризе доранд. (Суханронӣ дар маҷлиси ботантана ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик. 10 ноябри соли 2012). Ҳамкорӣ бо олимону коршиносон, машварату маслиҳати муштарак дар амалӣ намудани сиёсати дунявӣ, бархурди дуруст ва мувофиқ, бар наангехтани эҳсосоти бадбинӣ ва хусумат нисбати давлату ҳукумат аз кормандони ҳифзи ҳуқуқ диққати ҷиддиро талаб менамояд. Зеро ҳар як рафтору амали мову шумо дар замони ҷомеаи иттилоотӣ, интернетӣ зуд дастраси ҳамагон мегардад ва душманону мухолифон ҳар як амали нодуруст ва ҳатто дурусту қонунии моро метавонанд дар ҷанги иттилоотии шадиде, ки имрӯзҳо оғоз шудааст, бар муқобили худи мо истифода баранд. Бинобар ин, сармашқи кори худ қарор додани дастуру фармонҳое, ки аз ҷониби ВКД барои кормандон таҳия шудааст, дар раванди амалисозии аҳдофи олии дунявият ёрирасон хоҳанд буд, азҷумла, фармони вазири ВКД аз 1 январи соли 2006, таҳти №1 «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомотҳои корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон», «Кодекси одоби касбии кормандон ва хизматчиёни ҳарбии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 июли соли 2011, таҳти №11 6/3 ва ғ.

Хулоса, барои рушди минбаъдаи озодиҳои динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон ба назар гирифтани нуктаҳои зер муфид хоҳад буд:

А) Модели дунявияте, ки аз ҷониби Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон пеш гирифта шудааст, беҳтарин моделест, ки тамоми озодиҳои диниро дар чаҳорчӯбаи қонун ва амнияти миллӣ кафолат медиҳад;

Б) Фаҳмонидан, кушода додани моҳият ва ҳифзи арзишҳои дунявият, махсусан он модели дунявияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтааст, аз вазифаи ҷонии ҳар як фарди огоҳу бедор бояд бошад;

В) Дар раванди татбиқи асли дунявият маҳорати касбӣ, донишҳои зарурӣ ва зиракии сиёсӣ ҳатмист;

Г) Барои тақвият бахшидан ба амалишавии арзишҳои дунявият рушди ҳамаҷонибаи маориф, улуми дунявӣ, доштани донишҳои кофии динӣ барои нарафтан ба ифроту тафрит, зина ба зина беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, боло бурдани ифтихор ва худшиносии миллӣ ва дар ниҳоят ваҳдату якдилии халқу миллати тоҷику тоҷикистонӣ дар роҳи пешгирифтаи давлат ва бар зидди бадхоҳони дохилию хориҷӣ зарур мебошад.

# МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ПРИНСИПИ ДУНЯВИЯТ ҲАМЧУН АСОС БАРОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тошев А.М*.**

Дар замони муосир, ки давлат ва ҷомеа инкишоф ёфта истодааст зарурати боз ҳам дақиқтар таҳлил ва баррасӣ намудани муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа ба миён омадааст. Ҷумҳурии Тҷикистон баъд аз кабули Конститутсияи соли 1994 дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ, Тоҷикистонро ҳамчун давлати дунявӣ муаррифи намудааст. Дунявӣ будани давлат аз он далолат медиҳад, ки иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда ба фаъолияти давлат дахолат наменамояд. Ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ин самт маҳдуд карда шудааст. Мувофиқи Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26 марти соли 2009), ҳар як шахс ҳуқуқ дорад озодона муносибати худро ба дин муайян намояд, метавонад танҳо ва ё бо ҳамроҳии дигарон ин ва ё он динро пайравӣ намояд ва ё инки нанамояд. Ҳеҷ кас ӯҳдадор нест, ки дар бораи муносибати худ ба дин маълумот диҳад. Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравии дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросимҳои динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, дар таълими дин маҷбур карда намешавад.

Барои амали гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар самти озодии виҷдон имруз дар Тоҷикистон бештар аз 257 масчитҳои ҷомеъ, 2500 масчитҳои панҷвақта ва 66 иттиҳодияҳои динии характери ғайри мусулмони дошта амал менамоянд. То соли 1990 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон муассисаи таълимии характери динӣ дошата амал наменамуд имрӯз бошад шумораи онҳо ба 20 расидааст. Идҳои Рамазон ва Қурбон ҳамчун рӯзи истироҳатӣ эътироф карда шудааст Ғайр аз ин бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомали Раҳмон китоби Қуръон ба забони тоҷикӣ аз чоп баровварда ва ба ҷомеа паҳн карда шуд[1].

Д.М. Муллоев дуруст зикр менамояд, ки ҳуқуқ ба озодии виҷдон то ҳатто дар мавриди демократияи инкишофёфта маънои озодии мутлакро надорад. Давлат фосилаи муайянро нигоҳ дошта, набояд оиди вайрон намудани қонунгузорӣ дар самти озодии виҷдон аз ҷониби иттиҳодияҳои миссионерӣ, ки мақсадашон низоъ андохтан мебошад бепарвоёна муносибат намояд[2].

Ҳуқуқшиносони муосир инкишоф ва моҳияти давлати дунявиро маҳсули кори Т. Гоббс, Б. Спиноза, Д. Локк, Шарл Луи Монтеские, Волтер, Ж.Ж. Руссо ва дигарон медонанд. Масалан, Т. Гобс ҳокимияти дунявиро асоси бартараф кардани «ҷанги ҳама бар зидди ҳама» шуморидааст. Б. Спиноза дар муҳокимааш оиди «Давлати озод» зикр менамояд, ки ҳарки ҳақ дорад озод ва мустақилона фикр намояд ва бигӯяд ҳарчики мехоҳад. Дж. Локк бошад иттиҳодияҳои динӣ ва харатери атеистӣ доштаро яксон ҳимоя менамояд. Ҳамчунин ӯ ҷудо будани дин аз давлатро пешкаш кардааст. Ж.Ж. Руссо бошад некӯкорӣ, соҳибэҳсонӣ, меҳрубониро на дар

* Тошев А.М. – дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия.

[1] Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ : дис... кан. юр. наук. – Душанбе, 2015. – С. 152.

[2] Иқтибос ба : Саидов И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ : дис... кан. юр. наук. – Душанбе, 2015. – С. 154.

церков ё шахсони алоҳида балки дар эътиқод ба ҳудо мешуморад.

Илми назарияи давлат ва ҳуқуқ бартариро нисбат ба давлати характери дунявӣ дошта додааст. Зеро дар давлат авлавият нисбати ягон дин ва ё иттиҳодияҳои динӣ дода намешавад ва ҳамаи динҳо ва иттиҳодияҳои онҳо дар назди давлат баробар ҳастанд. Ин албатта барои таъмин намудани адолати иҷтимоӣ дар байни қишрҳои ҷомеа мусоидат менамояд.

Академик О.Е. Кутафин менависад, ки дар давлати дунявӣ фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидораи маҳалиро набояд расму маросимҳои динӣ ҳамроҳи намоянд. Шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомотҳо, мақомоти худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчиёни низомӣ набояд вобаста аз мақоми хизматиашон барои ба вуҷуд овардани муносибат ба ин ё он дин мусоидат намоянд[1].

Аз руи маълумотҳои илмӣ-назариявӣ принсипҳои асосии давлати дунявро чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. Ба ҳар як шахс кафолати озоди ибодат кардан ё накардан ба дин дода мешавад, ҳеҷ як дин ё ғайри диният (атеизм) ба ҳайси мафкураи давлатӣ дониста намешавад;

2. Иттиҳодияҳои дини аз давлат ҷудо мебошанд, ягон функсияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомотҳоро иҷро наменамоянд, дар интихоботҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ иштирок карда наметавонанд, наметавонанд намояндагони худро ба мансабҳои интихобшаванда пешкаш намоянд, наметавонанд дар ташвиқотҳои пеш аз интихоботӣ иштирок кунанд инчунин наметавонанд дар фаъолият ва ҳаракатҳои ҳизбӣ иштирок кунанд (ба истиснои иштироки фардии аъзои иттиҳодияҳои динӣ на аз номи ягон иттиҳодияҳои динӣ);

3. Давлат бар зидди дин ташвиқот намебарад ва ба фаъолияти дохилии иттиҳодияҳои динӣ дахолат наменамояд;

4. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои динӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ дониста намешавад;

5. Давлат ташкилотҳои динӣ ва фаъолияти онҳоро маблағгузорӣ наменамояд ба истиснои нигоҳу бин ва таъмири биноҳҳои хусусияти таърихи дошта.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон зикр намуд, ки хусусияти дунявӣ доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон як андоза мухолифат менамояд ба принсипҳои давлати дунявӣ. Зеро мувофиқи банди 1 моддаи 28 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикстон шаҳрванд хақ дорад дар ташкили ҳизбҳои характери динӣ ва атеистӣ дошта иштирок намояд. Дар амалия низ Ҳизби Наҳзати Ислом ки характери динӣ дорад ба сифати ҳизби расмӣ шинохта мешавад. Мақсади асосии ҳар як ҳизб ба даст овардани ҳокимият аст ва Ҳизби Наҳзати Ислом низ мехохад ҳокимиятро ба даст орад, ҳоло он ки мақсади асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди давлати дунявӣ мебошад. Албатта бисёрҳизбӣ яке аз талаботҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷавобгӯи талаботҳои замони муосир аст, аммо характери динӣ доштани Ҳизби Наҳзати Ислом аз ҳар ҷиҳат мухолифат менамояд ба принсипи дунявӣ будани Тоҷикистон. С.Н. Станских дуруст зикр менамояд, ки созмон додани ҳизбҳои характери динӣ ва милатчигӣ дошта аз ҳар ҷониб ҳуқуқ ва манфиатҳои як дин ва ё як милатро ҳимоя менамояд. Муборизаи ҳизбҳои характери динӣ ва миллатчигӣ дошта, хусусан дар маракаҳои пеш аз интихоботӣ метавонад ҷомеаро аз муттаҳидӣ ба парокандагӣ оварда расонад[2]. Имруз ҳеҷ кас кафолат дода

[1] Е.И. Козлова, О.Е. Кутофин Конституционное право Росси : Учебник. – М. : Юрист, 2003. – С. 195. (Учебник удостоен Премии Президента Российской Федерации)

[2] Станских С.Н. Основы конституционного строя, права и свободы человека и гражданина. Постатейный комментарий к Конституции Российской Федерации в документах и

наметавонад, ки баъди ба даст овардани ҳокимият аз тарафи Ҳизби Наҳзати Ислом нисбати миллату қавмиятҳое, ки дину урфу одат ва эътиқоди дигар доранд читавр муносибат ба роҳ монда мешавад. Оё ҳуқуқу озодиҳои онҳо зери хатар намемонад? Профессор А.Г. Косиченко дуруст ияброз менамояд, ки дар давлатҳое, ки миллатҳои гуногун ва қавмҳои дигар зиндагӣ менамоянд бунёди давлати дунявӣ мувофиқи мақсад мебошад[1]. Аз тарафи дигар бештар аз 93 %-и шаҳрвандони Тоҷикистонро мусулмонон ташкил медиҳанд, ки аксарият эътиқод ва эҳтироми хоса нисбат ба дини мубини ислом доранд. Аз нигоҳи муаллиф вуҷуд доштани Ҳизби Наҳзати Ислом худи ҷомеаи мусулмононро дар Тоҷикистон ба ду гурӯҳ тақсим менамояд: якум, нафароне, ки аъзои Ҳизби Наҳзати Ислом ҳастанд онҳо гуё тарафдорони содиқи дини Ислом ҳастанду дуюм, нафароне, ки аъзои ин ҳизб нестанд гуё бетараф ва ё бар зидди паҳн гардидани қонуниятҳои дини Ислом мебошанд. Ин амал албатта нофаҳмиро байни ҷомеа эъҷод менамояд ва як андоза хатарҳам дорад. Ғайр аз ин, на ҳама аз аъзоёни Ҳизби Наҳзати Ислом дониш ва тафаккури мукаммали исломӣ доранд ва барои ба амал баровардани мақсадҳои худ ба ҳар амал омода мебошанд. Мисоли равшан ин амалу кирдорҳои нафарони созмондиҳандаи давлати исломӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳодияи Шӯравӣ дар Тоҷикистон буд, ки Ҷанги Шаҳрвандиро ба бор овард. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар рафти Ҷанги Шаҳрвандӣ чиқадар ваҳшиёниятҳо нисбати ҳамватанон ва ҳаммазҳабони худ аз ҷониби ҳамдигар содир карда шуда буд. Ин таҷрибаи талхи таърихӣ набояд фаромуш шавад. Дини Ислом ин пур аз меҳру муҳаббат, самимият, инсондусти, рафоқат аст ва шахсро ҳамеша ба некуъкорӣ ҳидоят менамояд. Аммо мушохидаҳо нишон медиҳанд, ки имруз сатҳи саводнокии қисми зиёди ҷавонон аз он ҷумла саводнокии динии онҳо дар сатҳи паст қарор дорад, ки гумроҳ кардани чунин шахсон барои ғаразҳои манфиатталабон ҳеҷ мушкилие надорад.

Вақтҳои охир ҷаҳони муосирро таҳдидҳои терроризм, экстремизм, ифротгарои ба ташвиш овардааст. Мисоли равшан ин ноороміҳо дар давлати ба ном исломии Шому Ироқ мебошад. Дар сафи ҷангиёни давлати Исломӣ имрӯз мувофиқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 500 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон қарор доранд. Қарор доштани шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин ҷанг якбори дигар собит менамояд, ки ҳоло дар ҷомеаи Тоҷикистон мафкураи дурусти диниву дунявӣ вуҷуд надорад. Профессор С.М. Кочои дуруст зикр менамояд, ки имрӯз ҷангиёни давлати Исломӣ идоранашаванда буда нисбати қавмҳои дигар амали геноцит ва дигар кирдорҳои ваҳшиёнатомезро анҷом дода истодаанд, ки инсони руҳан солим онро иҷро наменамояд. Проблемаи дигар сари он аст, ки имрӯз ҷангиёни давлати Исломӣ, ки аз ҳар гӯшаву канори дунё ҷамъ омадаанд хатари ҷиддӣ нисбати давлати худ доранд. Зеро пас аз баргаштани онҳо ба ватани муқимиаашон онҳо метавонанд як гушаи дигари дунёро ноором созанд[2].

Вобаста ба ин проблемаҳои замони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки принципи давлати дунявиро мустаҳкам намояд. Барои ин асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ зарур аст. Аз нигоҳи муаллиф асоси ҳуқуқӣ ин аз байн бурдани мухолифати банди 1 моддаи 28 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикстон ба моддаи 1 он мебошад. Зеро халқи Тоҷикистон иродаи худро нисбати бунёди давлати дунявӣ ифода намудааст. Чихеле, ки дар боли иброз намудем дар давлати

материалах / С.Н. Станских. – М.: «Библиотека РГ», 2013. – 332.

[1] Косиченко А.Г. Светское государство: Республика Казахстан и мировой опыт // Право и государство. – 2014. – № 4 (65). – С. 11.

[2] Кочои С.М. Исламское государство: от терроризма к геноциду // Журнал российского права. – 2014. – № 12 (216). – С. 61-72.

дунявӣ вуҷуд доштани ҳизби характери динӣ дошта мухолифи принсипҳои давлати дунявӣ мебошад ва ҳуқуқу озодиҳои ақалиятро зери хатар мегузорад. Аз нигоҳи ташкилӣ бошад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, чораҳои муҳимро барои баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва сатҳи савотнокии диниву дунявии онҳо коркард намояд.

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ПИЁДАСОЗИИ МОДЕЛИ НАВИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Абдуллои Ш.***

Модели миллии дунявият дар кишвари мо. Раҳбарият кишвар, алалхусус Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози истиқлолият, алалхусус пас аз берун омадан аз он бӯҳрони ҷанги шаҳрвандӣ, саъю кӯшиш бисёр ба харҷ доданд, ки аксари монеаҳо, ки дар сари роҳи муносибати дину давлат дар даврони пеш вуҷуд доштанд аз байн бардошта шаванд. Имрӯз кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ, алалхусус, дар муҳити собиқ ҷамоҳири шуравӣ, ягона кишварест, ки тавонистааст, робитаи устувори байни иттиҳодияҳои динӣ ва давлатро барқарор кунад. Тозагии ин модел дар он аст, ки мо дар муносибат бо дин на пайравии экстремизи чапгарои меросмонда аз шуравӣ ва озодии виҷдонӣ типпи сталинӣ, ки муассисаҳои диниро аз ҳама ҳуққояш, ҳатто аз ҳуқуқи доштани китобхонаҳои оммавӣ маҳрум карда буд, кардем ва на бо роҳи экстремизими ростгарои исломӣ, ки бар хилофи таълимоти куръонӣ маҷбуран ҳокимияту тартиботи қуруни вустоиро ба мардум таҳмил намудан мехоҳанд, рафтем. Мо беҳтарин ва мусолиматомезтарин модели муносибати дину давлатро дар асоси принсипҳои миллии дунявият бунёд кардем, ки «Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» заминаи ҳуқуқии он мебошанд. Дар ин ҷодда имрӯз муваффақиятҳои зиёде ба даст овардем ва ин роҳро то охир идома хоҳем дод. Ин маънии онро дорад, ки сайри такомулии ин низом идома дорад, мо ҳанӯз ба ниҳояти ин роҳ нарасидаем. Табиист, ки ба камоли матлуб расидани ин низом вақту шароиту фурсати бештаре металабад. Бо вуҷуди ин мо демократитарин навъи муносибати байни дин ва давлатро дар минтақа дорем, ки тибқи он дар кишвари мо тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои имону эътиқодии шаҳрвандон нисбат ба дин комилан риоя мешавад ва дар муқоиса бо даврони шӯравӣ озодии диндорӣ куллан фарқ дорад.

Ҷаноби Президенти Кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз ба муносибати 10-солагии Конститусияи Тоҷикистон гуфтааст: «Дин ва муноси-батҳои одамон кори хусусӣ мебошад. Дар ҷое, ки масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои истиқлолият ва амнияти давлат пеш меояд, дин бояд дар хидмати онҳо қарор гирад». Зимнан дар ҳамин суханронӣ Президент гуфтаи бунёдгузори Ҷумҳурии Исломии Эрон шодравон Оятулло Хумайниро иқтибос намуда, ки дар он омадааст: «Ман сахт эътиқодманд ҳастам ба он нукта, ки арзиши идора намудани давлат бояд аз тамоми манфиатҳои дигар, ҳатто манфиатҳои динӣ, чун намоз, рӯза ва ҳаҷ ҳам авлотар дониста шавад.

Давлат метавонад тамоми зуҳуротро манъ эълон намояд, агар ин зуҳурот ҷавобгӯи манфиатҳои давлат набошад, ҳатто агар ин манъкарданиҳо дар зиддият ба манфиатҳои исломӣ ҳам бошанд. Зеро манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ бузургтар аз қонунҳои исломӣ ҳастанд»[1].

Ин фармудаи Оятуллоҳ Хумайнӣ аз нигоҳи банда низ, ки аз аввал то охири Инқилоби Исломии Эрон дар он кишвар будам ва аз наздик бо он ҳаводис шинос ҳастам ва осори Имомро мутолиа ва таҳлили илмӣ кардаам, воқеияти маҳз аст ва суханест, ки аз забони марди ҷоннисор барои ислом вале дар айни ҳол ҷоннисор барои миллат ва

* Абдуллои Шерзот – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи дини Донишкадаи Исломии Тоҷикистон.

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин. Душанбе:2006. с.197-198

истиқлолияти маллати Эрон гуфта шудааст.

Инро барои он овардам, ки ҷавонон ба шахсият ва гуфтаҳои касоне, ки мехоҳанд онҳоро ба роҳҳои ифротгароӣ ҳидоят кунанд ё онҳое, ки аз ҳад зиёд дар атрофи ин ё он масъалае, ё иқдоми давлат муҷодила ва муболиға мекунанд, диққат диҳанд ва ҳамин нукоти дар боло ёдшударо ба хотир оранд.

Дар воқеъ, метавон гуфт, ки бунёди модели нави давлати дунявӣ аз Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ оғоз шуда буд. Дар ин маврид ҳанӯз 15 ноябри соли 1993 Мӯҳтарам Президент Эмомали Раҳмон фармудаанд: «Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ чунон ки маълум аст, эҳтироми ҷумҳурии моро ба принсипҳои эътирофшудаи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократию дунявӣ эълон намуд».

Бояд гуфт, ки ҳанӯз дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декебри соли 1990 «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ» амал мекард ва баъди чаҳор сол 1 декабри соли 1994 ба он тибқи Қарори Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд ва танҳо 26 марти соли 2009 Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз тарафи Президенти ҶТ имзо карда шуд.

Ин санади қонунӣ дар воқеъ назар ба асноди пешина бештар хусусияти миллӣ дорад. Нахуст, ин ки дар даромади он омадааст: «Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар рушди фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии мардуми Тоҷикистон, Қонуни мазкур қабул карда мешавад».

Бояд гуфт, ки ин муҳимтарин нукта ва хусусияти фарққунандаи модели миллӣ дунявият дар кишвари мо буда, ҳеҷ таноқузе аз лиҳози ҳуқуқӣ ва динӣ надорад. Чунки мазҳаби ҳанафия бузургтарин ва сернуфӯзтарин мазҳаби фаромиллӣ буда, дар як вақт робитаи зимнӣ (имманентӣ) бо ҳувияти бунёдии ин миллат дорад. Таъкидҳои мукаррари Президенти кишвар рӯи ин асл, далолат бар он мекунад, ки ин як муқаддимаи тасодуфӣ набуда, дар воқеъ баёнгари тозагии модели дунявияти моро дорад ва бар он далолат мекунад, ки аз лиҳзи маънавию фарҳангӣ давлат аз дин ҷудо нест.

Аввалин принсипи дунявият тибқи моддаи 8 Конститутсия (Сарқонун)-и ҶТ ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлатро набояд ба маънои комилан аз давлат ҷудо будани дин тафсир кард. Чунки ин ҷудоӣ танҳо ҷудоии сиёсист.

Мо ҳамон вақт аҳамияти он модели давлати дунявии типи наверо, ки дар кишвари мо пиёда шудааст, метавонем дарк кунем, ки аввалан, вазъияти динро то замони истиқлолият дар кишвари шуравӣ ва кулли қарору декретҳои ленинию сталинӣ ва ҳизби коммунистро пеши назар оварем ва сониян, аз таърихи таҳаввули типҳои давлати дунявӣ аз гузашта то имрӯз бохабар бошем. Муносибати дину давлат дар ҷаҳони мутамаддини имрӯз ҳадди ақал чаҳор тип ҳастанд:

Типи якум, кишварҳое мебошанд, ки бо вуҷуди расман ҷудо набудани калисо аз давлат ва эътирофи дини расмии давлатӣ асосан қонунҳо ва қонунияти дунявӣ дар он кишварҳо амал мекунад. Ба ин тип кишварҳо Британия Кабир, Италия, Испания, Полша ва ғайра дохиланд.

Типи дуввум, он кишварҳое мебошанд, ки дар онҳо бо вуҷуди аз давлат ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ байни дину давлат ҳамкориву ҳамоҳангӣ, алахусус дар умури тарбияи маънавию ахлоқӣ ва барангехтани рӯҳия миллӣ-ватанхоҳӣ, ватандӯстӣ ҳукмрон аст. Ин типи дунявият дар Франсия, Олмон, ИМА, ФедерасияиРоссия, Туркия,

Ҳиндустон, Тоҷикистон амал мекунад. Дунявият дар ин кишварҳо ба маънии бединӣ ё атеистӣ будан нест, сарварони ин кишварҳо диндории худ ва эҳтироми худро ба дини кишварашон пинҳон намекунанд.

Типи севум - типи собиқ давлати шуравӣ ва кишварҳои сотсиалистӣ буд, ки дар он:

1- дин воқеан ҳамчун муҳити муносибатҳои шахсию хусусӣ аз ҳама соҳаҳои ситемаи давлатӣ ҷудо буда, байни давлат, ки бар пояи идеологияи материалистию атеистӣ устувор буд, тақрибан ҳеҷ гуна муносибати созандае вуҷуд надошт ва бо идеологияи динӣ, ҳамчун мухолифи дараҷаи аввали ҷаҳонбинӣ ва идеологияи коммунистӣ муборизаву зиддияти оштинопазири ошкоро бурда мешуд;

2- дин ҳамчун боқимондаи даврони феодалии ба идеалҳои ҷомеаи коммунистӣ тамоман бегона, бояд аз байн бурда мешуд ва ҷои онро ҷаҳонбинии материалистиву атеистӣ мегирифт;

3- барои аз байн бурдани дин давлат ниҳодҳои гуногуни идеологӣ, сиёсию маъмурӣ мисли «Иттиҳоди атеистони ҷанговар», нашрияи «Бехудоён», «Илм ва дин», «Ҷамъияти дониш», «Хонаҳои атеизм», шӯъбаҳои идеология ва таблиғоти ҳизбӣ ва ғ-ра амал мекарданд;

4- дар бисёр маврид ҳатто маҷбуран ҷилавгирӣ кардан аз иҷрои маросимҳои динӣ вуҷуд дошт;

5- калисо ва ташкилотҳои динӣ ба ҳеҷ умури давлатӣ ва кишвар, ҳатто дар тарбияи маънавию ахлоқии шаҳрвандон ҷалб карда намешуданд;

6- онҳо ҳуқуқи юридикии фаъолиятҳои иқтисодӣ, соҳибият ва доштани моликиятро надоштанд;

7-онҳо аз ҳуқуқи озодона чопу интишори китобҳо ва нашрияҳои динӣ маҳрум буданд, ҳатто тарҷумаи русии Қуръон бо рӯйхати махсус тақсим мешуд;

8- ташкилотҳои динӣ ҳуқуқи таблиғу ташвиқи динӣ берун аз калисо тавассути расонаҳоро низ надоштанд;

9- ҳуқуқи бунёди мадрасаву донишкадаҳои динӣ, ҳатто китобхонаро низ надоштанд;

Дунявият-секулярикардан (секуляризатсия) нисбат ба замон ва макон фарқият дорад, яъне таърихан ва имрӯз дар ҳар кишваре вобаста ба шароити замону макон амалишуданаш гуногун буда ва ҳаст.

Типи чаҳорум давлатҳое мебошанд, ки дар онҳо ин ё он дин расман чун дини давлатӣ шинохта шудаанд, чун:ҶИЭ, ҶИА, Арабистони Саудӣ ва ғайра шуда метавонад.

Дар кишвари мо эътиқод кори шахсии ҳар як инсон аст. Вале ин маънои тамоман дар канор гузоштани дин ва рӯҳоният аз умури иҷтимоиро надорад, чунки ҳамоно Президент фармудааст «Эътиқод кори шахсии ҳар як инсон аст ва мо тамоми руҳониёни ҷумҳуриро даъват мекунем, ки умури диниро дар партави қонун танзим, дар рушду камоли маънавии мардум ва ба ин васила ба оромии ҷомеа ва рушди он хидмат намоянд»[1].

Дар мавриди ҳамбастагии исломӣ низ Президент чунин мефармояд: «Ҷумҳурии мо ҳамчун кишваре, ки беш аз навад фоизи аҳолиаш мусулмон аст, ҳаргиз наметавонад суннатҳои исломиро пеши по занад.

Баръакс, мо равобити тарафайнро бо давлатҳои мусулмони Шарқ торафт густариш дода, ҳамбастагии мазҳабӣ, таърихӣ ва фарҳангиро тақвият мебахшем»[2].

Бояд ба назар гигифт, ки ин дуввумин принсипи дунявияти типи миллии мо аст, ки маънии ҳамкорӣ дар умури маънивӣ ва ҳифзи оромии ҷомеа ва рушди иҷтимоии онро дорад ва чунин мавқегириро дар аввалин изҳороти расмии Сарвари давлат мебинем.

Аз аввали фаъолияти худ кӯшиши Президенти Кишвар иборат аз он буд, ки моҳияти давлати дунявии типи миллии моро ба мардум фаҳмонад. «Мо ҷомеаи дунявӣ бунёд

[1] Эмомалӣ Раҳмон Дар бораи дин.с.49
[2] Ҳамон ҷо .51.

намуда, дар айни замон ба эътиқоди динию мазҳабии ҳамватанонамон ягон мамониат нишон намедиҳем. Бигузор одамон бо кадом дину мазҳабе, ки эътиқод дошта бошанд, ба ҳамон имон оварданд.»[1] Дар баробари ин Президенти кишвар таъкид мекунанд: «Вале ин маънии онро надорад, ки пешвоёни дин ба корҳои давлатӣ дахолат кунанд, мардумро ба мусалмонону кофирон тақсим намоянд ва байни мардум низоъ ангезанд»[2].

Президент дар 8 сентябри с.1996 дар маҷлиси ботантанаи бахшида ба рӯзи истиқлолият иброз медорад: «Мо ба дини мубини ислом, чун ба як сарчашмаи покизаи маънавӣ, рӯҳонӣ ва ахлоқӣ эҳтиром мегузорем» ва зимни бо баршуморидани нақши гузаштагони баруманди тоҷик дар ривоҷу густариши дини мубини ислом меафзояд: «ислом рукни муҳими ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаи мост»[3].

Ин аст, хусусияти миллии дунявияити кишвари мо, ки Президенти кишвар тарроҳу меъмори он аст, яъне эътирофи дини ислом ҳамчун рукни муҳими ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа эътироф гардидааст. Магар болотар аз ин адён вазифае доранд?

Президент дар анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон иброз медорад, ки «Мо борҳо гуфтаем ва боз мегӯем, ки мақсади мо сохтани давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад.» Ҳамоно зимнан таъкид мекунад, ки «Мо ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонро дар риояи суннатҳои дини ислом заррае маҳдуд намекунем. Алҳамдуллилоҳ ҳамаи мо мусулмонем, фарзу суннатҳои исломро то қадри ҳол медонем ва риоя мекунем. Анъанаҳои гузаштаи халқ, фарҳангу адаби ҳазорсолаи ниёгон дар алоқамандӣ бо суннатҳои ислом густариш ёфтааст»[4].

Инҷост фарқи модели тозаи дунявияти миллии баъдиистиқлолии мо аз дунявияити атеистии шуравӣ, ки зимни иқрор ба мусулмонӣ, вобастагии таърихии фарҳанги миллатро аз ислом, нақши боризи маънавию фарҳангии онро тасдиқ мекунад. Президенти кишвар такрор ба такрор рӯи ин матлаб таъкид мекунад: «Ислом ҷузъи муҳим ва ҷудоинопазири фарҳанги суннатии мост. Ахлоқи ҷомеаи суннатии мо низ динист, ки ҳеҷ гоҳ наметавон рад кард ё нодида гирифт. Матлаби ҷудо будани \ташкилотҳо\-и динӣ аз давлат бошад, фақат як чиз аст: дин ба корҳои сиёсии давлат ва давлат ба корҳои мазҳабии дин мудохила накунад».[5]

Мафҳуми давлати дунявӣ ҳадди ақал дар сад соли охир амалан моҳият иваз кардааст. Аз ин рӯ мафҳуми дунявиятро якмаъно ё шахшудамаъно набояд қабул кард. Дар як асри гузашта дунявияти моҳиятан наве, на дар Ғарб, балки маҳз дар Шарқ рӯи кор омад. Дар ин маврид таҷрибаи кишвари Туркия ва алалхусус Ҳиндустон барои мо намунаи ҷолиб шуда метавонад. Дар Ҳиндустон, ки аз солҳои 40-уми асри гузашта давлати дунявӣ фаъолият мекунад, мо то имрӯз камтарин бӯҳрони сиёсии харобиоварро надидаем. Баръакс ин кишвар бо вуҷуди гуногунии эътиқодоти динӣ ва амалкарди фаъоли ду дини сернуфӯзи ҳиндуия ва ислом дар арсаи пешрафти илмию техникӣ ба дастовардҳои шоёне ноил шудааст.

Маҳз дар Ҳиндустон абъоди тозаи дунявият, ки онро ҳам аз равияҳои зиддидинӣ (аз ҷумла атеизм) ва ҳам аз шовинизми динӣ фарқ мекунад, ошкор карада шуд. Пешвоёни сиёсии ин кишвар таъкид бар он доштанад, ки дунявият бар зидди ҳеҷ дине нест, балки баробарӣ ва муносибати одилона бо тамоми дину бовариҳост, гузашта аз ин дунявият на танҳо эътибору пояҳои динро суст намекунад, балки бо баргардондани он ба моҳияти аслии худаш ҷойгоҳои онро дар қалби инсонҳо мустаҳкам месозад. Аз ҷумла аввалин

[1] Ҳамон ҷо с.50.
[2] Ҳамон ҷо с.49.
[3] Ҳамон ҷо с.55.
[4] Ҳамон ҷо с.51.
[5] Ҳамон ҷо с.50.

нахуствазири Ҳиндустони соҳибистиқлол Ҷ.Неру секуляризмро чунин тавзеҳ дода буд: «Дар конститусияи мо навишта шудааст, ки Ҳиндустон давлати дунявӣ мебошад. Ин ба маънии бединият нест, балки фақат эҳтироми баробар ба ҳама динҳо ва имконияти якхела барои ҳамаи онҳое, ки ба ягон дин эътиқод доранд мебошад. Мо бояд дар назар дошта бошем, ки ин ҷиҳати ҳаётии фарҳанги мост, ки он моҳияти бузурги худро дар Ҳиндустони имрӯза низ гум накардааст». Ва дигаре аз нахуствазирони маъруфи Ҳиндустон Индира Ганди низ секуляризмро чунин таъриф мекунанд «… секуляризм дар Ҳиндусто он маънӣ надорад, ки мо зидди динем; ин ба содагӣ чунин маънӣ дорад, ки дар мо дини давлатӣ нест, дини халқҳои гуногун, ки дар кишвари мо зиндагӣ мекунанд ба андозаи баробар мақому манзалат ва эҳтиром доранд.» Дунявиятро дар Ҳиндустон муҳимтари принсипи демократия мешуморанд.

Дар кишвари мо низ дунявият ба ҳамин маънию моҳият аст. Дар мо, таъкид мекунам, ки дин аз давлат не балки иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудоянд ва ин худ як қадами тозаест дар рушди маънии дунявият вобаста ба шароити миллӣ ва давру замон аст. Ин худ гарави поймол накардани адолат, роҳ нadодан бар зулм аст. Дар фарҳанги исломӣ дар умури давлатдорӣ ба зулм роҳ надодан аввалин шарту шароит ба шумор меравад. «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулк бо ҳадиси паёмбар «Ал-мулкуябқо билкуфр ва лоябқо бил-зулм»- «Кишвар бо куфр метавонад пойдор монад вале бо зулм не» оғоз мешавад. Пас давлати дунявӣ бо ҷудо кардани ташкилотҳои динӣ аз давлат дар баробари роҳ надодан ба дини расмии давлатӣ, ки ногузир ба вайрон шудани адолати иҷтимоӣ меорад, зимнан худи динро низ аз суъистифодаҳои сиёсӣ, аз табдил шудан ба хизматгори сиёсат замонат додааст. Аммо бо эъломи дунявият, давлат динро аз муҳити иҷтимоӣ, берун на андохтааст, балки онро ба мӯҳити фарохи фарҳангию иҷтимоӣ, ки ҷавлогоҳи асосии он аст, баргардонида. аз он муҳите, ки ба ҷуз дар шароитҳои хоси истисноӣ зарурат надорад, ки дахолат кунад.

Мақсади асосии ин мақола он аст, ки нишон диҳем, ки моҳиятан дунявияте, ки дар кишвари мо пиёда шудааст, натанҳо мутобиқ ба арзишҳои умумибашарӣ аст, балки аз дидгоҳи исломӣ низ машруъият (легитимность) дошта, бо дин ва ормонҳои исломӣ ҳеҷ зиддияте надорад ва он дар бисёр маврид айни ҳамон ормонҳоест, ки дар дигар кишварҳои исломӣ рӯшанфикрони динӣ ва навгароёни мазҳабӣ дар орзӯи он мебошанд ва чунин ҷараёнро дар ин кишварҳо «дунёгарои (секляризм)-и исломӣ» меноманд.

Дар навиштаҳои мухолифони дунявият аз кишварҳои исломӣ аксар таъкид бар он мекунанд, ки гӯё асосгузори давлати дунявӣ (секулор) Аврупо бошад. Аксаран оғози онро ба асри XVI пас аз имзои сулҳи Вестфал (15 май - 24 октябри соли 1648) баъди ҷанги сисолаву ҳаштодсолаи байни кишварҳои аврупоӣ дар империяи муқаддаси Рум медонанд. Ин қарордоди сулҳ ҳуқуқи пайравони мазҳаби катуликию протестантиро баробар кард, заминҳои калисоро давлатӣ сохт, ба ҳокимият ва дахолати сиёсии калисо ба умури давлатӣ хотима гузошта, дар умури сиёсию давлатдорӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истиқлолияти давлатро аз калисо эълон кард. Ин воқеият баъд аз зиёда аз ҳазору дусад сол (аз асри 4 мелодӣ баъди дини расмии давлатӣ эълон шудани дини насронӣ аз тарафи император Константин то асри 16 –и мелодӣ) барои Аврупо дуруст аст.

Аммо барои олами ислом на чандон сидқ дорад. Чунки дар таърихи ислом навъи ҳукумат пас аз даргузашти Паёмбар (с) ҳеҷ гоҳ сирф динӣ-илоҳӣ (теократия) набуд. Аз ҳамон рӯзе, ки дар масҷиди Мадина, бар хилофи он ривояту ҳадисҳое, ки аҳли ташайюъ меоранд ва вилояти

Алиро дорои сарчашмаи илоҳӣ медонанд, ё ҳеҷ набошад хости Паёмбар (с) мешуморанд, ба Абӯбакр байъат карданд, яъне интихоби мардумӣ (дунявӣ) сурат гирифт. Гузашта аз ин, пас аз даврони Хулафои рошидин ба шаҳодати ҳамаи сарчашмаҳо магар Муъовия ибни Абӯсуфён ва писараш Язид ибни Муовия тарзи ҳокимияти шабеҳ ба шоҳаншоҳии Эронро дар хилофати уммавиён пиёда карданд ва аббосиён онро идома надоданд? Ҳарчанд хулафо пешвоёни дин ба шумор мерафтанд, аммо асоси шаръиашон сустпоя буд. Ин худ далели он аст, ки дунявияит барои олами ислом сирф падидаи бегона нест. Ҳадди ақал унсурҳои дунявияти маъмурӣ, интихобию интисобӣ ва ҷуз қонунгузорӣ дар олами ислом вуҷуд доштанд.

Ин нуктаро имрӯзҳо васеътар ва назарӣ(консептуалӣ)-тар дар навиштаҳои секуляристони исломӣ метавон пайдо кард. Аммо дар мавриди ҷараёни секуляризми исломӣ, бояд гуфт, ки дар ду садаи гузашта ва оғози садаи ҷорӣ ба тадриҷ дар олами ислом як тамоюли назариявии нави исломӣ бо номи «секулорализми исломӣ» ба истилоҳи мо «дунявияти исломӣ» зуҳур карда, алалхусус дар солҳои баъд аз Инқилоби Исломии Эрон хеле фаъол гардида аст.

Дар асри 19 намояндагони маъруфи он: Аҳмади Дониши Бухорӣ, Алӣ Абдурозиқ ва Абдураҳмон Кавокибии мисрӣ буданд ва дар охири асри XX ва ибтидоиXX1, Юсуфии Ашкурӣ, Абдулкарими Суруш, Маҳдии Бозаргон, Муҳаммад Муҷтаҳид Шабистарӣ, Мустафо Малакиён аз Эрон ва Муҳаммад Обирди ал-Ҷобирӣ, Муҳаммад Саъид ал Ашмовӣ, Шокир Анноблусӣ ва Абду Филонлӣ Ансорӣ аз мамолики арабӣ ва Зиёуддин Сардар покистонӣ-британиёӣ, Иршад Манджи ба майдон омаданд, ки ҷонибдорӣ аз секулорализмро кардаанд ва бо номи тарафдорони секулорализми исломӣ маъруфанд. Ногуфта намонад, ки баъзе аз ин шахсиятҳо чун Абдулкарими Суруш, Маҳдии Бозаргон, Муҳаммад Муҷтаҳид Шабистарӣ дар ибтидо ҷонибдорони ҳукумати исломӣ ва ҳамсафони Оятуллоҳ Хумайнӣ, раҳбар ва асосгузори Инқилоби Исломии Эрон буданд ва Зиёуддин Сардар низ чунон, ки худ иброз дошта дар ҷавонӣ ҳангоми донишҷӯӣ аз ҷонибдорони ҳукумати исломӣ будааст. Ин мавзӯъ худ як таҳқиқоти алоҳидае мехоҳад.

Ин падидаи тозаи фикрӣ аз он падидаҳоест, ки дар расонаҳо ва матбуоти кишварҳои исломӣ солҳои охир, бисёр ба он таваҷҷуҳ мешавад. Секуляризми исломӣ ҳарчанд падидаи нав бошад ҳам, заминаи нисбатан қадимтаре дар олами ислом дорад. Ин ҷараён ба тадриҷ аз як ҷузъи таълимоти ислоҳталабон (реформаторон)-и исломӣ ба яке аз ҷараёнҳои фикрии мӯътадил ва ба муҳимтарин назария ва дидгоҳи сиёсии рӯшанфикрӣ ва навгароии динӣ табдил гардидааст. Аз ҷумла яке аз мӯҳаққиқони ин ҷараён оқои Мансури Мираҳмадӣ, ки нисбат ба ин ҷараён назари интиқодӣ дорад, дар китоби «Секуляризми исломӣ: накде бар дидгоҳи рӯшанфикрони мусалмон» ин ҷараёнро чунин арзёбӣ намуда: «Секуляризми исломӣ, ба вижа дар даҳаҳои ахир, ба унвони ҷараёни фикрии бадил ва нисбатан пурқудрат дар баробари дигар ҷараёнҳои фикрии исломӣ, аз ҷумла ислоҳталабии динӣ ва родикализми исломӣ зоҳир шуда ва ба тури ахас дар маҳофили илмӣ ва рӯшанфикрии ҷаҳони ислом тарафдороне касб карда аст...»[1].

Секуляристони исломӣ дунявиятро ба ислом бегона намедонанд. Масалан, Шокир Ан-Ноблусӣ ақида дорад, ки оғзи секуляризмро дар олами ислом ҳадди ақал аз замони хилофати Усмон ва Муъовия ибн Абӯсуфён бояд ҷусту ҷу кард[2].

Шуур, ҷаҳонбинию мафкураи динӣ ҳар ҷуре набошад, чӣ нақлӣ ва чӣ ақлӣ ҳатман бар пояи имону эътиқод ва андешаву эҳсос ва фитрату виҷдони

---

1 منصور میراحمدی.سکولاریسم اسلامی.نشر پژوهشگاه علوم وقرهنگ اسلامی1387 ص.122

2 http:||www.almuslih.org|index.php?

озод аз ҳаргуна қайду банд қарор дорад. Яъне шуур, ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва мафкураро наметавон иҷборан ба касе таҳмил кард. Дар сурати иҷборан таҳмилкардан низ ҳеҷгоҳ он мафкураву ҷаҳонбинӣ, он шуур, он эҳсос аз замири сиришту фитрати инсон ҷушида, содиқона, холӣ аз кизбу риё, эътиқодмандона нахоҳанд буд. Ин аст, ки дар Қуръон бо равшанӣ ва сароҳат ба ин асл таъкид шудааст: «Ва лав шоа раббука лаамана ман фи ал-арзи куллуҳум ҷамиъан, А фа анта тукриҳу ан-носа ҳатто якуну муъминина» /Юнус:99/ Тарҷума: «Ва агар Парвардигорат мехост, ҳамаи онон, ки дар заминанд, якҷо имон меоварданд. Оё ту мардумро маҷбур карда метавонӣ, то мӯъмин шаванд.» Ё мефармояд «Ло икроҳа фӣ ад-дини қад табайяна ар-рушду минал ғайи» /Ал-бақара:256/ Тарҷума: «Дар дин маҷбурият (зӯрӣ) ба кор бурдан раво нест. Ба дурустӣ ки роҳи рост аз гумроҳӣ ошкор шудааст»[1]. Ин аз мӯҳимтарин хусусиёти зотиву ҷавҳарӣ ва ҳадди томи таърифи дин аст. Ҳар мафкураю боварие, ки эътиқоду имони озод дар он набошад, дин нест.

Давлат-ниҳоди мабнӣ ба дастгоҳи муназзаме барои идораи ҷомеа мебошад, ки бар акси дин ба қудрату қонун устувор аст, ки имкони корбурди қудрат ва иҷбориятро дорад ва он бар асоси корбурди ниҳодҳои низомию ҳуқуқӣ барои ҳокимият аст.

Ниҳодҳои динӣ танҳо аз ҳокимият ҷудо буда метавонанд, яъне аз он вобастагӣ бо ниҳодҳои қудратӣ, ки ба онҳо динҳо моҳиятан ниёзе надоранд ва ин ҷудоӣ ҷудоии табиии аст. Яъне дин ҳамчун падидаи иҷтимоии бунёди эътиқодӣ дошта, аввалан барои амалкарди худ ниёзе ба корбурди қудрати ҳокимияти сиёсиро надорад ва ҷудо будан аз ҳокимият барои вай айни муддао ва гараву замонати покию беолоишӣ, сидқиву самимӣ будани он аст.

Сониян, ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ дар ҳар кишвар ва ҳатто дар як дин зиёданд ва расман ба ҳайати ҳокимияти давлатӣ шомил шудани ин ё он ташкилоти динӣ, сабаби эҷоди нобаробарӣ ва беадолатӣ гардида, норозигии ташкилоти дигар, динҳои дигар, табъизро ба вуҷуд меорад, ки ин аз назари ҳифзи ҳуқуқи башар созгор нест.

Аҳмияти ин усули муносибати дину давлат дар чист ва ба манфиати кист? Метавон гуфт, ки ин принсип охирин таҷрибаи таърихии мусолиматомези инсоният дар барқарории адолат дар муносибати дину давлат аст ва пеш аз ҳама ба манфиати дин ва диндорон аст. Чаро? Аммо динӣ будани давлат ва вуҷуди дини расмии ҳоким, ҳам бар зарари худи дин аст ва ҳам давлат. Чаро? Пеш аз он, ки худ ба ин савол ҷавоб диҳам мехоҳам аввал як сайри таърихие дар муносибати дину давлат ва заминаҳои пайдоиши давлати дунявӣ кунем ва сипас нуктаи назари худи уламои ислом ва он муфаккиронеро, ки дар ин замина андешидаанд баён кунам.

Дар қаламрави Тоҷикистону Эрон таърихӣ муносибати дину давлат аз озодии виҷдон то ваҳдати дин ва давлат ҷой доштааст. Бо чунин тафовут, ки дар замони ҷорӣ будани озодии виҷдон, ҳамчун нахуст унсури давлати дунявӣ мо шукуфоӣ ва ҳашамату бузургии давлатро мебинем ва аммо дар замони ҳамроҳ ва идғом шудани дин бо давлат мо нузул ва заъфи ҳокимияти сиёсӣ ва дар ниҳоят заволи давлатро дорем. Намунаи аввал даврони Круши Кабир ва сиёсати озодии ақидаву виҷдон, ки дар қаламрави империяи ӯ ҳукмрон будааст шуда метавонад. Он

[1] Дар тафсирҳои муфассирони маъруф: « Табарсӣ», «Маҷмаъул-баён», «Тафсири намуна» дар мавриди асбоби танзили ин оят омадааст, ки марде аз аҳли Мадина ба номи «Абӯҳусайн» ду писар дошт, бозаргонони масеҳӣ ҳангоми ба Мадина ворид кардани коло он дуро ба ойини масеҳӣ даъват кардан ва онҳо сахт зери таъсири ин дин қарор гирифта буданд. Абӯҳусайн аз рӯйдод сахт нороҳат буд ва ба Паёмбар (с) хабар дод ва аз Ӯ хост, ки онҳоро ба мазҳаби худ баргардонад ва савол кард: «Оё метавонӣ ононро ба иҷбор ба мазҳаби хеш баргардонӣ?» Ин буд, ки ояи фавқ нозил шуд « Дар гароиш ба мазҳаб зӯрӣ короям нест!»

муносибате, ки бар акси императорони бобулӣ Куруш дошта, сабабшуд, ки ӯро паёмбарони яҳудиён Ишаъёи Набӣ ва Эзро ҳамчун Масеҳи наҷотбахш дар китобаш ёд мекунад ва муаллифи «Яҳудиёи кӯҳан» Иосиф Фалавий чун муаррих ҳаводиси он давраро нақл мекунанд. Намуна дуввум давраи ҳокимияти сосониён дар асрҳои 5-7 мелодӣ мебошад. Дар давраи Круши Кабир ва Дориюши аввал дар баробари дини зардуштӣ, ки мавриди гароиши хахоманишҳо буда, динҳои дигар низ мавриди эътироф ва дорои озодии амал будаанд. Дар давраи Ардашери Бобакон дини зардуштӣ ҳамчун дини расмии сосониён шинохта шуда, ҳукумати сосонӣ бар пояи дин бунёд шуда буд ва яке аз илали асосии заъиф гардидани давлати сосониён ва фурӯпошида шудани он давлати абарқудрат дар баробари ҳуҷуми аъроби бадавӣ ҳамин фаҳмиши нодурусти ваҳдати дин ва давлат гардид, ки ниҳоят пояҳои он ҳукуматро суст карада буд. Иллати ин сустӣ ва пӯсидани пояҳои давлатдорӣ дар он буд, ки баъд аз он рефурми Ардашер мӯъбадон ва ҳербадон дар тамоми умури давлатӣ дахолат ва худ ба деҳқонон(феодалон)-у ашрофони бузург ва зимнан ба зумраи аҳли фиску фасод дохил шуда, ба ҳомии таассубу табъиз нисбат ба ҳаргуна мафкура ва ойини дигар табдил ёфта буданд.[1] Ин аст, ки вақто аъроб ҳамла оварданд мардум ҳимоя ва пуштибонии ин давлати манфурро накарданд. Ногуфта намонад, ки ҳам дар давраи тоисломӣ ва ҳам дар давраи исломии эҳёи аҷам Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати сиёсати динӣ таҳаммулгароӣ ва озодии эътиқоду имон ҳукмрон будааст. Чунон ки таърих хабар медиҳад дар ин сарзамин то дохил шудани ислом намояндагони як чанд динҳои маъруф: зардуштия, буддоия, насронии настурия озодона зиндагӣ ва эътиод мекардаанд, ҳатто наояндагони монавия ва маздакия, ки дар Эрони ҷану буғарбӣ озодии амал надоштаанд дар Самарқанду Бухоро озодона амал мекардаанд худи Мони низ ба ҳамин самт аз Эрон гуреза шуда буд. Агар дар Осиёи Марказӣ дини давлатти ҳукмрон мебуд, чунин озодии аада ва виҷдон имконнопазир мегардид. Дар давраи пас аз ислом низ ҳатто дар шаҳрҳо бузурги Осиёи Миёна намояндагони динҳои адима:зардӯштиён, монавиён, маздакиён, настуриҳо то асрҳои 11-13 озодона зиндагӣ мекардаанд.

Ҳамин таҷрибаи ба мо ҳушдор медиҳад, ки дар муносибати дин ва давлат ба ду чиз набояд роҳ дод. Аввал, ғафлат аз волоияти умури сиёсӣ ва давлатдорӣ нисбат ба умури динӣ. Сонияи, ғафлат аз ҷилавгирии мудохилаи мӯъбаду муллову охунду поп ба умури сиёсӣ ва боло гирифтани онҳо дар мақомоти давлатӣ. Чунки дар робита ба нодида гирифтани ин ду асл, як чанд таҷрибаи талхи таърихӣ чунон ки дидем таърих хабар медиҳад.

Дин вақте, ки дар канори қудрат ва сарват менишинад, ҳақиқати худро аз даст медиҳад, чаро ки махотаби дин дар мартабаи аввал дил ва замир ва виҷдони одамӣ аст ва дар мартабаи дуввум андеша ва тафаккур. Аммо дин вақте бо қудрат ва сарват пайванд мехӯрад дигар мавзӯи интихобӣ ва озодӣ барои дил ва зеҳни инсон нест, табдил ба як чорчуби ниҳодие мешавад, ки соҳибони қудрат ва сармоя аз он барои таҳкими қудрат ва сармояи худ истифода мекунанд, \ин иттифоқи қудрат, сармоя ва дин секунҷаи шумест, ки дар таърих ҳамеша фоҷиа офаридааст. Яъне ҳаргоҳ дин ба қудрат сиёсӣ мерасад ва ё бо қудрату сиёсат ҳампаймон мешавад дин ба хизматгори сиёсат табдил меёбад ё сиёсат ба хизматгори дин. Дар ҳарду сурат низ ниҳоятан адолати иҷтимоӣ поймол мегардад. Чун ки дин он гоҳ ки ба қудрат ва сармоя идғом нашуда аст, бузургтарин ва таъйинкунандатарин бахши он, имон аст.

[1] Таҷрибаи тассуфбори дигар, ки дар натиҷаи ваҳдати мафкура (идеология, ки барои коммунистҳо ба ҳайси дин буд) ва сиёсат дар даврони шуравӣ рух дод, ки он низ ба манфурияти ин системи давлатдорӣ ва ниҳоятан заволи он овард.

Ин аст ки мо мегӯем: ба шарофати модели нави давлати дунявӣ, ки дар кишвари мо бо талошу кӯшиши давлат ва Президенти Кишвар Эмомалӣ Раҳмон пиёда шудааст, мардуми мо поктарин, беолоиштарин ва самимитарин имону эътиқод ба дин ва озодии виҷдонро доранд, бошад ки Худованд онро мудовим гардонад.

# ЧАНД БЕМОРИИ РАВАНДИ ТАЪРИХОМӮЗӢ ДАР ИЛМИ МУОСИР

**Холиқзода А.Ғ.,*[*]**
**Маҷидзода З.Ҷ.,[**]**
**Насурдинов Э.С.,[***]**
**ИскандаровЗ.Ҳ.[****]**

Дар ҳошияи вохӯрии Роҳбари давлат бо аҳли зиёии кишвар.

«Мурочиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он мақсад аст, ки мо бояд ба ояндагон сабабҳои нотифоқиро дуруст шарҳ дода, зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоем».

Эмомалӣ Раҳмон[1].

Дар даврони лапишҳои иҷтимоӣ (истилоҳи сотсиолог Питирим Сорокин) ва бухронҳои молиявӣ, ки халқу миллатҳо давлату тамаддунҳо як марҳалаи ғайримӯътадилро паси сар менамоянд, дар қатори дигар паҳноҳои ҳаёти иҷтимоӣ илм ва соҳаҳои мухталифи он низ зери фишор ва шабаҳҳои мухталиф қарор мегиранд. Ҷанги манфиатҳо, муборизаи сармоя, ғояи бузургманишии кишварҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ аз як ҷониб, рӯ задании унсурҳои утилитаризм дар ҳама риштаҳои рӯзгори иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию илмӣ дар дохили тамаддун ва давлатҳо олами инсониро аз ҷониби дигар номуззам мегардонад. Зери ин ҳама фишорҳо давлатҳои рӯ ба рушд, истеҳсоли ватанӣ дошта ва пешрафта имкони мусоиди ҷаҳидан ба пешро соҳиб мешаванд, албатта агар қудратҳои ҷаҳонӣ ва ё низоми байналмилал имкони истифодаи ин лаҳзаро роиҷ намоянд. Дар акси ҳол нуфӯзи давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ тариқи татбиқи сиёсати салтанатии ҷаҳонӣ низоми оламро ба манфиати худ истифода намуда, оламро боз то мӯҳлати номуайян номуназзам нигоҳ медоранд.

Дар чунин шароитҳо агар илм аз як ҷониб воситаи муассири чунин давлатҳои бузургу салтанатӣ барои истисмори манфиатҳои давлатҳои кӯчак истифода шавад, аз ҷониби дигар самту соҳаҳои ҷудогонаи он гирифтори беморӣ ва сироятҳои мухталифи усулӣ гардида дар зоҳир ба рушди илм шабоҳат пайдо карда, дар дохил ба вайроншавии ҳаёти воқеӣ ва паҳноҳои тадқиқотӣ мусоидат менамояд. Илми ҳуқуқшиносӣ низ дар ин раванд аз чунин шабаҳҳо, ки байни таззоди манфиату зарарҳо нақши муассир доранд, озод нест. Воқеияти имрӯзи даврони гузариш собит дорад, ки агар илми соҳавии ҳуқуқшиносӣ байни назария ва консепсияҳои мухталифи арзишшиносӣ, оилаҳои ҳуқуқӣ ва низоми байналмилалӣ дар кашфи ҳақиқат ва адолати инсонӣ дар фазои демократия ва озодиҳо мушкилиҳои махсусгардонидашудаи соҳавиро доро бошанд, илмҳои умуминазариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ дар баробари имкони васеи рушднамоӣ, бемориҳо ва зиёдаравиҳои усулиро касб намудаанд.

Фазои озоди илмӣ, паҳнои мухталифи назарҳо ва имкони фарохи сайри таърихӣ ба субъектони озоду муҳаққиқони нуктасанҷ шароитеро фароҳам овардааст, ки муҳаққиқони сармасти озодӣ ва дастовардҳои илмӣ саманди фикрро дар майдони илмӣ бо усуле меронанд, ки масали халқии

---

[*] Холиқзода А.Ғ. – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

[**] Маҷидзода Ҷ.З. – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҳақиқии Академияии илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастҷамъӣ, генерал-майори милитсия.

[***] Насурдинов Э.С. – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ.

[****] Искандаров З.Х. – профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

[1] Эмомалӣ Раҳмон, Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат 19 марти соли 2015.

«Шутурро гуфтам ғамза кун, полеза вайрон карду рафт»-ро мемонад. Дар ин маҷро зиёдаравӣ дар омӯзиши таҷрибаи таърихӣ, усули мӯҳташами гузашта, дар таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ, дур шудан аз дарки воқеияту ҳақиқат дар хулосаҳои илмӣ аз бемориҳои вазнини илмҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ин раванд то он дараҷа нуфуз гирифтааст, аниқтараш ба умқи масъала фурӯ рафтааст, ки дар рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ сарҳади таърихомӯзиро вайрон намуда, ба таърихпарастӣ гузаштааст. Пасманзари ин раванд дар эҳсосоти ҷамъиятӣ манфӣ инъикос гаштааст. Ҷойи тафаккури эҷодиро тафаккури тақлидӣ ғасб карда, таассуб ва хурофот домани озодии андешаро қайчӣ зада, аз минбарҳои ҷудогонаи илмию динӣ, кӯшиши гузаштаро дар хизмати муосир овардан шурӯъ шудааст. Иддае то он дараҷа масти бузургманишии таърихӣ гаштанд, ки худро бо ҳама мушкилиҳои ҳаётӣ хаёлан дар симои салтанатҳои ҷаҳонии ниёгон эҳсос карданд.

Ин ҳолат гурӯҳи дигари «ватандӯстон» ва муҳофизини дастовардҳои навинро оташин карда, онҳоро ба ҳимояи арзишҳои давлати демократӣ ва дунявӣ ба муқобили ин таърихпарастони тақлидгар ба майдони мубоҳисаҳо овардааст. Дурӣ аз усули омӯзиши илмҳои ҷамъиятӣ, аз мантиқи фанҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, норасоии дониши қазоии гузашта ва ноогоҳӣ аз ҳикмати илмҳои ҷамъиятӣ ва таърихӣ дар рушди ҳаёти муосир ва оянда ҷонибдорони ин назарро низ ба нуктаи ниҳоии дигари муқобил кашидааст. Ин зиёиёни мӯҳтарам тақлид ва таърихпарастиро дуруст инкор карда, сарҳади эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиро вайрон намудаанд. Онҳо усулҳои илмии таърихомӯзиро ба эътибор нагирифта зери таъсири таъиноти иҷтимоӣ, касбӣ ва ҷаҳонбинии шахсии худ ба ҳимояи дастовардҳои навини давлати муосир остин барзада, бо тешаю табарҳои тезкардаи худ ҳар андеша ва ҳар назари бегона аз дидгоҳи худро теша мезананд. Ин раванд тафовут байни манфиати дирӯз, имрӯз ва фардои миллатро нагузошта, гоҳо решаҳои таърихии маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳатто кафолатҳои таърихии ҳастии миллати соҳибдлавлатро теша мезанад.

Чунин лағзишҳо дар тафаккури иддае аз муҳаққиқони таърихӣ ва олимони муосири назариётчӣ зери таъсири омилҳои мухталиф рӯ задааст. Бетарафӣ ва ғайрифаъол гардидани худи зиёиён ва олимони фанҳои ҷамъиятӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ ба он оварда расонд, ки онҳо аз madди назари ҷомеа, васоити ахбори омма ва ҳатто худи муассисаҳои илмӣ ва масъулини соҳа дур гаштанд. Ин раванд дар умум хизмати содиқонаи иддаи дигари онҳоро, ки софдилона заҳмат мекашиданд, аз madди назар дур монд. Бисёриҳо фикр карданд, ки бо китоби «Тоҷикон» ва чанд асарҳои ҳикматомӯзи бунёдгузори давлати миллӣ кори таърихомӯзии миллат ба итмом расид. Сониян, дуруст ба инобат нагирифтани усулҳои илмии омӯзиши таърих аз ҷониби иддае аз олимони соҳаи ҷамъиятӣ, ки дар тафаккури онҳо арзишҳои динӣ аз ҳақиқати илмӣ болотар рафта, таърихпарастӣ ва мӯҳташамии таърихӣ мавқеи ақлу хиради созандаро маҳдуд кард. Сеюм, авҷ гирифтани эҳсосоти динӣ дар ҷомеа, боло рафтани таассуб ва хурофот дар байни қишрҳои мухталиф ҳатто олимону донишмандон. Чорум, бетарафии олимони шинохтаи соҳаҳои дигари илм дар ҳимояи ҳақиқати илмӣ, таърихӣ, кашфиётҳои табиӣ ва собит сохтани нақш ва нуфӯзи илм барои рушди ҷомеа дар муқобили дигар усулҳои шинохти табиат ва шаклҳои шуури ҷамъиятӣ. Ин ҳолат агар аз як ҷониб ғалабаи боварӣ ва тақлиди бетаҳлилро дар муқобили шакку шубҳаи илмӣ дар тафаккури хонанда таъмин намуда бошад, аз ҷониби дигар майдони мубоҳисаҳои илмиро ба ғайримутахассисон, муҳофизони касбии дигар соҳаҳо ва диллетантҳо

вогузор кард. Панҷум нодуруст қабул кардани иқдоми таърихӣ ва зарурии ҷашнвораҳои таърихии миллат. Албатта, ҳолати панҷум, ки бо ибтикори Ҳукумати Тоҷикистон роҳандозӣ шуд, воқеан аз зинаҳои ногузир ва таърихии ҳифзи асолати миллӣ ва наҷоти ҳаққи миллати решабаърих ба давлатдорӣ буд ва хоҳад монд. Вале онро иддае бидуни ҳикмат ва таъиноти аслӣ қабул намуда, сарҳади таърихомӯзӣ ва сабақбардории таърихиро убур карда, ба сирояти таърихпарастӣ гирифтор шуда бошанд, гурӯҳи дигар бо хониши ду се асарҳои мутафаккирони гузашта ва шиносоӣ бо маҳдудиятҳои афкори таърихӣ ба инкори таърихи гузашта рӯ оварданд.

Бо назардошти муҳиммияти масъала ва омилҳои мухталифе, ки вазъи эҳсосоти илмии ҷомеа ва ҷаҳонбинии мардумро дар нуктаҳои ниҳоии мубоҳисаҳо ва роҳҳои рушди илм вогузор намуда, рушди васатияти илм ва ҷаҳонбинии миллатро бо ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ монеа мегардад, зарур шуморидем бо ин навишта, роҷеъ ба се ҷанбаи марказгурезии ин раванд мухтасаран баёни назар шавад.

**1) Сирояти тафохури таърихӣ ва маҳрумӣ аз мероси таърихӣ**

**Мисли оне, ки фарзандони шахси хирадманд на ҳамеша хирадманд мешаванд, халқу миллатҳои таърихи бой дошта низ на ҳама вақт аз зумраи давлатҳои пешрафтаанд.**

**а) Таърихи бой ва ғанӣ ҳанӯз нишонаи бузургии миллат ва давлат нест.**

Тоҷикон аз халқиятҳои қадимаи мардуми ориёианд, ки бори беш аз панҷҳазорсолаи тамаддуни давлату давлатдорӣ ва ҳуқуқу ҳуқуқэҷодкунии қабоили пешқадами онро дар сарзамини таърихии аҷдодӣ [1] ва кунунии хеш бар дӯш кашидаанд. Ҳақ ба ҷониби Роҳбари Давлат аст, ки иброз намуданд: **«Фаромӯш набояд кард, ки тоҷикон таърихи исботшудаи беш аз панҷҳазорсола дошта, ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом соҳиби фарҳанги асил ва анъанаҳои қадимаи давлатдорӣ будаанд»[2].**

Замонҳо тоифаи тоҷикии мардуми ориёӣ дар сарманшаи инқилобҳои фикрӣ ва ақлии тамаддуни ориёӣ қарор гирифта, бунёдгузори маданияти воло, давлатҳои абарқудрат, ҳуқуқи адлпарвару ахлоқи ҳамида ва фалсафаи инсонпарасту илми хизматгузори инсонҳо буд. Таҷрибаи пешқадами идоракунию ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамзамон бо нерӯи зеҳнии он обрезандаи осиёби инкишофи тамаддуни пешқадами дунёи қадим гардида, дар муқобили тамаддунҳои қадимаи шумерию аккадӣ, мисрию бобулӣ, хитоию ҳиндӣ, яҳудию эллинӣ ва ғайра гуногунӣ ва мухталифии роҳҳои инкишофи ҷомеаи инсониро собит намуда, хотираҳои олии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи бемислу монанди давлату идоракунии давлатиро рӯи кор овардаанд, ки аксаран ғояҳо ва усулҳои ақлии он пас аз пардаи ҳазорсолаҳои таърихӣ низ дар ҳолатҳои душвор чун ҳидоятгари роҳи росту муфид ва тарғибгари меҳру адолат барои имрӯзиёну фардоиён қодиранд, хизмат намоянд. Ва ҷои тааҷҷуб нест, ки онҳо, яъне мазмуну мундариҷот ва принсипҳои олии ин дастовардҳо бо ҳар роҳу восита то ба низоми ҳуқуқии давлатҳои имрӯз роҳ ёфта, ба мардуми пешқадами дунё хизмат намуда истодаанд.

Эътирофи масъулияти қудрат дар назди халқ ва таҷрибаи қабули мардум ва донишмандон аз ҷониби шоҳ Ҷамшедшоҳ дар ҳазораи 3-2 қабл аз милод[3]; нахустин эътироф ва эъломи ҳуқуқи инсон ба озодии ҳаракат, ба

---

[1] Сарзамини таърихии аҷдоди муродифи Тоҷикистони таърихист, яъне минтақаҳое, ки аз қадим мардуми тоҷикзабон иқомат дошта, давлату давлатдории форсӣ тоҷикиро бунёд намудаанд.

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат. 4 июли соли 2013. С. 7.

[3] Низам ал-мулк. Сиасет-намэ. Книга о правлении визира Х1 столетия. Перевод, введение в изучение памятника и примечания профессора Б.Н. Заходера. М-Л.1949. С. 44-45.

озодии виҷдон, ба интихоби озоди маскан аз Эъломияи Куруши Кабири соли 539 қабл аз милод[1]; истифодаи таҷрибаи танзими муносибати баробарҳуқуқи мард ва зан дар асоси шартномаи никоҳи тоҷикон (намуна шартномаи Дугдонча ва Уттегин соли 710 дар Суғд)[2] ва ғ., ки ҳоло низ ҷой ва мавқеи сазоворро дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои мутамаддин ишғол намудаанд, шаҳодати гуфтаҳои болост.

Кодификатсияи қонунгузории Куруши Кабир соли 539 қабл аз милод, ки дар омезишу гуфтугӯи ҳуқуқии тамаддунҳои қадима нахустин кӯшиши меросияти ақлонии инкишофи ҳуқуқи ҷаҳони куҳан ба шумор мерафт, танҳо пас аз ҳазор сол роҳ ба тамаддуни Ғарбӣ ёфта, дар шакли кодификатсияи Юстиниан соли 539 милодӣ рӯи кор омад. Ҳатто қисмати дигари он: эътирофи ҳуқуқи кӯдаки тавлиднашуда чун субъекти мустақил, эътирофи расмии нахустин шартномаҳои граждании ва мутобиқ омадани ният ва мақсади шартнома ба шакли он аз Авасто; ҳимояи тозагии об, муҳити зист ва ҳуқуқи ҳайвонот аз Вандидод (қисмати Авасто)[3]; таҷрибаи нахустин академияи тиббии Гундишопур дар ҷаҳон ва даҳҳо дигар дастовардҳо ба тамадунҳои яҳудию ҳиндӣ, юнонию римӣ (эллинистӣ) ва дигар шоҳроҳҳои инкишофи дунёи қадим роҳ ёфта[4], ҳангоми бархӯрии ақлонии тамаддунҳо, ҳамагӣ чун пурракунандаи норасоиҳои зеҳнӣ ба ҳаёти қавму қабоили мухталиф ворид гардида, дар кушодани гиреҳҳои ҳуқуқӣ ва пешбурди кори кишвардорию ҳуқуқэҷодкунии миллатҳои мухталиф хизмати босазо намуда истодаанд.

Хотираҳои ҳуқуқии урфию анъанавӣ, зардуштию буддоӣ, исломӣ ва шӯравӣ ҳар як ғизои маънавӣ ва иҷтимоии хосаи ҳаётиро ба аҷдоди ин миллат дар масири таърих пешниҳод намудааст. Дар ин паҳно бузургони созанда ва эҷодгари мо нақши боризе дар шаклгирии низом ва оилаҳои ҳуқуқии мазкур дар масири таърих гузошта, дар оламгирию нуфузи онҳо ҳамчун фарзандони содиқу вафодор хизматҳо кардаанд. Имрӯз бо мурури замон фалсафаи ҳуқуқи зардуштию буддоӣ ва исломиро бидуни нақши тоҷикон тасаввур кардан номумкин аст. Агар фарзандони ин халқи бузург намебуданд, ба гумон аст, ки зардуштия ва таълимоти фалсафию ҳуқуқии он тавлид шуда, дар масири таърих оламгир мешуд. Сарчашмаҳои олӣ ва хеле ҳам ҳаётии он аз Авасто сар карда, то «Дадистони меноги хирад»,[5] «Мотикони ҳазордастон», «Андарзҳои Анӯшервон», «Шояст ва нашояст» ва «Хвешкори редагон»[6] ҳама қисмате аз дастоварду заҳмати ақлонии фарзандони равшанфикри ин халқ дар ибтидои тамаддуни инсонӣ маҳсуб мешуданд.

Ин миллати реша ба таърихи бостонидошта аз ибтидои тамаддуни инсонӣ, он замоне, ки аксари халқу миллатҳои оламгири ин замона ҳаёти бешагию бо барги дарахтон пӯшидани шармгоҳи худро акнун ёд гирифта истода буданд, ба авҷи олии инкишофи давлатдорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ расида, эътирофи ҳаққи ҳаёти кӯдакро аз батни

[1] Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Декларация Великого Кира, как исторический источник о правах, свободах человека. // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Сб.ст. – Д., 2002. – С. 113-126.

[2] Согдийский брачный контракт 710 г.См.: Согдийские документы с горы Муг. - Вып.11. - С.23.

[3] Халиков А. Г. Правовая система зороастризма. Душанбе, 2005. 488с.

[4] Мутаассифона на ҳамеша чунин таъсиррасонии мусбӣ аз ҷониби муҳаққиқони ғарбӣ баҳои воқеӣ мегирад. Вале онҳо ногузир сафҳаҳои дурахшон ва нотакрори чунин таъсиррасониро, ки ба тамаддуни баъдии онҳо нақши бориз дорад инкор карда наметавонанд. Ниг. А. Дж. Тойнби, Цивилизация перед судом истории. –М., 2003.-С.158-159 ; 274.

[5] Зороастрийские тексты. Суждения Духа Разума. Памятники письменности Востока. СХ1У. М. 1997. С79-121.

[6] Изведать дороги и пути праведных: Пехлевийские назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, пер. коммен., глоссарий О.М.Чунаковой - М.: Наука, 1991.-192с. - (Памятники письменности Востока, ХС1У).

модар оғоз намуда, тарбияи ҳуқуқии тифлро аз лаҳзаи роҳравӣ ва сухангӯӣ оғоз кард. Сарчашмаҳои ҳуқуқии Авасто, «Шояст ва нашояст» ва «Хвешкори редагон» дар аҳди тамаддуни ҳуқуқии зардуштия ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки дар батни модар будаaро ҳифз карда, тарбияи маънавӣ ва ҳуқуқии ӯро аз лаҳзаи хурдсолӣ масъалагузорӣ намуда буд. Андешаи нек доштан нисбат ба ҳама ва ҳодисоти олам, сухани нек гуфтан нисбат ба ҳама ва амали нек кардан дар муносибат ба ҳама аз расмиёти ҳатмии фарзандони аввалияи ин халқ буда, таълими ростгӯӣ, аспсаворӣ, камонзанӣ ва ҳимояи марзу буми ватан аз таълимоти ҳатмии ҷавонони даврони бостонии ин миллат будааст. Ҳанӯз миёнаи ҳазораи яки қабл аз милод модарону устодон фарзандони ин халқро одоби ба мактаб рафтан ва аз дарс омадан, тартиби меҳнат карданро таълим медоданд.

Даврони тамаддуни ҳуқуқии исломӣ дар зиндагии тоҷик як сафҳаи хеле хотирмон, рангин ва пурғановат аст. Фалсафаи одамгароии исломӣ, ҳақшиносии воло, усулҳои кашфи дод ва адл дар ҷомеаи инсонӣ ва тарбияти неки инсонӣ, ки аз ҷавҳари сарчашмаҳои исломӣ – Қуръон, ҳадис, иҷмоъ ва иҷтиҳод мабдаъ мегирифт, ба равшанфикрони мо имкони мусоиди такмили андешаи илмӣ ва динӣ фароҳам овард. Бо вуҷуди ҳама нобасомонию гиреҳҳои таърихӣ тоҷикон тавонистанд ҳамчун созанда, эҷодгар ва муаллифони комили назария ва ғояҳои консептуалию наҷотбахши исломӣ вориди тамаддуни исломӣ гарданд. Онҳо на танҳо барои мардуми хеш, инчунин барои кулли мусулмонони ҷаҳон ва мардуми араб – соҳибони аслии дин хизматҳои хеле арзанда ва наҷотбахш намуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дуруст таъкид намуданд, ки **«Мояи ифтихор аст, ки миллати куҳанбунёди тоҷик дар баробари дигар халқҳои мусулмон дар рушди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ саҳми арзанда ва барҷаста гузоштааст»** [1] **.** Дар воқеъ ислом бо ҳама бузургию оламгириаш назди фарзандони барӯманди миллати тоҷик - Салмони Форс, Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Муслими Нишопурӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Мавлонои Балхӣ, Абӯмансури Мотуридӣ, Муҳаммади Шайбонӣ, Абӯбакри Самарқандӣ, Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, Абӯюсуфи Самарқандӣ, Бурҳониддини Марғелонӣ ва садҳо дигарон масъулиятҳо дорад. Дар бораи нақши ҷаҳонгирии ислом ҳарф зада, нодида гирифтани нақши Имоми Аъзам дар ривоҷи таълимоти мазкур ба кишварҳои ғайриарабӣ изҳори назар намудан беадолатист.

**Вале ин ҳама бузургию матонат** дар роҳи эҷоди ҳуқуқи адолатнок, ақидаҳои олии инсонгароёна бо тамоми дастовардҳои бузурги тамаддуни исломӣ натавонистанд бори маданияти давлатдории тоҷиконро дар тамоми қарнҳои ҳазораи ду ба манфиати халқ ва миллати тоҷикон ҳифз намоянд. Мутаассифона, халқият ва миллате, ки чунин таҷрибаи бойи таърихии ҳуқуқэҷодкунӣ ва идораи давлатиро дошта, ба оламиён чандин нобиғаҳои илму фанро тақдим намудааст, бо амри тақдир ва таърихи талх садсолаҳо аз сари қудрати сиёсӣ дур гардида, сарзаминҳои аҷдодии худро аз даст додааст…

Ба қавли шоир ва баҳри маърифати ирфонӣ Абдулқодири Бедил:

Дил ба андози ғубори нола аз худ рафтааст,

Решаи мо ҳар қадар бар хеш болад, дона нест[2].

**Чаро? Сари ин муаммо бояд ҳама зиёиёни мӯҳтарам, ки миссияи таърихиашон наҷот додан, мушкилиҳоро осон намудан аст, якҷо фикр намоянд. Андеша намоем, ки чаро**

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бо аҳли ҷамоатчигии малакат. 4 июли соли 2013. С. 7.

[2] Мирзо Абдулкодири Бедил, Девони Мавлоно Бедили Дехлави. Бо ихтимоми Хусайни Охи. Техрон 1371х., С. 366.

**қавмияте бо чунин дастовардҳои беназири илмӣ аз ӯҳдаи соҳибихтиёрии кишвар ва мулки хеш набаромад? Ё чаро миллати решабатаърих ва куҳан, ки ба ҷаҳониён мактабу маориф, илму ахлоқ додааст, бузургии худро ҳамчун давлати анъанавӣ дар масири таърих ҳифз накард?!**

**б). Манфиатҳои умумимиллӣ ва арзишҳои таърихӣ. Сирояти вируси амудӣ-таърихӣ ба мафкураи зиёӣ.**

Вале имрӯз, ки бо амри тақдир ва шарофати таърих мо соҳиби давлати мустақил шудем, дорои пешвои миллӣ гашта давлат ва миллатамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардем, вале ҳанӯз ҳам каҷравиҳо дар ҳаёт ва ҷаҳонбинии илмии мо шиддат шиддат дорад. Андеша, фикрҳо ва назарҳо озод шуда, мавқеъ ва мақоми худро дар майдонҳои илмию ҳавзаҳои маърифатӣ ҷустуҷӯ доранд. Гурӯҳе аз ин ҳолат сӯистифода намуда, қудрат ва ҳокимияти давлатиро мехоҳанд ба ин мубоҳисаҳо ва мунокишаҳо кашанд, ин раванд ҳам аз хориҷ ва ҳам аз дохил эҳсос мешавад. Чӣ бояд кард? Дурусттарин ҳидоят ва беҳтарин насиҳатро дар ин ҷода Роҳбари давлат ба аҳли уламо карданд, ки он аз таърихи талхи халқи тоҷик сабақбардорӣ шудааст:

**«…Ҳуқуқу озодиҳо касеро аз масъулият дар назди қонун ва неъмати истиқлолияти давлатӣ, таърихи миллат ва дигар манфиатҳои миллат ва давлати Тоҷикистон озод намесозад.**

**Ҳама гуна ҳуқуқ ва ҳама гуна озодиҳо аз чаҳорчӯби муқаддасоти миллӣ, ки Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф кардаанд, берун баромада наметавонад»[1].**

Имрӯз мо бештар ба ифтихор аз таърих такя намуда, аз сабақомӯзию меросбарии он оҷиз мондаем. Миллат ва давлате, ки ояндаро дидан мехоҳад, аз таърих сабақ бардошта, мероси таърихиро зинда нигоҳ бояд дорад. Дар интихоби арзиш ва меросияти таърихӣ бояд манфиати миллат, давлат ва наслҳои ояндаро мадди назар гирад. Таҳлили ҳодисаҳои таърихии халқҳо бо **дигар нукоти раванди сиёсӣ ва инкишофи афкору интихоби арзишҳои ҳуқуқӣ равшан менамояд, ки дар масири таърих ва фазои ҳуқуқии олам гарчанде арзиши ватандӯстӣ, миллатгароӣ ва хештанпарастӣ табиатан дар муқобили одамгароӣ, инсондӯстӣ, баробарию озодӣ маҳдуд ҳам бошад, нақши он дар бунёду асолати давлати соҳибихтиёр, ояндаи фарзандони миллат ва дурнамои халқ аз ҳар ҷиҳат қимматтар ва бузургтар аст.**

Ҷои он, ки имрӯз фахр аз бузургону мутафаккирони гузашта намоем, бояд диққат дод, ки чӣ тавр онҳо он замон ба ин мартаба расидаанд, кадом омилҳоро истифода намуданд ва аз кадомаш рӯй гардонданд, бо арзишҳои муқобил чӣ тавр истодагарӣ кардаанд ва дар асоси он имрӯз мо **чӣ тавр** бояд бузургону абадқудратонро дар ҳаёт ташаккул диҳем, онҳоро қадр намоем.

Бояд аз ёд набаровард, ки м**ерос, одатан ба меросхӯре поянда мегузарад, ки агар ӯ сифати меросдиҳандаро дошта бошад**. Сифатҳое, ки онҳоро ҷаҳонӣ кардааст, ин илму донишро гиромӣ доштан, адлу инсофро чун қонуни зиндагӣ парастидан ва таъмин намудан, мавқеи ақлу хирадро дар майдони муносибатҳои иҷтимоӣ шинохтан, қадршиносӣ аз бузургон кардан, тарбияи фарзандонро аз 5 сола то 20 сола дуруст ба роҳ мондан, ватанро дӯст доштан, қонун ва амри давлатро риоят кардан, роҳбарро эҳтиром гузоштан, ба қадри дӯстон расидан, хидмати падару модарро ба ҷо овардан, ятимону барҷомондагонро дастгирӣ кардан, таърихро гиромӣ доштан ва сиёсати некӯ ҳасана бо мардуми олам намудан будааст. Агар хоҳем, ки меросбари аслии ин тамаддунҳои оламгир шавем, пас бояд дар ниҳоди худ, дар замири миллат ва фарзандонамон ин сифатҳоро тавлид ва тарбия созем. Зеро таърихи халқ ва тамаддунҳо низ мисли ҳамон

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат. 4 июли соли 2013. С.11.

меросдиҳандааст, ки дар меросхӯрон сифати худро, маърифати худро бо ояндабинию устуворӣ ҷустуҷӯ менамояд, меросро ба касе медиҳанд, ки нерӯи бардоштан, ҳифз кардан, рушд ва амонати онро дошта бошад. Дар акси ҳол фарзандони тамаддуни оламгир бо мурури замон на танҳо аз пешдастии замона, балки аз мероси таърихии худ маҳрум мегарданд.

**Маликушшуаро устод Рӯдакӣ дуруст фармудаанд:**

**Оҳ дареғо, ки хирадмандро,**
**Бошад фарзанду хирадманд, не.**
**Гарчӣ адаб дораду дониш падар,**
**Ҳосили мерос ба фарзанд не.**

**2. Сирояти усули омӯзиши мӯҳташамии таърихӣ. Сирояти вируси илмӣ - умуминазариявӣ ва таърихӣ.**

Бузургон ва нухбагони илму адаби мо ба мо зиёд васиятҳо кардаанд, ки дар чунин шароити ноорому ҷаҳонгирии ғаразҳо чи гуна бошему ба кӣ пайравӣ намоем. Мушкилии ибтидоии мо он аст, ки аз ин мероси гаронбаҳо мо ва мардуми мо ғизои дурусти маънавӣ бардошта наметавонем. Чаро? **Аввал** ин, ки мо дар шинохти таърих бештар гирифтори усули мӯҳташамии таҳлили ҳодисоти таърихӣ гашта, муҳаққиқони расмию ғайрирасмии мо масти дастовардҳои таърихӣ шуда, дар паҳнои илм ва дин кӯшиши гузаштаро дар хизмати муосир қарор додан менамоянд.

Ин раванд дар ниҳояти кор ба қавли Ф. Нитсше «таърихро ба қабристони имрӯзиён табдил медиҳад» [1]. Бузургони илм дуруст таъкид намудаанд, ки муаррифии мӯҳташами таърихи гузашта бо истифодаи қиёс, агар аз як ҷониб ҷасуронро бо муаррифии ҳодисоти параллелҳои таърихӣ ва қаҳрамониҳо ба фидокорию қаҳрамонии бесарҳад ҳидоят намояд, аз ҷониби дигар рӯҳбаландӣ, илҳом ва завқро ба таассуб табдил медиҳад. Ба қавли Нитсше «агар чунин таърих ба сари худпарасту худбинони боистеъдод ва бадкорони хаёлпараст ворид шавад, бенизомӣ, ҷангҳо, инқилобҳо сар зада, «самараи таърихӣ дар худ» - «натиҷаҳои бесабаб»-ро дар ҳаёти воқеӣ зиёда мегардонад» [2].

Мо эътироф менамоем, ки аломатҳои таърихӣ ва ғайритаърихӣ якзайл ба сиҳатии инсони ҷудогона, халқ ва фарҳанг (Нитсше Ф.) шарт ва зарур аст [3]. Вале бартарӣ ва афзалияти яктарафа дар шинохти арзишҳои таърихӣ ва ғайритаърихӣ барои ҳар организми зинда фалокатбор аст.

**Дуюм** ин, ки мо аз усули таҳлили танқидии таърих ва арзишмандии сабақҳои он ба маврид истифода намоем. Тавонем, ки таърихи халқро ба ҳукми додгоҳи ақл зери манфиатҳои миллат ва давлати муосир кашем, камбуду норасоиҳо ва омилҳои зояндаи ӯро таҳлил намуда, ошкор созем, то ин ки дар оянда дар гардишҳои таърихӣ ба иштибоҳ роҳ надиҳем. Нодурустии муносибат ба таърих ва нобаробарии истифодаи усулҳои омӯзиши гузашта дар соҳаҳои мухталиф моро ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ кардааст.

Сирояти усули мӯҳташамии таърихӣ ба мафкураи зиёии муосир ба он дараҷа зиёда гардида, олимони мӯҳтараме, ки ба таърихи соҳаҳои илм назар менамоянд, дар саргумӣ буда, ҷои бардошт ва эҳёи нуктаҳои созандаи арзишҳои таърихӣ-илмӣ, ғоя ва усулҳоеро ҳамчун хулосаи корҳои илмӣ ба маърази хонанда пешниҳод менамоянд, ки аз истифодаи он на танҳо ҷомеаи муосир фоида ба даст намеорад, инчунин асосҳои низоми устувори ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва идории кишварро латма мезананд. Онҳо ба қавли худашон «аз таърих шӯъла мегиранд, на хокистар». Аммо дар асл ин ҳикматро айнан қабул кардаанд, ки оташи овардаашон ба сӯхтани низому

[1] Фридрих Ницще. О пользе и вреде истории для жизни. М.АСТ Минск Харвест. 2008. – С.10.

[2] Фридрих Ницще. О пользе и вреде истории для жизни. М.АСТ Минск Харвест. 2008. – С.24.

[3] Фридрих Ницще. О пользе и вреде истории для жизни. М.АСТ Минск Харвест. 2008. – С.11.

тартибот ҳидоят дорад. Ҳол он, ки ҳикмати «гирифтани оташ аз таърих на хокистар» ба маънии ҳаёт, пешравӣ, гармӣ, асосҳои рушддиҳанда ва нуру рӯшноӣ аст, на чизи дигар.

Иддае аз муҳаққиқон сарамасти дастовардҳои таърихӣ гардида, воқеияти имрӯзро аз ёдашон мебароранд. Онҳо мантиқи одии зиндагӣ, ки таърих такрор намеёбад, ва он аз ҳодиса ва унсурҳои такрорёбанда иборат астро фаромӯш карда дар ҳалли баъзе мушкилу норасоиҳои ҳаётӣ даст ба домони усулу воситаҳои таърихӣ заданӣ мешаванд. Албатта, аз таърих сабақ бардоштан, арзишҳои волои бидуни сарҳади онро эҳё кардан ва расму оини фарҳангии онро эҳтиром гузошта ҳифз кардан яке аз манбаъҳои рушди ҳастии халқу давлатҳост. Вале дар ин роҳ зиёдаравӣ намудан, паҳнои зиндагии имрӯзи халқҳо, воқеият, манфиатҳои давлату миллат ва шоҳроҳи зиндагии мардумро, ки Конститутсия муайян кардааст, нодида гирифта ба тақлид аз мӯҳташамии таърихӣ ба ислоҳи зиндагӣ даст задан, ба талаботи нав ва рушди ҷомеа мафкураи таърихиро ба ҷанг ва муноқиша кашидан аст. Ин хатари ҷиддӣ аст, ки зарари он аз ҳар бетартибии дигари иҷтимоӣ барои миллати соҳидавлат вазнинтар аст.

Ҳамин тавр, иддае аз муаррифкунандагони мероси фарҳангии мо бештар ба нуктаҳое такя менамоянд, ки онҳо на ба сохтану бунёд кардану васл намуданҳо, балки ба сӯхтану вайрон кардану фасл карданҳо хидоят доранд. Онҳо ҳикмати Мавлоноро «Мо барои васл кардан омадем, На барои фасл кардан омадем»-ро ҳанӯз дар худ ҳазм нанамуда, васияти Устод Рӯдакиро ҷиддӣ қабул накардаанд:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,

В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

**3) «Миллият ва диният» мероси талхи таърихӣ? Аз космополитизми динӣ ва арзишҳои байналмилалӣ ба утилитаризми миллӣ. Сирояти вируси уфуқӣ ва амудӣ - таърихӣ.**

Яке аз мушкилиҳои фазои маънавиёти имрӯзи кишвар, ки ба раванди таҳқиқотҳои илми таърихӣ-ҳуқуқӣ таъсири қавӣ дорад ин таносуб ва ё афзалияти мансубияти миллӣ ва динӣ дар тафаккури зиёии муосир аст. Андеша ва ғояи миллият ва диният, ки бо хазинаи ғании арзишҳои миллӣ ва динии худ тимсоли ду ҷаҳонбинии комил дар масири таърих нақши муассирро дар шаклгирии навъҳои давлату ҳуқуқ доро буд, дар замони истиқлолият дар заминаи демократия ва озодиҳо зери таъсири омилҳои мухталифи дохилию хориҷӣ рангин ва эҳсосотӣ гашт. Усулан ду арзиши номбаршуда зуҳуроти мусбати давронҳои мухталифи таърихист, ки ҳамчун хотираи неки таърих дар замони муосир дар баҳодиҳии зиёд аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар қиболи якдигар истодаанд. Зеро миллат ва дин худ аз шаклҳои шуур ва ҳастии ҷамъиятанд, ки дар даврони мухталиф ба мазмунии комилашон пайдо шудаанд. Аз ин хотир, дар ҳолати муқобил омадани вазифаҳои танзимии ин падидаҳо мутахассисон бештар ба усули инкор ва афзалият рӯ меоранд, ки на ҳамеша натиҷа медиҳад.

Ин ҷо ба ду масъала диққати ҷиддӣ додан шарт ва зарур аст. Аввал ин, ки мо дар масъалаи диндорӣ ва имондориамон дар фазои имрӯзи Тоҷикистони мустақил мушкилӣ надорем. Замоне дини ислом ба воситаи муборизаҳо ва муноқишаҳо табдил дода шуд, мардум эътиқод ва имони худро озод амалӣ карда наметавонист. Муҳимтарин рукни имондорӣ - калимаи шаҳодатро озод садо дода наметавонист. Дини худро ифшо кардан хатар дошт. Гузашт он рӯзҳо. Имрӯз давлат ҳама шароитҳоро пешниҳод кардааст. Конститутсияи давлати демократии Тоҷикистон озодии виҷдон ва эътиқодро эълон ва кафолат додааст. Озодии эътиқод, пайравӣ аз маросимҳои динӣ, мавҷудияти беш аз 4000 масҷид,

донишкадаи исломӣ, гимназияи исломӣ ва амсоли инҳо ҳама аз истиқлолияти давлати миллӣ ва мавҷудияти унсурҳои миллати соҳибдин аст.

Дар ҳақиқат, ҷанбаҳои худшиносии миллӣ ва манфиатҳои миллӣ маҳз пойгоҳе шудаанд, ки дар он озодиҳои динӣ, урфу одатҳои динию миллӣ ва дигар арзишҳои миллат, ки дар созиши байни манфиатҳои халқу дин дар масири таърих рушд кардаанд, эҳё ва ҳифз карда мешаванд. Аз ин хотир, эътирофи афзалияти арзишҳои миллӣ вобаста ба зарурат ва шароити таърихӣ, амри зарурӣ аст. Зеро маҳз афзалияти миллӣ арзишҳои диниро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ ҳифз ва кафолат медиҳад. Аммо афзалияти арзишҳои динӣ бо космополитизми эътиқодӣ ва инсонии худ он тавре, ки дирӯз ва имрӯз собит кардааст, таҳдиди маҳв намудани унсурҳои миллиро дорад. Маҳв намудани унсур ва арзишҳои миллӣ барои миллати ҷавони соҳибихтиёр, ин маҳв намудани пояҳои давлатдорӣ ва эътиқодии ӯст, ин маҳв ва инкор намудани мазҳаб ва таҳаммули арзишҳои динист.

Дуюм он, ки масъалаи ба ҳам кашидани мухолифати арзишҳои миллӣ ва динӣ масъалаи нав нест. Ин масъала аз нигоҳи шартӣ кӯҳна буда, ҳанӯз аз даврони берун шудани дини мубини ислом аз нимҷазираи араб ва бархӯрди он бо халқу миллатҳо ва тамаддунҳои гуногуни урфу одат ва забону фарҳанги мухталифдошта дар шаклҳои омехта рӯ зада буд. Дар асл ин масъала дар масири таърих дар чаҳорчӯби ахлоқ, маърифат ва фарҳанги ҳамзистӣ аз ҷониби бузургони мо, аз Имоми Аъзам ва устод Рӯдакӣ сар карда, то Ҳусайн Воизи Кошифиву Мавлоно Ҷомӣ, баъдан Бедилу Аҳмади Дониш ҳалли худро ёфта буд.

Мақом ва махсусияти истифодаи урф, одат, анъана ва дар маҷмӯъ менталитети халқи мо тавассути шахсиятҳои маъруф ва зиёиёни комил дар масири таърих аз роҳи мазҳаби ақлонии ҳанафӣ дар доираи қонунияти мутобиқат ба арзишҳои исломӣ вориди ҷаҳонбинии исломӣ гардида, тамаддуни исломӣ ва фарҳанги диндориамонро ғанӣ намуда, забон ва адабиёти тоҷикро оламшумул кард. Ҳавзаи мовароуннаҳрии фиқҳи ҳанафӣ таҳаммулноктарин шохаи мазҳаби ҳанафӣ ба шумор рафта, дар муқоиса бо ҳавзаҳои ироқӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва мисрӣ пешқадам, ислоҳотгаро, мутобиқ ба табиати замон рушдкунанда буда, муносибати неку ҳасанаро бо ҳама қудратҳои бумию хориҷӣ ва салтанатҳои ҷаҳонии минтақа доро буданд. Муҳаққиқони ҷавони моро зарур аст, ки маҳз атрофи ҳамин масъалаҳо дар паҳнои таърихӣ таҳқиқотҳо баранд, исбот созанд, ки арзишҳои фарҳангӣ ва динии мо ҷонибдори сулҳу субот ва созандагию ҳамкорӣ бо давлат буда, дар ҳеҷ сурат ҷонибдори нотинҷӣ, куштор ва ифротгароӣ набудаанд. Ҳар он кас ки ба чунин амалҳои зишт даст мезанад, мардум бояд донад ки ӯ аз мо ва аз мазҳаби таҳаммулпазири аҷдодони мо нест.

Зеро тундравию суннатгароии архаистӣ, ҷараёнҳои ифротӣ, маҳз ҳамон нуктаи ҷудогонаи сарчашмаҳои таърихиро барои собити назари худ бурида гирифтаанд, ки қаробат бо арзишҳо ва сарчашмаҳои динӣ доранд. Албатта, беҳтарин роҳи мубоmember қонунӣ бо чунин иллатҳои иҷтимоӣ татбиқи бемайлони қонуни давлат аст, ки ҳамагуна манифатҳо назди он қурбон бояд шаванд. Аммо чун таҳдид ба раванди тартиботи иҷтимоӣ ва низоми қонунгузорӣ бо омезишёбиҳои таърихӣ ва мафкураи динӣ сурат мегирад, дар шароити муосири тантанаи озодиҳо ва демократия, такя намудан танҳо ба қонун кифоя нест. Аз ҷониби дигар, мафкура ва менталитети миллӣ, эҳсосоти ҷамъиятии мо низ ниёз ба асосноккунонии эътиқодиро тақозо дорад. Пас илми муосир низ дар ин самт бояд кор кунад.

Дарёфт ва таҳлили нуктаҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва диние, ки чунин тундравон, ифротиён ва фитнагаронро саркуб карда, барои

тинҷию амонии мамлакат ва сиёсати созандаи Бунёдгузори давлати миллӣ мусоидат менамояд, бояд яке аз самтҳои таҳқиқотҳои илмӣ бошанд. Фарҳанги мо, мазҳаби мо ва расму оини миллати мо чунин унсурҳои мусбат ва сабақомӯзро зиёд дорад. Сабру таҳамммул, некию накӯкорӣ, эҳтироми низому тартибот, итоат ба ҷамоат, дастгирии ҳамдигар ва эҳтироми падару модар, хурду бузург, миллатҳои дигар ва пайравони динҳо аз нуктаҳои асосии таълимоти мазҳаб буд. **Мазҳаби аҷдодӣ дар муносибати нек бо давлат қарор дошта, ба ҳеҷ сурат ба сиёсат олуда намудани ислом ва эътиқодро намепазируфт.** Бузургтарин, некӯтарин ва арзишмандтарин нуктаи ин ақида дар масъалаи низоми иҷтимоӣ, ки аз **Имоми Аъзам, Мотуридии Самарқандӣ, Имом Насафӣ, Абуҳафси Кабири Бухорӣ ва Абулҳакими Самарқандӣ то ба мо расидааст, маҳз инкори сиёсӣ намудани дин ва эътиқод аст. Итоат ба низому тартиб, ба Роҳбари давлат аз рукнҳои муҳимми иймондарӣ дар мазҳаби мо шинохта шудааст. Ин нуктаҳо бояд дар маркази таҳқиқотҳои илмӣ қарор гиранд.**

Вале дар интиҳои даврони шӯравӣ озодиҳою ошкорбаёниҳои горбачевӣ ва сӯистифода аз рӯҳониён шароит фароҳам овард, ки рукнҳои сиёсишудаи исломи ҳанафии ироқӣ, мисрӣ ва покистонӣ бо ақидаи ашъарӣ вориди кишвари мо гарданд. Ба андешаи инҷониб онҳоеро, ки мо он замон ваҳҳобӣ ва ҳоло салафӣ мегӯем, дар асл аз мазҳаб не, балки аз ақида ҷониби ақидаи бегона гашта, бо чанд далелу омилҳо сиёсикунонии исломро пазируфтанд. Ақидаи Ашъарӣ бо ақидаи Мотуридӣ дар масъалаҳои сирф ақидавӣ умумияти беандоза дорад, вале масъалаҳои ақидавии тобиши иҷтимоӣ дошта, тафовутҳо доранд. Маҳз ҳамин нукта ин гурӯҳҳоро ба ҳам муқобил намуд. Баъдан зери таъсири сиёсишавии ислом ва канорагирии давлат аз ин сиёсишавӣ ногузир майдони муборизаи арзишҳои динӣ ва миллиро воқеӣ кард.

Гурӯҳу назарҳо дар ин майдон мухолиф арзёбӣ шуданд. Якеҳо ҷониби созиш ва паритети ин арзишҳо, дигарҳо афзалияти диниро ба арзишҳои миллӣ ва гурӯҳи сеюм баръакс бартарияти арзишҳои миллиро зарур донистанд. Албатта, ҳар дидгоҳ афзалияту нақси худро дошт. Вале таҷриба, воқеият ва пешомади садсолаҳои наздик ногузирии бартарияти арзишҳои миллиро масъалагузорӣ мекард. Ҳатто саромадони инқилобҳои исломӣ, ки сараввал бо номи ислом мардумро ба кӯчаҳо рехтанд, пас аз гирифтани қудрат бо эътирофи афзалияти арзишҳои миллӣ қоил гашта, дигар аз афзалиятҳои диниро ба қафо гузоштанд. (Ишора ба Оятулло Хумайнӣ). Вале имрӯз бо гузашти муддате, роҳбарони чунин кишварҳои исломӣ ногузир ва чун ҳақиқати бебаҳс таъкид менамоянд, ки «мардумро бо зӯри шаллоқ ба биҳишт бурдан намешавад» ва ё «кори полис назорати меъёрҳои исломӣ не балки назорати қонун аст» (Ишора ба матни баромади Ҳасани Рӯҳонӣ аз 25 апрели соли равон. Торномаи Озодӣ орг.) Ва ё дар худи кишварҳои арабӣ ба осонӣ пай мебарӣ, ки чи тавр манфиатҳои миллӣ авлавияти худро тавассути қонунҳои миллӣ дар сари ҳар қадам собит менамоянд. Вале ин ҳама ба тафаккури аз зиндон озодшуда ва ба паҳнои космополитизми динӣ роҳ ёфтаи гурӯҳе хеҷ асар надошт.

Миллат ва халқе, ки дар мазҳаб ва таърихи худ афзалияти манфиатҳои миллӣ ва давлатии худро нисбат ба ҳамагуна тобишҳои динӣ собит карда буд, хостанд ба табдили арзишҳо кашанд. Нашуд… инак бо мурури замон, шукр, ки ин нукта тибқи талаботи қонун дар мо ҳалли худро ёфтааст, инчунин аз ҷониби зиёде аз донишмандон ва зиёиён масъала ҳалли дурусти пайдо кард. Донишманди шинохта Абдунабӣ Сатторзода ҳақиқатнигорона менависад: «Дар ин баҳс ҳақ ба ҷониби онҳое мебошад, ки бартарии худшиносии миллиро бар худшиносии динӣ мепазиранд. Боиси

хурсандист, ки дар Тоҷикистон маҳз ҳамин гуна фаҳмиш имтиёз дорад ва он сазовори омӯзиш ва тарғиб мебошад»[1].

Дар воқеъ чунин дидгоҳ аз иродаи халқи Тоҷикистон, ки дар Конститутсия ҳамчун роҳи идораи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян шудааст, маншаъ мегирад. Зеро афзалияти арзишҳои динӣ ба миллӣ дар умқи масъала дуршавии мардумро аз роҳи интихобкарда, аз манфиатҳои миллӣ ба миён мегузорад. Ин ҳолат ҷанбаи бегонапарастӣ ва таассуби диниро афзун намуда, халкро аз арзишҳои меҳварӣ, таърихӣ ва миллиаш дур сохта, соҳибихтиёрӣ ва ҳокимияти миллати таҳҷоиро дар ватани худ зери суол мебарад. Пасманзари ин ҳолат ба мушкилии дасткашӣ аз фарҳанги ғанӣ, таърихи бой, рӯҳи қаҳрамонони миллат аз як ҷониб, аз ҷониби дигар ба дуршавӣ аз таҷрибаи бойи пешрафтаи ҷаҳонӣ хоҳад бурд.

Аз ин хотир, зиёиёнро зарур аст, ки дар чунин шароит, ки Роҳбари давлат бо иродаи халқ роҳи таърихии миллатро муайян карда, ҳифз менамояд, аз ҳарвақта дида бояд муттаҳидтар, хирадмандтар ва дастаҷамъона пуштибонӣ аз ин роҳи рост намоянд. Моро зарур аст, ки ҳар нукта, ҳар кашиши ноҷо ва ҳар монеаҳои сохтаи бо ном «дӯстонамонро», ки дар роҳи давлати миллии мо гузоштанӣ ва ё канданӣ мешаванд, бо далелу бурҳони қотеъ решакан намуда, ба халқи шарифи Тоҷикистон фаҳмонем, ки маҳз арзишҳои миллиамон моро ҳамчун миллати дорои давлат, таърих ва фарҳанги ғанӣ бо эътиқоди қавӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст. Маҳз арзишҳои миллиамон моро дар ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, амну субот ва соҳибихтиёрӣ ҳифз кардааст.

Гаравидан ба таассуби динӣ ва ё худро дар оғӯши арзишҳои исломӣ яктарафа партофтан мушкилиҳои зиёди илмӣ, мазҳабӣ ва фарҳангию сиёсиро тавлид менамояд. Ҳақ аст, ки: «…таърихи беш аз чордаҳасра дар қаламрави дини ислом гувоҳ бар он аст, ки бо ин ҳама умумият ва куллигароӣ ин дини муқтадир натавонистааст, ки ихтилофоти мазҳабию қавмии дар миёни пайравонаш бударо рафъ намояд»[2]. Биниши мазкур аз назари таҷрибаи эмпирикӣ аст, аз назари мантиқи илмӣ ва қонунияти рушди падидаҳои оламшумул чунин тазод ва ихтилофот амри табиӣ ва тақдири ҳастии чунин ҳодисоти фаромиллӣ аст. Аз ин назар, ҳар падидаи хурдтаре, ки худро ба оғӯши чунин ҳодисаи фароху оламгир мепартояд, сараввал худ ва баъдан тақдиру ҳастиашро ба боди нестӣ медиҳад. Мисли оне, ки як ҷурми хурди коинот ба ҷурми бузургтар пайваст мешавад, натиҷаи ин пайвастшавӣ марг ва нестии аввалист.

Агар мехоҳем, ки давлате бо номи Тоҷикистон дошта бошем, миллате бо номи тоҷик муаррифӣ шавем, соҳибии таърихи бою фарҳанги ғанӣ ва абармардони халқамонро дар арсаи байналмилалӣ карда бошем ва барои худ тинҷию амонӣ низому тартибро ҳифз кардаю барои насли ояндаамон ҷомеаи обод, рушдкунанда ва саодатманд вогузор намоем, атрофи арзишҳои Конститутсияи кишвар муттаҳид шуда, роҳи демократӣ ва дунявияти давлатро ҳифз карда, афзалияти арзишҳои миллӣ ва умимидавлатиро аз ҳама неъматҳо таъмин намоем.

---

[1] Сатторзода А. Дар бораи таносуби худшиноси динӣ ва миллӣ. Дин ва ҷомеа. №1. С.21.

[2] Сатторзода А. Дар бораи таносуби худшиноси динӣ ва миллӣ. Дин ва ҷомеа. Душанбе 2015. №1. С.21.

# МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВА МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АМАЛИЯИ ТАТБИҚИ ОНҲО»
**(25 июни 2015 с.)**

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ

**Шарифзода Ф.Р.** *

**Муҳтарам иштирокчиёни конференсия,**

Иҷозат фармоед ташрифи меҳмонони гиромиқадрро дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба меҳмонони гиромиқадр изҳори миннатдорӣ баён намоям, то ин ки онҳо имконият ёфта тавонистанд дар кори конференсияи имрузаи мо иштирок намоянд.

Муҳтарам дустон ва ҳамкасбон. Мақсади конференсияи имруза ин ҳаматарафа таҳлил намудани масоилҳои мураккаби қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Масоилҳои пешбинишудаи мавзуъҳо ин он ҳадафҳое мебошанд, ки дар дурнамои наздик бояд ҳалли худро ёбанд.

Итминон дорам, ки ҳамоиши илмии имрузаи мо ба мо имконият фароҳам меоварад ки бо дарки масъулият мавқеи инкишофи ҳам амалия ва ҳам назарияи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятиро муайяннамуда, камбудиҳо ва масоилҳои ҳалталаби қонунгузории соҳавиро мавриди муҳокима ва баҳогузорӣ, қарор диҳем.

Гузаронидани ин конференсия дар сатҳи баланд барои ҳамоҳанг ва якҷоя намудани қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистонро нисбат ба давлатҳои иштирокчиёни ИДМ муайян намуда, оид ба мукаммалсозии қонунгузории соҳавӣ боз як такони ҷиддие мебахшад. Ман аз сидқи дил дар кори конференсияи имруза ба ҳамаи иштирокчиёни конференсия бурдбори орзу менамоям.

Қобил қайд аст, ки аз соли 2007 инҷониб дар ҷумҳуриамон Барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул шуда, мавриди амал қарор гирифта истодаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии мамлакат мавқеи хосаро доро мебошанд.

Конференсияҳое, ки ба масоилҳои актуалии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, якчанд бор дар Душанбе дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуда буданд. Ҳамоиши имрузаи мо давомдиҳандаи ин қадамҳои устувор дар ин ҷода мебошад.

Дар конференсияи имруза Шарипов Тақдиршоҳ Шарипович – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор бо маърӯза *«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»: проблема ва мулоҳиза»,* Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳамитович – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Россиягию-Тоҷикӣ (славянӣ), номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент бо маърӯза *«Мубориза бар зидди ҷиноятҳои экстремистӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он»,* Искандаров Зайниддин Ҳамидович – профессори кафедраи

* Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор бо маърӯза *«Муаммои ҳуқуқӣ, мушкилот ва роҳҳои ҳал намудани он дар мавриди огоз намудани парвандаи ҷиноятӣ»* ва инчунин ҳайати профессорону омузгорони факултетҳои № 2, 3 ва 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳтарам иштирокчиёни конференсия,**

Бо иҷозати Шумо ман суханро барои муайян намудани реҷаи кори конференсия ба модератори ҳамоиши имруза, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Солиев Каримҷон Ҳоҷиевич медиҳам.

# ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ВА РАСОНИДАНИ КӮМАК БА ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН»: ПРОБЛЕМА ВА МУЛОҲИЗА.

**Шарипов Т.Ш.***

Савдои одамон дар миқёси байналмилали ҳамчун ҷинояти вазнин ва поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шуда, таҳти назорати фаъолияти ба ҷамъият хавфнокии ташкилотҳои фаромиллии ҷинояткор қарор дошта, даромади ҳарчи бештари ғайриқонуниро ба ҷинояткороне, ки дар навбати худ чунин даромадҳоро ҳангоми тавакали на онқадар зиёд ва боиси гирифтор шудан ба ҷазо ва молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст овардаашон оварда мерасонад, мусодира карда мешаванд.

Аз рӯи баҳодиҳии созмони ғайриҳукуматии байналмилалии Anti-Slavery international дар ҷаҳон зиёда аз 27 миллион одамон ба тavri воқеӣ, ғулом мебошанд, зеро вазъи онҳо ба се маҳаки асоси созгор аст:

Аввалан, фаъолияти инсон бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он.

Сониян, дар чунин ҳол қарор доштани одам ва машғул шудани ӯ ба ин намуди фаъолият хилофи иродаи ӯ сурат мегирад.

Солисан, одам барои иҷрои кори худ музди камтарин мегирад ё умуман аз гирифтани музд маҳрум аст[1].

Маълумоти оморӣ ба таври дақиқ ба болоравии савдои одамон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ишора мекунад. Агар дар давоми чор асри давраи ғуломдорӣ гардиши он аз 12 миллион зиёд нашуда бошад, пас дар давоми 30 соли охир танҳо дар Осиё шумораи занону кӯдакон, ки ба ғуломии шаҳвонӣ фурӯхта шудаанд, ба 30 миллион нафар расидааст. Қисми зиёди ин тиҷорати ғайри инсонӣ дар дасти ташкилотҳои ҷиноятӣ қарор дорад. Мувофиқи ҳисоботи СММ ҳамасола беш аз 4 миллион нафар одамон дар саросари ҷаҳон барои иҷрои корҳои маҷбурӣ аз сарҳадоти кишварҳои дигар убур карда шудаанд, ки ин кор соле то 7 миллиард доллари Амрикоӣ ба синдикатҳои ҷиноятпеша даромади ғайриқонунӣ меоранд[2].

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло лозим медонем чанд нуқтаеро дар мавриди вазъи савдои одамон дар Тоҷикистон, ки соли 2013 аз ҷониби Департаменти давлатии ИМА пешниҳод шудааст рӯи қоғаз орем: «Тоҷикистон кишварест, ки ҳамчун манбаъи хариду фурӯши мардон ва занону кӯдакон ба хотири меҳнати иҷборӣ, ва занону кӯдакон барои фоҳишагарии иҷборӣ истифода бурда мешавад. Як теъдод мардону занон аз Тоҷикистон дар соҳаҳои кишоварзӣ ва сохтмон дар Россияву Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳамчунин дар Қазоқистону Афғонистон ва Арабистони Саудӣ мавриди меҳнати иҷборӣ қарор гирифта буданд. Занону кӯдакони Тоҷикистониро умдатан дар Россияву Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳамчунин дар Арабистони Саудӣ, Қазоқистону Афғонистон ва дар худи Тоҷикистон ба фоҳишагарӣ маҷбур мекарданд. Ин занону кӯдакон ба кишварҳои мақсуд тариққи Россияву Қазоқистон ирсол карда мешуданд. Тоҷикистон ҳамчунин бо мушкилоти дохилии вобаста ба қочоқи инсон рӯ ба рӯ гашта буд. Гуфта мешавад, ки кӯдакони тоҷик чӣ дар худи Тоҷикистон ва чӣ дар Афғонистон мавриди фохишагарӣ ва меҳнати иҷборӣ, аз ҷумла гадоӣ қарор доштанд.

* Шарипов Тақдиршо Шарипович – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

[1] Ниг.: Хусусиятҳои пешгирӣ ва тафтишоти ҷиноятҳое, ки бо хариду фурӯши одамон вобастаанд// Данилова Н.А. ва диг. Москва 2008. С. 4

[2] Ниг.: Синицын Ф.Л. Международное законодательство по проблеме торговля людьми. – Пермь, 2000. С. 4

Баъзан занону духтарони тоҷикро ба хотири истисмори шаҳвонӣ ва ё бар ивази қарз маҷбуран ба мардони афғон ба шавҳар медоданд. Агарчанде нисбати соли 2011 камтар бошад ҳам, вале дар мавсими пахтачинии соли 2012 як теъдод кӯдакони тоҷик ва баъзан калонсолонро ҳам ба пахтачинӣ маҷбур мекарданд. Дар тӯли соли 2012 дар ҳудуди Қирғизистон ҳафт нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки қурбони хариду фурӯши одамон шуда буданд, кашф карда шуданд.

Дар ибтидо ҳаминро бояд ёдрас намуд, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» дар асоси конуни намунавӣ «Оид ба муқовимат ба савдои одамон» ва «Дар бораи расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон», ки ҳардуи онро Асамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштироккунандаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар ҷаласаи, сеюми худ аз 3 апрели соли 2008 таҳти қарори №3011 қабул намуда буд омода карда шудааст.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки таёр намудани Қонунҳои намунавии мазкур мувофиқан ба Барномаи ҳамкории давлатҳои иштироккунандаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди савдои одамон барои солҳои 2007-2010. Нақшаи минбаъдаи қонунэҷодкунии намунавӣ ва наздиккунонидани қонунгузорӣ и миллӣ дар ИДМ барои солҳои 2005-2010, Қарори Комиссияи доимии Асамблейяи Байнипарлумонии давлатҳои иштироккунандаи ИДМ оид ба мудофиа, амният ва Комиссияи якҷоя оид ба гармонизатсияи қонунгузорӣ дар соҳаи терроризм, ҷинояткорӣ ва тиҷорати нашъа ба роҳ монда шуда аст.

Як нукта мусалам аст, ки ҳануз соли 2011 Ҳукумати Ҷмуҳурии Тоҷикистон дар банди 18 Барномаи Маҷмуии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷмуҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 аз 3 марти соли 2011 №113 ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Қонуни Ҷмуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» аз 15 июли соли 2004 ба нақша гирифта буд. Вале таҳлилгарон ба хулосае омаданд, ки Қонуни мазкур бо назардошти як қатор омилҳо бошад мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад.

Дар ниҳояти кор бо вуҷуди оне, ки савдои одамон бо қонуни нав таҷдиди назар шуда бошад, ҳам ҳали як қатор проблемаҳоро сарфи назар намудааст:

Якум, ба ҳамагон маълум буд, ки қонуни қабли бо номи Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон», ки 15 июли соли 2004 қабул шуда буд вале баъдтар дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 январи соли 2008 м. 130[1] (Хариду фурӯши одамон) барои ҳарчи бештар мувофиқ кардани қонунгузории ҷиноятии кишвар ба мафҳуми хариду фурӯши одамон, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон», ва он дар навбати худ мафҳуми мазкурро аз муқаррароти Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он (илова ба Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000) мегирад, равона шуда буд. Ҳамин тариқ дар ин марҳила қонунгузор то ҳади имкон кӯшиш ба харҷ додаст, то ин ки хариду фурӯши одамонро чун ҷинояти мустаъқил пешбинӣ намояд. Аммо дар як вақт нигоҳ доштани боз ду таркиби мустаъқили ҷиноят яке бо номи ҷалби одамон барои истисмор (м. 132) ва дигаре хариду фурӯши ноболиғон (м. 167 КҶ ҶТ) сади роҳи татбиқи дурусти меъёрҳои муқарраргардидаи м. 130[1] (хариду фурӯши одамон) мегардад. Акнун, ки қонуни нав қабул шуд ва дар он натанҳо ном инчунин мазмун ва моҳияти ҷинояти мазкур ба кули

тағйир ёфт. Бинобар ин умед аз он буд, ки бо ба назар гирифтани муқаррароти қонуни нав дар қонунгузории ҷиноятии кишвар тағйирот ворид гардида, номувофиқии ҷой дошта, ҳалли худро меёбад. Вале мутаасифона мақоми қонунгузории кишвар аз чи сабаб бошад, ки Қонун «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» - ро қабул намуда ягон иқдоме дар мавридиислоҳи қонунгузорӣ ба хусус қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт наандешид.

Дуюм, ҳангоми татбиқи Қонуни мазкур дуруст сарфаҳм нарафтан ба мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳое, ки ба савдои одамон алоқаманданд ба миён омаданаш мумкин аст, зеро дар тафовут бо қонуни қабли қонуни нав натанҳо мафҳум ҳатто номгӯи чунин ҷиноятҳоро баён нанамудааст. Ҳаминро бояд зикр намуд, ки Қонуни намунавӣ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон», ки аз ҷониби Асамблейяи байналмилалии давлатҳои иштироккунандаи ИДМ 3 апрели соли 2008 қабул шуда дар қ.3, м. 10 «ҷавобгарии ҷинояти барои содир кардани ҷиноят дар самти савдои одамон» номгӯи чунин ҷиноятҳоро нишон додаст. Аз ин лиҳоз дар оянда ба мақоми қонунгузоро лозим меояд, ки номгӯи ҷиноятҳое, ки ба соҳаи савдои одамон мутаалиқ бударо, муайян намояд, зеро аз чунин муайянкунӣ шумораи умумии шахсони аз савдои одамон зарардида, бевосита вобастагӣ дорад. Аз муайян намудани доираи номгӯи чунин ҷиноятҳо то андозае дарк намудан ва баҳои дуруст додани ҳолат, сохтор, микёс ва тамоюли савдои одамон аз он ҷумла тавассути чунин номгӯй муайян кардани таркиби қурбонии он аз ҷониби шахсони зисалоҳи мансабдори давлати вобастаги дорад. Агар мисол ба ҳайси ҷиноятҳои ба ин соҳа таалуқдошта танҳо таҷовузҳои бо ду моддаи қонунгузории ҷиноятии кишвар банду баст шавандаро, ки ҷавобгариро бевосита барои хариду фурӯши одамон (м. 130[1] КҶ ҶТ) ва истифодаи меҳнати ғуломона (м. 130[2] КҶ ҶТ) дохил намоем, пас шумораи қурбониёни ҷиноятҳои мазкурро шумораи на он қадар зиёд ташкил медиҳад. Аммо вақте, ки ба ин номгӯй мувофиқан бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тамоми номгӯи ҷиноятҳое, ки таҷрибаи байналмилалӣ ба самти мазкур мутаалиқ медонад, дохил намоем шумораи қурбониён хело ҳам зиёд мешавад. Таҳлили гузаронидашуда бевосита ба ташкил намудани муассисаҳои махсусро оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон дар сатҳи миллӣ иртибот дорад. Агар шумораи чунин зарар дидагон ангуштшумор бошад, пас кушодани муассисаи махсусе, ки барои чунин категорияи ками шахсон таъин шуда, мушкилиро ба бор меорад. Вале агар шумораи чунин қурбониён зиёдтар бошад муносибат ба ташкили муассисаҳои мазкур ба таври дигар сурат мегирад. Дар ин ҳолат зарурияти қабули қарор дар сатҳи давлатӣ баҳри қонеъ кунонидани талабот дар хусуси таъсис додани муассисаи махсуси давлати барои расонидани кӯмак барои шахсоне, ки маҳз аз савдои одамон зарар дидаанд ба миён меояд.

Сеюм, ҳамзамон дар ҳамбастагӣ бо қонуни мазкур роҳандози нагардидани дастур дар хусуси механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон, низомнома оид ба Фонди давлатии расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ва бо назардошти қабули чунин як қонуни нав сари вақт таҷдиди назар нагардидани Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, инчунин Низомномаи Комиссияи байниидоравӣ, ки роҳандози намудани ҳамаи ин фаъолиятҳо ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудаанд, то дараҷае мушкилотро дар ин самт эҷод менамояд.

Чорум, яке аз мушкилиҳои муҳиме, ки метавонад ҳангоми амалишавии қонуни мазкур ба миён

ояд, ин агар аз як ҷониби яксон дарк накардан ва дуруст шарҳи худро наёфтани баъзе аз меъёрҳои инсондӯстонаи ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати қурбониёни савдои одамон бошад, аз ҷониби дигар тавзеҳоти ин меъёрҳо аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Ҳамзамон ҷаҳонбинии охирин нақши калидии ҳуқуқтатбиққунандаро, ки бо баҳо додани моҳияти кирдори ҷиноятии дар самти савдои одамон ошкоршуда ва аз рӯи тамоми фактҳои чунин кирдори ҷиноятӣ қабул шудани қарори дахлдори мурофиавии ҷиноятӣ иртибот дорад, мебозад. Маҳз аз муносибати шахсони мансабдори ишорашуда нисбат ба қурбониёни савдои одамон ва муносибати рӯҳии кормандони мазкур, ки дар рафти робитаҳои онҳо зоҳир мешавад, барқарор шудани муносибати рӯҳии дахлдор ва ҳусни тафоҳум ба охирин вобастагӣ дошта бо ҳамкории ихтиёрӣ ва пурмаҳсул, ки аз як ҷониб ба фошкардани савдогарони одамон ва аз тарафи дигар баҳри таъмини дахлдори амнияти ҷабрдидаҳо аз ин ҷиноят ва расонидани кӯмаки зарури ба онҳо равона шудааст, қодир мебошад. Дар ин ҳолат моҳияти проблема аз он иборат аст, ки дар таҷриба гурӯҳҳои сершуморе мавҷуданд, ки аз рӯи муносибати бепарвоии худ таҳти истисмори дағалонаи шаҳвонӣ қарор мегирад. Дар чунин ҳолат шахси аз савдои одамон зарардида худро қурбонӣ намеҳисобад. Кормандони ҳифзи ҳуқуқ низ онҳоро қурбони намеҳисобанд. Бештари кормандони амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ рафтори чунин категорияи «устуворӣ» қурбонии истисмори шаҳвонӣ, махсусан занонеро, ки барои дарёфти ҳиссаи даромади хуби музди меҳнат, ихтиёрона ба хориҷа сафар намудааст ва аз эҳтимолияти имконпазирии қурбонии истисмори шаҳвонӣ шудани худ бохабар бударо, баҳои манфӣ медиҳанд. Вале дар ниҳояти кор ҳамингуна қурбонӣ, ки ҳаёти хушро берун аз макони зисти худ интизор буд, фиреб хурда ба доми савдогарони одамон ғалтида дучори истисмори шадиди шаҳвонӣ мегардад. Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад ба ин гуна занони зарардида кормандони ғайримахсуси воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ (бештар ҷиноятҳои хусусияти умумидоштаро тафтиш кунанд) дар баъзе ҳолатҳо муносибати дағалона, беэҳтиромона ва нописандиро зоҳир менамояд. чунин рафтор наметавонад миёни тарафҳо фазои боварӣ ба вуҷуд оварад, ки ин боиси аз ҷониби қурбонии савдои одамон рад намудани ҳамкориро дар бахши таъқиби ҷиноятии савдоигарони одамон мегардад. Дар натиҷа ҳолати бавуҷудомада тарафи ғолиб насиби шахси ҷинояткор мегардад ва бо ҳамин ба ӯ муясар мешавад, ки аз таъқиби ҷиноятӣ ва ҷазо эмин мемонад.

Гуфтаҳои зикршударо ба инобат гирифта зарурияти шикаст додани муносибатҳои маҳкумкунандаи ҳайати сохторҳои ҳифзи ҳуқукро нисбат ба рафтори қурбониёни устувори истисмори шаҳвонӣ гаштае, ки дар боло нишон дода шудаанд, зарурияти бовар кунонидани кормандони мазкурро ба муносибати инсондӯстона, ботаҳамулона нисбати қурбониёни мазкур, ки аз асосҳои принсипи олии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ маншаъ мегиранд, ба миён меоваранд. Моҳияти муносибати мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таъмини ҳифзи дахлдори давлатии қурбонии савдои одамон, барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, кӯмаки зарурӣ расонидан, инчунин талофии саривақти ва пурраи зарари ба онҳо расонида, вазифаи муҳими давлат буда, на аз рафтори қаблии ин шахс ва на аз ба ҳамкори бо муқомоти ҳифзи ҳуқуқ омода будани онҳо вобастагӣ дорад. Илова ба ин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррар менамоянд, ки қурбониёни савдои одамон барои ҳуқуқвайронкуниҳои аз ҷониби онҳо содир шуда, ки аз боиси вобастагии онҳо дар натиҷаи маҷбуркунӣ аз ҷониби савдогарони одамон рух додаанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

Тарзи муносибат бо санади байналмилалии нишондодашуда ҳифзи қурбониёни савдои одамон ва ба онҳо расонидани кӯмки зарури, яке аз бартариҳои ҳуқуқи байналмилалӣ буда ва он бояд аз ҷониби тамоми кормандони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки таъқиби савдогарони одамонро ба уҳда доранд бо дарки дуруст ва омодагии ҳаматарафа роҳандози гардад. Маҳз бо назардошти хусусияти хос доштани чунин муносибат ва зарурияти аз ҷониби корманд зоҳир намудани рафтори махсус ва таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷот ва талаботи қурбонии савдои одамон аз он ҷумла барқарор намудани фазои мусоиди корӣ ва тафоҳум байни тарафҳо лозим меояд, ки фаъолияти воҳидҳои махсусгардонидашудаäро дар самти мубориза бар зидди савдои одамон ва расонидани кумаки зарури ба қурбониёни (ҷабрдидагони) савдои одамон, аниқтараш ба ҳайати чунин воҳидҳо дохил кунонидани натанҳо кормандони махсус тайёршудае, ки дониш ва малакаи баланди касбӣ доранд, инчунин касоне, ки барои чунин фаъолияти дорои хусусияти хос дошта сифати зарурии ахлоқӣ-рӯҳиро соҳибанд, ҷоннок намуд.

Панҷум, лозим меояд боз як проблемаро, ки дар рафти ба роҳ мондани муқаррароти Қонуни мазкур бавуҷуд омаданаш эҳтимолият дорад, пеши назар оварем. Сухан оид ба ҳамкориҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон дар соҳаи расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон меравад. Заминаи эҳтимолияти имконияти ба вуҷуд омадани номувофиқиҳо дар соҳаи мазкур аз он иборат мебошад, ки агар аз як тараф дар Қонуни мазкур (дар қонуни қабли низ) аниқ асос, шарт ва механизми расонидани чунин кӯмак навишта шудаанд, аз ҷониби дигар таҷрибаи амалӣ намудани чунин фаъолият доимӣ набуда, хусусияти як даъфагиро касб намуда, фаъолияти ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷтимоии маҳалӣ бо сохторҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ дар самти дастгири ва расонидани кӯмак ба шахсони аз савдои одамон зарардида бе мувофиқа ба роҳ монда мешаванд.

# АҲАМИЯТИ ДАЛЕЛНОКИИ НИШОНДОДҲОИ ИҚРОРИИ АЙБДОРШАВАНДА (ГУМОНБАРШУДА)

**Арипов А.Л.***

Ба аксар ҳуқуқшиносон ибораи «Иқрор шудани айбдоршаванда дар гуноҳи худ – шоҳи далелҳо-и беҳтарин мебошад». Ҳақиқатан ҳам, дар ҳолатҳое, ки айбдоршаванда воқеан ҷиноятро содир намудааст, маҳз у оиди ҳолатҳои он маълумоти дақиқ ва пурраро дода метавонад. Ҳангоми поквиҷдонона ва ихтиёран иқрор шудан айбдоршаванда барои муайян намудани ҳолатҳои алоҳидаи парванда, пурра объективона ва холисона тафтиш намудани мусоидат мекунад. Ба ин ду ҳолат асос мешавад: якум ин, ки айбдоршаванда дар ҳақиқат ҷиноят содир намудааст ва дигар манфиатҳои у бо манфиатҳои мақомоти давлати дар ошкор намудани ҷиноят ва муайян кардани шахси гунаҳкор мувофиқ меоянд.

Муносибат ба иқрор шудан ба гуноҳи худ аз тарафи айбдоршаванда дар ҳар давраҳои таърихи гуногун буд. Аксаран он ба сифати далели муфид ва қимматнок эътироф карда мешуд. Аз ин ру муносибат ба он аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ махсус буд. Дар ҳама даврахо кушиш ба харҷ дода мешуд, ки маҳз хамин намуди делел дастрас карда шавад. Аз таърих маълум аст, ки кушишҳо то ба ҳадди истифодаи ҳама гуна воситаҳо оварда мерасонидан. Барои гирифтани нишондодҳои иқрори гуноҳ шиканҷа ва ҳар гуна санҷишҳо нисбати айбдоршаванда раво дида мешуд, ки дар аксари ин ҳолатҳо иродаи одам тоқат карда наметавонист.

Айни замон низ муносибат ба иқрор шудан ба гуноҳи худ, дар амалияи тафтишоти ва судӣ ба кулли дигаргун нашудааст. Аз тарафи ҳуқуқтатбиққунандагон ба он, назар ба дигар намуди далелҳо аҳмияти хоса дода мешавад. Муқарарортҳои КМҶ дар навбати худ, ба ин намуд нишондод – иқрор шудан ба гуноҳи худ ягон мақоми махсус набахшидааст. Зиёда аз ин қонунгузор дар қ.2 м. 76 муайян намудааст, ки ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда барои гунаҳгор эътироф намудани ӯ асос шуда наметавонад, ба шарте ки он бо маҷмӯи далелҳои дар парванда ҷамъоварда исбот нашуда бошад.

Ҳангоми таҳлил намудани ин ибора – ба гуноҳи худ иқрор шудан аз нуқтаи назарияи далелҳо, ва муқарраротҳои КМҶ, тасавурот оиди он каме дигар шавад. Мувофиқи назарияи далелҳо – дар умум далел ин маълумоте ба шумор меравад, ки дар асоси тартиби муқараркарда шуда, аз тарафи субъектони махсус ба даст оварда шудааст ва он дар исбот намудани оиди ҷой доштани кирдори ба ҷамъият хавфнок (ҷиноят), гунаҳкории шасх дар он ва дигар ҳолатҳо, аҳмият дорад.

Вобаста ба ин дар м. 72 КМҶ ҶТ омадааст, ки далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор меравbooks, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи КМҶ мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд.

Дар ҳолати танҳо иқрор шудан ба гуноҳи худ бошад, айбдоршаванда ягон маълумоти иловаги дастрас намешавад. Барои ин мафҳуми ин ибораро пурратар аз нуқтаи назари ҳуқуқ таҳлил менамоем. Чи тавре ки маълум аст гуноҳ – ин муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори (маҳз кирдор) содир намудааш ва оқибати он мебошад, ки дар шакли касд ва ё

---

* Арипов А.Л. – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ, майори милитсия.

беэҳтиёти зоҳир мегардад. Дар мафҳум низ махсус калимаи кирдор истифода шудааст, на балки ҷиноят. Масъалаҳо вобаста ба гуноҳ ба тарафи субъективии ҷиноят дохил мешаванд ва яке аз мураккабтарин унсури таркиби ҷиноят аз ҷиҳати исбот намудани он ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, ба предмети нишондодҳои айбдоршаванда, ҳангоми пурсиш метавонад шарҳи ҳолатии руҳии ӯ дар вакти содир намудани кирдор ва баъди он, дарҷ карда шавад. Ин маълумотҳо дар ҳолати ҳалли масъалаи таъин намудани экспертизаи психиатри ё равоншиносӣ, аҳмият доранд. Масълаи гуноҳ ҳамавақта масъалаи ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳал намудани он мутобиқи меъёрҳои КМҶ ба зиммаи ҳуқуқтатбиққунанда – таҳқиқбар, муфаттиш ва суд вогузор карда шудааст. Албатта вобаста аз салоҳиятҳои онҳо таҳқиқбар муфаттиш – дар рафти тафтишоти пешаки, суд (судья) бошад дар марҳилаи суди ва ба тариқи интиҳои. Муайян намудани гуноҳ ва шаклҳои он, дар кирдоре, ки қаблан ҷой дошт ва он бевосита мушоҳида нашуда буд, вазифаи хело мураккаб мебошад. Бинобар ин иқрор шудан ба гуноҳи худ, танҳо муносибати айбдоршавандаро нисбат ба айб ифода мекунад, ки бо он рози аст, пурра, қисмат ва ё инкор мекунад. Барои ин ҳангоми эълон намудани айб, муфаттиш (таҳқиқбаранда) баъд аз шинос намудан бо моҳияти қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда савол мегузорад, ки айбдоршаванда худро дар кирдоре, ки ба ӯ эълон карда мешавад то кадом андоза худро айбдор меҳисобад (қ. 2 м. 227 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин савол ба дараҷаи исботшудани гуноҳи айбдоршаванда ягон таъсир намерасонад, балки ҳолати руҳии ӯро дар вақти содир намудани ҷиноят маълум мекунад. Барои асоснок намудани ин суханҳо, моҳияти иқрор шуданро дида мебароем. Аз нуқтаи назари мафҳуми далелҳо нигарем, он талаботҳое, ки ба далел пешниҳод карда мешаванд, иқрор шудан ба гуноҳи худ на ҳамаи онро доро мебошад. Гуноҳ ин категорияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, ки ба тарафи субъективӣ – яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят, мансуб мебошад. Дар рафти тафтишот бошад – ҳангоми пурсиш зарурияти ба даст овардани далел ба миён меояд, яъне маълумотҳои иловагии наве, ки то ин дам маълум набуданд. Танҳо иқрор шудан ба муфаттиш ягон маълумоти иловагӣ намедиҳад, ва дар ҳолати аз тарафи айбдоршаванда ягон маълумоти иловагӣ надодан, шарҳ накардани ҳолатҳои алоҳидаи парванда, ки дар рафти тафтишот онҳо маълум набуданд, иқрор шудан ҳамчун далел эътироф карда намешавад.

# ТАРТИБИ МУРОФИАВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ПУРСИШИ НОБОЛИҒОН ДАР ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

**Бобоҷонов Н.М.***

Иҷрои вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар ҳаммаи марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад. Ноил шудан ба ин мақсад аз асоснокии илмӣ доштан, аз ҷиҳати тактикаи криминалистӣ дуруст ва мувофиқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба амал баровардани тафтишот бар меояд. Ба муваффақият ҳамон вақт ноил гаштан мумкин аст, ки агар амалҳои тафтишӣ пурра, ҳаматарафа, холисона ва бо малакаву маҳорати касбӣ анҷом дода шаванд.

Яке аз амалҳои тафтишие, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешбинӣ намудааст ин пурсиш буда, дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҷои марказиро ишғол менамояд. Бо гузаронидани ин амал оиди ҳолатҳое, ки аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ бояд муайян ва исбот карда шаванд иттилооти зарурӣ ба даст овардан мумкин аст. Ахбори ҳосилшуда дар бораи моҳияти воқеъа, далелҳои гуногун ва ҷинояткорону ҷабрдидагон дар ҷараёни тафтишот маълумоти зиёд метавонад диҳад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои пурсишро ба таври мушаххас муқаррар намудааст, ки он дар боби 23 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Дар баробари ин мафҳуми пурсишро ҳамчун амали тафтишӣ пешбинӣ накардаааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оиди пурсиш мафҳумҳои зиёде оварда шудаанд, аз он ҷумла Ш.Н.Хазиев амали тафтишии мазкурро чунин шарҳ додаст: «Пурсиш – ин дар асоси қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун гирифтани нишондоди шахс дар хусуси ҳолатҳои муҳими ба парванда алоқадошта мебошад, яъне шахси пурсидашаванда дар асоси вазифаҳои дар наздаш гузошташуда иттилооти дар хотирааш нақшбастаро ба таври шифоҳӣ аз нав ҳосил мекунад ва пешкаш менамояд[1].

Ин амали тафтиширо КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавқеъи мурофиавии пурсидашавандагон ба пурсиши шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҷудо намудааст. Пурсиши ноболиғон низ бо чунин мавқеъҳои мурофиавӣ дар қонуни мурофивии ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудааст[2].

Пурсиши ноболиғ аз пурсиши дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо як қатор хусусиятҳои ба худ хос фарқ мекунад. Ин хусусиятҳо афзалан бо шахсияти худи ноболиғ - ҷиҳати ташаккули равонӣ ва ақлии ӯ вобаста мебошад. Ин хусусиятҳо метавонанд ба қобилияти дуруст мушоҳида кардан, дар хотира нигоҳ доштан ва бе камбуди (инчунин зиёдравӣ) гуфтани онҳо таъсири худро расонад. Зеро аз ин боваринокӣ, қимматнокӣ ва далелнокии нишондодҳои ноболиғ вобаста мебоашд.

Қабл аз он, ки оиди тартиби мурофиавӣ ва хусусиятҳои пурсиши ноболиғон сухан карда шавад, бояд

---

* Бобоҷонов Н.М. – муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия.

[1] Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. И доп. / Л.Н.Башкатов (и др.); отв.ред. И.Л.Петрухин, И.Б.Михайловская. – Москва: Проспект, 2012. – 688 с. // Ш.Н.Хазиев канд. юрид.наук, доц. – гл.22 (параграф 13, 14).

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод.815; мод.816; с.2010, №7, мод.551; с.2011, №3, мод.159; №7-8 мод. 609; с. 2012, №4, мод.259; №7, мод.714; №8, мод.815; №12, қ.1, мод.1020; мод.1025; с.2013, №7, мод.510; мод.511; с.2014, №3, мод.142;Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1134 - бобҳои 23, 44.

мафҳуми ноболиғро аниқ намоем, ки қонунгузор онро чи гуна шарҳ додааст ва ба сифати ноболиғ мувофиқи қонунгузорӣ кадом шахсон фаҳмида мешаванд. Мафҳуми «ноболиғ», дар як чанд қонунҳо оварда шудааст. Мувофиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ (м.23) ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.424) ноболиғон шахсони воқеъие (шахрвандони Тоҷикистон, шахсони хориҷӣ ва шахсони бетабъа) фаҳмида мешаванд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят синни 14 солагиро пур кардаанд, вале ба синни 18 солагӣ нарасидаанд. Ин муқаррарот танҳо нисбати ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд пешбинӣ карда мешавад. Аммо қонунгузор инчунин иштирокчиёни ноболиғи дигарро низ ба монанди шоҳид ва ё ҷабрдида муқаррар намудааст, ки онҳо дорои мавқеъи ба худ хос буда дар мурофиаи судии ҷиноятӣ накши муҳимро мебозанд.

Агар фаросии синни ҷавобгарии ҷиноятиро ба назар нагирем, дар умум шахсони ба балоғат нарасида, яъне аз лаҳзаи таваллуд то синни 18 сола «ноболиғ» эътироф карда мешаванд. Дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмиллаӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст ва ё дар байни аҳолӣ, ноболиғон боз бо мафҳумҳои «навзод, тифл, кӯдак, наврас, ҷавон» шинохта мешаванд. Масалан, қисми 1 моддаи 1 Конвентсия оид ба ҳуқуқи кӯдак пешбинӣ менамояд, ки ҳамма гуна мавҷудоти инсонӣ то синни 18 солагӣ кӯдак ҳисобида мешавад [1]. Мувофиқи нишондоди қисми 1 моддаи 55 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, - кӯдак шахсе эътироф карда мешавад, ки ба сини ҳаждаҳсолагӣ, яъне ба сини балоғат нарасидааст[2]. Аз ин нишондодҳо чунин бар меояд, ки мафҳуми «ноболиғ» дар худ мазмуни – навзод, тифл, кудак, наврас ва ҳатто ҷавонро гирифтааст. Дар ин ҷо ҷавононро бапуррагӣ ноболиғ эътироф намудан каме нодуруст мебошад, онхо мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ба гурӯҳи иҷтимоию демографӣ дохил карда шуда, синну солашон бошад аз 14 то 30-соларо дар бар мегирад[3]. Аз ин дида мешавад, ки мафҳуми ноболиғ дар қонунгузории миллӣ, вобаста ба соҳаи муайян гуногун буда, дар ин масъала ягонагии мафҳумҳо дида намешавад. Гуногунии мафҳумҳо вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаҳои ҳуқуқ нишон дода шудааст.

Қоидаҳои умумии пурсиш дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, дар моддаи 199 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуда, мувофиқи қисми 7-и моддаи мазкур пурсиши бефосила аз 4 соат ва давомнокии он дар як рӯз аз 8 соат зиёд шуда наметавонад. Боз чунин муқаррарот оиди пурсиши гумонбаршудагон ва айбдоршавандагони ноболиғ дар моддаи 429 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуда, қайд карда мешавад, ки пурсиши онҳо наметавонад дар як рӯз бетанаффус зиёда аз ду соат ва дар маҷмӯъ бештар аз чор соат давом ёбад. Албатта ин муқарароти қонун синну сол, ҳолатҳои физиологӣ ва хусусиятҳои равонии шахсони пурсидашавандаро ба назар гирифтааст. Вале оиди фосила ва давомнокии пурсиши шоҳидону ҷабрдидагони ноболиғ, қонунгузор муқарароти махсус пешбинӣ накардааст. Аз ин бар меояд, ки муфаттиш (таҳқиқбаранда) ҳар вақт метавонад талаботи дар қисми 7

---

[1]Конвенция о правах ребенка (Нью-Йорк, 20 ноября 1989г.) // Система ГАРАНТ:http://base.garant.ru/2540422/#ixzz3QrQuY3br

[2] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №22, мод.303; с.2006, №4, мод.196; с.2008, №3, мод.201; с.2010, №7 мод.546; с.2011, №3, мод.177; №12, мод.855; ҚҶТ аз 19.03.2013 с. №952 – боби 11.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии Ҷавонон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 7, мод. 459; с. 2011, № 6, мод. 429; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1161)ш. Душанбе, 15 июли соли 2004. – мод.1.

моддаи 199 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷкистон пешбинишударо дастрас намуда, пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғро низ бе фосила 4 соат ва дар як рӯз то 8 соат давом диҳад. Пурсиши бефосила ё худ бардавом ба ҳолати равонии ноболиғ таъсири манфӣ мерасонад ва бадаст овардани маълумоти пурраи заруриро оид ба ҳолатҳои парванда имконнопазир месозад.

Хусусияти пурсиши шоҳид ва ҷабрдидаи ноболиғ дар моддаи 203 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас пешбинӣ карда шуда, мазмуни моддаи мазкур чунин талаботро дар бар мегирад:

1.Ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи то шонздаҳсола ва бо салоҳдиди муфаттиш ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи аз шонздаҳсола калонтар омӯзгор даъват карда мешавад. Ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғ намояндагони қонунии онҳо ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

2.Шоҳид ва ҷабрдидаи то шонздаҳсола доир ба ҷавобгарӣ барои надодани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда намешаванд. Ҳангоми ба чунин шоҳидон ва ҷабрдидагон фаҳмонидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мурофиавии онҳо таъкид карда мешавад, ки танҳо ҳақиқатро гуфтан зарур аст. Ба шоҳидон ва ҷабрдидагони ноболиғ ҳуқуқи надодани нишондоде, ки худи онҳо ва хешовандони наздики онҳоро ба содир кардани ҷиноят айбдор мекунанд, фаҳмонида мешавад. Дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар протокол қайд гузошта, он бо имзои шоҳид ё ҷабрдида тасдиқ карда мешавад.

3.Ба омӯзгор ва ё намояндагони қонунии ноболиғ, ки ҳангоми пурсиш иштирок кардаанд, ҳуқуқи пешниҳоди мулоҳизот доир ба вайрон карда шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пурсишшавандагон, ки бояд ба протокол дохил карда шаванд, ҳамчунин бо иҷозати муфаттиш додани саволҳо фаҳмонида мешавад. Муфаттиш ҳуқуқ дорад саволро рад намояд, лекин онро бояд ба протокол дохил намояд ва сабаби рад кардани саволро зикр кунад.

Бо назардошти инкишофи ақлонӣ, қобилияти дарккунӣ, ҳолатҳои физиологӣ ва дигар хусусиятҳои индивидуалии мансуб ба ноболиғон, хуб мешуд, ки қонунгузор дар моддаи мазкур қисми алоҳида ворид намуда масъалаи танаффус дар пурсиш ва давомнокии онро нисбати чунин категорияи шоҳидон ва ҷабрдидагон мустаҳкам менамуд. Ҳангоми пурсиши тӯлони, ноболиғ зуд хаста мешавад ва қобилияти вақти тӯлонӣ дар як ҷой ҳузур доштанро надорад, муфаттиш набояд пурсишро дуру дароз гузаронад. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар як вақт доимо ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ноболиғ доир ба ҳамон як объекте, ки предмети пурсишро дар бар мегирад, ба ҳолати равонии ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Маълум шаванд, ки ҳолатҳои содиршуда ноболиғро ба ҳаяҷони баланд оварда истодаанд, прусишро мавқуф гузоштан ба мақсад мувофиқ мебошад, вале на ба мухлати тулони. Агар ба ҳар ҳол зарурати бардавом гузаронидани пурсиш ба миён ояд ва иттилооти шоҳиди ноболиғ барои кор дар ҳамон лаҳзаҳо аҳамияти муҳим дошта бошад, дар ин ҷараён ташкил кардани танаффусҳо барои истироҳат мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор барои пурсиш кардани ноболиғон вобаста ба синну сол ягон маҳдудият нагузоштааст. Албатта гузошта нашудани маҳдудият имконият медиҳад, ки кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳар як ноболиғро новобаста аз синну сол оид ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, бо наздошти худ дар мухлати муайян пурсиш намояд. Ноболиғи пурсидашаванда мумкин аст, ки 3 ё 5 сола буда, нишондоди ӯ барои муайян намудани ҳолатҳои ҷиноят аҳамияти муҳим дошта бошад. Аммо ин чунин маъноро надорад, ки муфаттиш бо онҳо чихеле, ки бо

пурсидашавандагони калонсол муносибат мекунад рафтор намоянд. Пеш аз ба хулоса омадан оиди пурсиш синну сол, шароити зиндагӣ, таълиму тарбия, дараҷаи инкишофи ақлонӣ, ирода ва рӯҳ, хислат ва миҷоз, талабот ва завқу рағбат, инчунин дигар ҳолатҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Ғайр аз муайян намудан ва ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ноболиғон, боз талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оиди иштироки шахсони сеюум дар ҷараёни пурсиш бояд риоя карда шаванд. Масалан даъват карда шудани омӯзгор, ҳуқуқи иштирок кардани намояндагони қонунӣ (қ.1 м.203 КМҶ ҶТ); ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшавандаҳои ноболиғ (қ.1 б.3 м.51 КМҶ ҶТ); иштироки омӯзгор ва равоншинос (м.430 КМҶ ҶТ); иштироки намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ аз лаҳзаи пурсиши аввалин (қ.2 м.431 КМҶ ҶТ); иштироки намояндаи қонунии судшавандаи ноболиғ дар муҳокимаи судӣ. Риояи чунин талаботи пешбинишуда ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғонро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонад таъмин намояд.

Боз як ҳолатро бояд қайд намуд, ки қ.1 м.430 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки равоншиносро танҳо ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ муқаррар мекунад, ин ҳам бошад то ба синни 16 солагӣ ва ё пурсидашаванда ба ин син расидаасту ноқисулақл дониста шудааст. Дар дигар ҳолат, яъне иштироки равоншинос ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи калонтар аз 16 сола бо салоҳдиди муфаттиш, прокурор ва ё бо дархости ҳимоячӣ, имконпазир аст. Ин ҷо иштироки омӯзгор низ бо чунин тартиб пешбинӣ карда шудааст. Ғайр аз ин боз ба мазмуни м.203 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусиятҳои пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғро пешбинӣ намудааст бояд аҳамият дод, ки дар он иштироки равоншинос умуман пешбинӣ карда нашуда, танҳо иштироки омӯзгор айнан бо ҳамон тартиби дар қ.1 м.430 КМҶ ҶТ, нишон дода шудааст, роҳ дода мешавад. Бо назардошти он, ки инкишофи ақлониву ҳолати руҳии шоҳидон ва ҷабрдидагони ноболиғ аз гумонбаршавандагон ва айбдоршавандагони ҳамин категория фарқияте надорад хуб мешуд, ки дар қонунгузори ҳалли ин масъала ба таври мусбӣ ҳалли худро меёфт. Зеро дар қатори нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ, нишондодҳои шоҳид ва ҷабрдидаи ноболиғ дар парвандаи ҷиноятӣ аҳмияти муҳимро метавонад дошта бошад, нишондоди онҳо низ дар қатори дигар далелҳо ба инобоат гирифта мешавад.

Солҳои зиёд аз тарафи олимони шинохта дар илми криминалистика барои омодагӣ ба пурсиш ва усулҳои тактики гузаронидани он пешниҳоду нишондодҳои зиёде карда шуда, дар амалия мунтазам чун дастури корӣ аз тарафи муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва судяҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Оиди хусусиятҳои тактикии пурсиши ноболиғон низ маводу дастурҳои зиёде ба табъ расидаанд. Масалан Белкин Р.С. пурсиши ноболиғонро дар андозаи бештар ба ҳолати равонӣ (психиологӣ) (тарсу ҳароси зиёд, худталқинкунӣ, майлу ҳавас доштан ба хаёлбофӣ, тундмиҷозӣ, ноустувории рафтор ва ғайра) вобаста намуда, дуруст қайд кардааст, ки онҳо аз сабаби норасогии таҷрибаи ҳаёти зиндагӣ бисёр вақт ба ҳолатҳои ҳодисаи мавриди тафтиш қарор гирифта ё ҷузъҳои алоҳидаи онҳо дар умум баҳои нодуруст медиҳанд[1].

Ноболиғон бо хусусиятҳои гуногуни худ аз шахсони калонсол фарқ мекунанд. Масалан Коченов М.М. ва Остова Н.Р. масъалаҳои равонии пурсиши ноболиғонро дар

---

[1] Криминалистика: учебник для вузов / Под ред. Р.С. Белкина. – М.: НОРМА, 2001. – С.619.

шакли дастури методӣ омода карда, ҷараёни пурсишро ба марҳилаҳо ҷудо кардаанд[1]. Дар ин дастур таваҷҷӯҳи зиёд ба хусусиятҳои равонии пурсиши хурдсолон дода шудааст. Истифода намудан аз чунин дастурҳо ва нишондодҳои тактикӣ ҳангоми пурсиши категорияи шахсоне, ки ноболиғ ҳисобида мешаванд ба мақсад мувофиқ буда, дар амалияи тафтишоти пешакӣ ва судӣ самараи хуб ва натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад, намегузорад, ки ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни ноболиғи мурофиаи судии ҷиноятӣ поймол карда шаванд.

Инак мушаххасоте, ки илми криминалистика оиди хусусиятҳои тактикӣ ва муҳимоти равонии пурсиши ноболиғон пешниҳод кардааст дида мебароем. Ниболиғон низ чун пурсидашавандагони калонсол ахбороти зиёде оиди ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки бояд муайян карда шаванд метавонанд дар хотири худ нигоҳ доранд. Аммо хотироти шахс начандон мустаҳкам мебошад, махсусан азони ноболиғон. Гарчанде, ки таассуроти умумӣ оиди ҳодиса хотирмон бошанд ҳам, вале дар аксарияти мавридҳо ҷузъҳои алоҳидаи он тамоман аз байн мераванд ё бо дигараш омехта мегарданд. Ғайр аз ин мумкин аст, ки ба онҳо шахсони калонсол бо мақсадҳои рӯйпӯш кардани ҷиноят таъсир расонанд. Бинобар ин пурсиши онҳо баъд аз ҳолатҳоро мушоҳида ва дарк кардан бояд таъхирнопазир гузаронида шавад. Зеро бо мурури вақт ин мушоҳидаҳо метавонанд тира шаванд ва ё умуман баъзе аз ҳолатҳои ҷузъии он фаромуш шаванд. Дар ин ҳолат пеш аз ҳама муфаттиш (таҳқиқбаранда) ҳангоми омодагӣ ба пурсиши ноболиғ ба дараҷаи инкишофи - ақлонӣ ва ҷисмонӣ, хусусиятҳои хислат ва таъсири атрофиён ба ӯ бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳад. Дар ин омодагӣ навбати аввал ҷои пурсишро интихоб кардан зарур мебошад. Ноболиғони хурдсолро дар ҷойҳои одаткардаи онҳо пурсиш намудан ба мақсад мувофиқ аст, мисол - дар мактаб, муассисаҳои кӯдакона ё баъзан дар ҷои зисти онҳо. Ҷои ба ӯ ношинос ва дигаргун метавонад диққати ӯро банд карда барои пайдо намудани алоқаи равони байни шахси тафтишкунанда ва пурсишшаванда халал расонад. Ба чунин хусусиятҳои ноболиғон ва хурдсолон – тарс, нобоварӣ эҳтимолияти гуё ба ҷавобгарӣ кашидан ва надоштани хоҳиши ҳамкорӣ ва ёрӣ расонидан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқро гуфтан мумкин аст.

Оиди ноболиғоне, ки синну солашон аз 15 то 17 соларо дар бар мегирад, Р.С.Белкин қайд намудааст, ки онҳоро дар вазъияти расмӣ пурсиш намудан (бо даъват кардан ба утоқи корӣ) таъсири мусбӣ мебахшад: ӯҳдадориро ҳис намуда, онҳо нишондоди бештар дуруст медиҳанд[2]. Вале баъзан пурсиш дар вазъияти расмӣ, яъне дар утоқи кории муфаттиш, метавонад ноболиғро ба ҳаяҷони баланд оварда расонад, махсусан агар ӯ ягон маротиба дар биноюу утоқҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар вазъияти расмӣ ҳузур надошта бошад. Дар амалия чунин ҳолатҳо мушоҳида карда мешаванд, ки ҳатто дар баъзе мавридҳо калонсолоне, ки расман ба пурсиш даъват карда мешаванд, аз эҳсосоти тарсу ҳаяҷон нишондоди худро пурра карда наметавонанд ва дар мухтасар шарҳ додани ҳолатҳои алоҳида мушкили мекашанд.

Чи тавре, ки қонунгузор муқаррар намудааст, иштироки шахсони сеюм (ҳимоятгар, равоншинос, омӯзгор, намояндагони қонунӣ, хешу табори наздик) ҳангоми пурсиши ноболиғон аҳамияти муҳим дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки пурсиш дар чорчӯбаи қонун гузаронида шуда, пеши роҳи вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон аз тарафи шахси

[1] Коченов М.М., Коченов М.М., Психология допроса малолетних свидетелей. Методическое пособие. М., 1984.

[2] Криминалистика: учебник для вузов / Под ред. Р.С. Белкина. – М.: НОРМА, 2001. – С.619.

пешбарандаи тафтишот гирифта мешавад. Дар ин маврид бояд пешакӣ бовари ҳосил намуд, ки муносибати ин шахсон нисбат ба ноболиғ мусбӣ буда ҷараёни пурсишро халалдор намесозад. Ин шахсон бояд ҳатман дар хусуси нододани саволҳои роҳнамункунандаи насиҳатомез, ранҷовар ва беасос, ки ба пурсидашавандаи ноболиғ нигаронида шудаанд пеш аз оғози пурсиш огоҳонида шаванд. Бояд қайд намуд, ки пурсишшавандагони ноболиғ назар ба калонсолон зиёдтар бо сабабҳои гуногун нишондоди бардурӯғ медиҳанд. Ғайр аз ҳолатҳои дидаву дониста додани нишондоди бардурӯғ, инчунин дар ноболиғон – худталқинкунӣ (самовнущение), асоснок карда натавонистани нишондоди бардурӯғ ва ба таври нофорам додани нишондод мушоҳида карда мешавад, ки аз таъсиррасонии калонсолон ба онҳо шаҳодат медиҳад. Дар натиҷа хаёлоти (фантазия) бофтаву бардурӯғи онҳо бо ҳолатҳои аслии воқеъа омехта мегарданд.

Фош кардани нишондоди бардурӯғи ноболиғон аз барқарор намудани робитаи хуби равонӣ байни пурсишкунанда ва пурсидашаванда бар меояд. Истифодаи усулҳои мураккаби мантиқӣ бо мақсади боварӣ кунонидани ноболиғ наҳама вақт натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад: масалан, гузаронидани пурсиш бо калимаву ибораҳои мушкилфаҳм ва истилоҳоти (термин) ба чунин категорияи шахсон нофаҳмо. Барои муайян намудани ин гуна рафтори ноболиғи пурсишшаванда гузаронидани пурсиши такрорӣ яке аз усулҳои самаранок ба шумор меравад. Агар дар ҷараёни пурсиши такрорӣ низ ноболиғ айнан нуқта ба нуқта нишондоди пештар додаашро такрор кунад ва ифодаи гуфтаҳои ӯ ба синну солаш мувофиқ наоянд, эҳтимол аст, ки ин натиҷаи таъсиррасонии калонсолон мебошад. Фарқиятҳои ҷиддӣ дар ҷузъхои нишондод аз хаёлоти ноустувори кудак дарак медиҳанд: ҷузъҳои бофта одатан дар хотир хуб намемонанд ва ҷои онҳоро хаёлоти нав иваз менамоянд. Дар ин ҳолат муҳим аст, ки тасвияи (формулировка) саволҳо ва навбатнокии онҳо дуруст ба роҳ монда шаванд, зеро баъзе саволҳо ноболиғро ба вазъи талқинкунанда оварда мерасонанд.

Муфаттиш (таҳқиқбаранда), ки аз механизми татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ, қоидаҳои истифодаи муқаррароти илми криминалистика бархӯрдор мебошад, инчунин ӯ бояд дар андозае муайяне бошад ҳам аз муқаррароти илми равоншиносӣ ва мантиқ бархӯрдор бошад. Ба назар гирифтани ин пешниҳодҳои кардашуда имконият медиҳад, ки оиди моҳияти парвандаи ҷиноятӣ маълумоти ҳарчи бештар ба даст оварада шавад.

Ҳамин тариқ пурсиши ноболиғ, ба худ хусусиятҳои хосро доро буда, гирифтани нишондодҳои пурра ва объективӣ аз тарафи муфаттиш донистан ва риояи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро талаб мекунад. Инчунин риояи талаботи махсуси тактикаи криминалистӣ ҳангоми гузаронидани ин амали тафтишӣ аҳамияти муҳим дорад, алалхусус ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ. Муҳимияти ин масъала бинобар ба тобъияти тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ мансуб будани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон, дида мешавад.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Юлдошев Р.Р.***

Интенсивность поправок, своевременный мониторинг действующего уголовно-процессуального закона и варианты оптимизации, которые предлагает законодательный корпус и инициаторы некоторых законопроектов, дополнительно подтверждают о необходимости совершенствования отдельных норм и положений закона.

Необходимо отметить, что за годы действия уголовно-процессуального закона правоприменительная практика в достаточной мере освоила новые нормы закона, хотя в повседневной уголовно-процессуальной деятельности встречаются затруднения в уяснении и применении некоторых уголовно-процессуальных норм, которые рождают необходимость формирования единых подходов в их толковании с целью последующего их применения.

Анализ указанных и иных проблем, недостатки и преимущества правоприменительной практики и законодательной деятельности в данном направлении, еще раз свидетельствуют об актуальности данного анализа, а рекомендации, предложения и вывода автора, прежде всего, направлены на усовершенствование и модернизацию анализируемых глав УПК Республики Таджикистан.

Вместе с тем, считаем необходимым проанализировать те изменения и дополнения, которые произошли в уголовно-процессуальном законодательстве Таджикистана, т.е. с момента вступления в действие Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан с 01 апреля 2010 г. и до конца августа 2015 г. Анализ указанных изменений и дополнений включает в себя как количественные, так и содержательные характеристики внесенных поправок.

За анализируемый период в УПК Республики Таджикистан были внесены изменения и дополнения 12 законами Республики Таджикистан, которые подвергли существенным обновлениям порядка 85 норм УПК Республики Таджикистан. В основном эти изменения и дополнения носили редакционный, содержательный, иной раз грамматический характер, а порой, следует также признать и существенные нововведения.

В конце очередного отчетного периода или краткого обзора по состоянию того или иного законодательства, традиционно принято подводить итоги и определять дальнейшие перспективы развития данной сферы. Уголовно-процессуальное законодательство Таджикистана в этом плане не исключение из общих правил. Как и на протяжении всех последних лет, 2014 год принес свои результаты в виде существенных изменений и дополнений в УПК Республики Таджикистан.

В УПК Республики Таджикистан за исследуемый период его действия был дополнен 3-мя новыми пунктами и 2-мя новыми статьями: это ст. 35.1 Порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий; п. 4 ч. 1 ст. 168 Полномочия прокурора по надзору за дознанием и расследованием уголовных дел; ч. 2 ст. 251 Подсудность уголовных дел; ч. 3 ст. 254 Подсудность уголовных дел военным судам. В новой редакции была изложена ст. 84 УПК Республики Таджикистан, которая регламентирует использование результатов оперативно-розыскной деятельности. Что же касается

* Юлдошев Р.Р. – начальник Организационно-научного и редакционно-издательского отдела, доцент кафедры уголовного процесса факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции.

новых статей, то большинство из них восполняют пробелы и уточняют по возможности двусмысленные редакции отдельных норм УПК Республики Таджикистан.

Кроме того, утратила силу ч. 5 ст. 124 «Судебный порядок рассмотрения жалоб на решение прокурора» УПК Республики Таджикистан, которая ограничивала право на обжалование и опротестование решений судьи (суда), вынесенное в соответствии с правилами данной статьи. Законом Республики Таджикистан от 22 июля 2013 г. № 982 о внесении изменений и дополнений в УПК Республики Таджикистан решение Постановления Конституционного суда Республики Таджикистан от 20.12.2012 г. «Об определении соответствия ч. 5 ст. 124 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан ст. 14 и 19 Конституции Республики Таджикистан» нашло свое непосредственное воплощение. Теперь можно с уверенностью утверждать, что это маленькая победа Конституционного суда Республики Таджикистан в сфере оптимизации норм УПК Республики Таджикистан. Необходимо отметить, что признание не соответствующим Конституции Республики Таджикистан ряда норм УПК Республики Таджикистан стало приоритетным направлением Конституционного суда. Надеемся на продолжение «редакторской» деятельности Конституционного суда.

### 12 изменений и дополнений в таджикском уголовно-процессуальном законодательстве

В контексте данной работы также хотелось бы указать на те Законы Республики Таджикистан, которыми вносились изменения и дополнения в отдельные нормы УПК Республики Таджикистан.

*1. Закон Республики Таджикистан от 21 июля 2010 г. № 618:* ч. 1 ст. 394 Замена не отбытой части наказания более мягким; ч. 2 ст. 395 Замена исправительных работ и штрафа другими мерами наказания.

*2. Закон Республики Таджикистан от 25 марта 2011 г. № 692:* п. 12 ч. 1, ст. 35 Полномочия суда; ст. 37 Полномочия руководителя специализированного органа по борьбе с коррупцией; п. 8, ч. 1 ст. 39 Следователь; п. 9 ч. 1 ст. 39 Следователь; п. 3 ч. 1, ч. 4, ст. 41 Начальник подразделения дознания; п. 4 ч. 2 ст. 60 Понятой; ст. 84 Использование результатов оперативно-розыскной деятельности; п. 3 ч. 2 ст. 86 Собирание доказательств; ч. 4 ст. 153 Деятельность органов дознания по делам, по которым предварительное следствие обязательно; ч. 4 ст. 162 Место производства предварительного следствия; п. 2 ч. 1, п. 15 ч. 1 ст. 168 Полномочия прокурора по надзору за дознанием и расследованием уголовных дел.

*3. Закон Республики Таджикистан от 02 августа 2011 г. № 755:* п. 4 ст. 6 Основные понятия; ч. 3 ст. 9 Законность при производстве по уголовным делам; ч. 3 ст. 12 Охрана прав и свобод личности при производстве по уголовным делам; ст. 35.1 Порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий; ч. 1 ст. 43 Частный обвинитель; п. 12 ч. 3 ст. 54 Гражданский ответчик; ч. 6 ст. 59 Переводчик; п. 6 ч. 1 ст. 61 Обстоятельства, устраняющие судью от участия в рассмотрении уголовного дела; п. 2 ч. 1 ст. 90 Обстоятельства, подлежащие установлению по делам несовершеннолетних; ч. 4, п. 1 ч. 5 ст. 111 Заключение под стражу; ч. 7 ст. 112 Сроки содержания под стражей и порядок их продления; ч. 1 ст. 123 Жалобы на действия (бездействие) и решения органа дознания, следователя и прокурора; ст. 129 Отказ в признании гражданским истцом; ч. 2 ст. 137 Последствия пропуска и его восстановление; ч. 1 ст. 144 Сообщение средств массовой информации; ч. 1, ч. 7

ст. 145 Обязательность принятия и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлении; ч. 1 ст. 147 Возбуждение уголовного дела частно-публичного обвинения; ч. 1 ст. 153 Деятельность органов дознания по делам, по которым предварительное следствие обязательно; ч. 2, ч. 7 ст. 161 Подследственность предварительного следствия уголовных дел; ч. 5 ст. 164 Срок предварительного следствия; п. 4 ч. 1 ст. 168 Полномочия прокурора по надзору за дознанием и расследованием уголовных дел; ч. 1, ч. 8 ст. 172 Протокол следственного действия; ч. 8 ст. 183 Порядок производства осмотра; ст. 195 Наложение ареста на почтовые отправления, телеграфные и другие сообщения, передаваемые по сети электрической и почтовой связи, их осмотр и выемка; ч. 1 ст. 202 Порядок допроса свидетеля и потерпевшего; ч. 2 ст. 251 Подсудность уголовных дел; ч. 3 ст. 254 Подсудность уголовных дел военным судам; ст. 405 Сроки пересмотра в порядке надзора приговоров, определений, постановлений судов; п. 3 ч. 2 ст. 410 Состав и порядок рассмотрения уголовного дела по протесту или жалобе; ст. 425 Обстоятельства, подлежащие установлению; ч. 1 ст. 453 Порядок ускоренного производства.

*4. Закон Республики Таджикистан от 16 апреля 2012 г. № 809:* ч. 1 ст. 62 Обстоятельства, исключающие повторное участие судьи в рассмотрении уголовного дела; ч. 9 ст. 111 Заключение под стражу; ч. 7/8 ст. 310 Упрощенный порядок судебного следствия.

*5. Закон Республики Таджикистан от 03 июля 2012 г. № 864:* ч. 1 ст. 109 Залог; ч. 4 ст. 114 Временное отстранение от должности.

*6. Закон Республики Таджикистан от 01 августа 2012 г. № 878:* ч. 3 ст. 79 Хранение вещественных доказательств; ч. 1 ст. 80 Сроки хранения вещественных доказательств; ч. 5 ст. 185 Осмотр и хранение вещественных доказательств.

*7. Закон Республики Таджикистан от 28 декабря 2012 г. № 927:* ч. 2 ст. 24 Дела частного, частно-публичного и публичного обвинения.

*8. Закон Республики Таджикистан от 28 декабря 2012 г. № 932:* ч. 4 ст. 357 Право кассационного обжалования и опротестования приговора; ч. 1 ст. 403 Протест в порядке надзора на вступившие в законную силу приговор, определение, постановление суда.

*9. Закон Республики Таджикистан от 22 июля 2013 г. № 982:* исключена ч. 5 ст. 124 Судебный порядок рассмотрения жалоб на решение прокурора.

*10. Закон Республики Таджикистан от 22 июля 2013 г. № 983:* ч. 1 ст. 159 Органы предварительного следствия; ч. 3, ч. 12 ст. 161 Подследственность предварительного следствия уголовных дел; п. 18 ч. 1 ст. 168 Полномочия прокурора по надзору за дознанием и расследованием уголовных дел; ст. 169 Производство предварительного следствия группой следователей.

*11. Закон Республики Таджикистан от 14 марта 2014 г. № 1067:*

1. Часть 3 статьи 18 после слов "вручаются им" дополнить словами "заверенными соответствующим образом".

2. В абзаце пятнадцатом статьи 35 слова "настоящим Кодексом" заменить словами "законодательством Республики Таджикистан".

3. В абзаце четвертом части 3 статьи 78 слова "деньги и иные ценности, нажитые преступным путем" заменить словами "доходы, полученные преступным путем, независимо от их легализации (отмывания)".

4. В части 5 статьи 164 слова ", военного гарнизона" исключить и после слов "до шести месяцев," дополнить словами "Главным военным прокурором,".

5. В части 2 статьи 235 слова "фамилия и должность" заменить словами "фамилия, имя, отчество и должность".

6. В статье 248:

- текст статьи считать частью 1 и перед словом "Прокурор" дополнить цифрой "1.";

- статью дополнить частью 2 следующего содержания;

"2. Прокуроры городов и районов, приравненные к ним прокуроры утверждают обвинительное заключение по уголовным делам по подследственности, за исключением уголовных дел о преступлениях, по которым Уголовным кодексом Республики Таджикистан предусмотрено наказание в виде пожизненного лишения свободы или смертная казнь. Обвинительное заключение по уголовному делу о преступлениях, по которым Уголовным кодексом Республики Таджикистан предусмотрено наказание в виде пожизненного лишения свободы или смертная казнь, утверждаются по подследственности Генеральным прокурором Республики Таджикистан, его заместителями, Главным военным прокурором, прокурором Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, транспортного прокурора Таджикистана и их заместителями.".

7. В статье 350 слова "защитнику, обвинителю" заменить словами "государственному обвинителю, защитнику,".

8. Из части 2 статьи 363 слова "избрание, изменение или отмена меры пресечения," исключить.

9. В части 1 статьи 409 слова "рассмотрения вопроса принесения кассационного протеста соответствующему суду" заменить словами "изучения обоснованности судебных решений".

10. Абзац второй части 1 статьи 421 после слов "суда города Душанбе" дополнить словами, "судов городов и районов республиканского подчинения".

*12. Закон Республики Таджикистан от 27 ноября 2014 г. № 1134:*

1. В части 2 статьи 89 слова "гражданскому делу" заменить словами "гражданскому, семейному, экономическому делам, постановление суда по делам об административных правонарушениях".

2. Часть 2 статьи 241 после слово "разбирательства" дополнить словами ", которые используются только во время судебного заседания и после окончания каждого судебного заседания возвращаются для хранения в деле".

3. Статью 348 дополнить частью 3 следующего содержания:

"3. В случае провозглашения вводной и резолютивной частей приговора, председательствующий разъясняет участникам судебного разбирательства порядок ознакомления с его полным текстом.".

4. В предложении втором статьи 350 слова "государственному обвинителю," заменить словами "государственному обвинителю и за исключением дел, рассматриваемых в закрытых судебных заседаниях," и слова "а также" исключить.

5. Часть 6 статьи 408 изложить в следующей редакции:

"6. Постановление приобщается к уголовному делу и его копия направляется лицу, принесшему протест и жалобу.".

6. Статью 479 дополнить абзацем четвертым следующего содержания:

"- имеются сведения о том, что в государстве выдачи лицо может быть подвергнуто пыткам;".

Частично проанализированные новшества в УПК Республики Таджикистан подтверждают не профессиональный подход к своим обязанностям законодателей Таджикистана. Редакционная правка УПК Республики Таджикистан еще раз доказывает, что в спешке принимаемые законы в скором времени нуждаются в совершенствовании. Не согласованность

и должная апробация (еще до введения в действие проекта УПК) с представителями различных институтов гражданского общества, независимыми экспертами, а также учеными-процессуалистами отдельных разделов, глав и некоторых статей, в свою очередь в процессе правоприменительной деятельности создают трудности и диктуют буксовку в их реализации и понимании. Уяснение для себя и разъяснение для других – это скорее основа деятельности правоприменителя, который действует в режиме полного царствования слепого следования указаниям руководства в рамках расследования по отдельным уголовным делам. Но до какого времени так будет продолжаться, ведь на кону жизнь и здоровье, а то и часто грубое повсеместное нарушение и не соблюдение конституционных прав и свобод личности. Все эти факторы свидетельствуют о низкой квалификации правоприменительных органов. Дополнительный импульс для осуществления подобных действий им предлагает текст закона и двоякое его содержание.

В качестве ориентира, таджикскому законодателю следует анализировать и учитывать последовательную законотворческую деятельность некоторых развитых стран СНГ (к примеру, Российская Федерация, Республика Беларусь, Казахстан, Туркменистан, Армения и др.), где при выявлении подобных проблем акцентируют свое внимание на мировую практику и освоению необходимых знаний для координации и оптимизации правотворческой деятельности в сфере уголовно-процессуального законодательства в целях недопущения максимального противоречия в нормах уголовно-процессуального законодательства, но с учетом специфических особенностей отечественного законодательства и дальнейшей ее гармонизации и унификации.

Резюмируя все вышеизложенное, следует констатировать тот факт, что разработка и принятие, а также перевод УПК Республики Таджикистан на русский язык стало феноменом в данной области. Перевод превзошел всех и вся. Искажение и расхождение, неправильное толкование, неясность терминологии и прямые противоречия способствуют редактированию текста УПК Республики Таджикистан с учетом всех особенностей государственного языка и языка межнационального общения. Поднятие данного уровня и смыслового содержания текста УПК Республики Таджикистан станет реальным воплощением всех идей новаторов и устранением частично указанных авторских недостатков.

Следует также отметить, что в рамках проводимой судебно-правовой реформы в Таджикистане, составы клеветы и оскорбления были исключены из текста УК Республики Таджикистан[1]. Достаточно долгое время они «висели в воздухе», что доставляло правоприменительной практике немало хлопот и трудностей. Необходимо отметить и непоследовательную законотворческую деятельность парламентариев Таджикистана, когда фактически составы клеветы и оскорбления были изъяты из текста УК Республики Таджикистан, и не было ясности до последнего, какой вид юридической ответственности будут представлять данные составы. На предпоследнем заседании уходящего 2012 г. парламент Таджикистана одобрил законопроект о внесении изменений в Гражданский кодекс Республики Таджикистан (ч.1)[2], которая изложила в новой редакции ст. 174.1. Данная статья

[1] Составы клеветы и оскорбления Законом Республики Таджикистан от 03.07.2012 г. № 844 были исключены из текста УК Республики Таджикистан, но присутствовали в ч. 2 ст. 24 УПК Республики Таджикистан до 28.12.2012 г.

[2] О внесении дополнения в Гражданский кодекс Республики Таджикистан (часть первая) : закон Республики Таджикистан от 28.12.2012 г. № 928 // Джумхурият. – 2013. – № 3–8. – 05 января.

впредь будет регулировать вопросы защиты чести и достоинства при клевете и оскорблении в рамках гражданского судопроизводства. Таким образом, указанная проблема нашла частичное свое решение и тем самым были развеяны все сомнения в УПК Республики Таджикистан [1]. Анализируемые спорные поправки также в некоторых отечественных учебниках по уголовному процессу забыли указать[2].

Также в ходе изменения и дополнения ч. 1 ст. 43 УПК Республики Таджикистан, которая определяет дефиницию частного обвинителя, была внесена редакционная правка[3]. До этого п. 2 ст. 6 УПК Республики Таджикистан и ч. 1 ст. 43 УПК Республики Таджикистан в двойных стандартах определяли законодательную дефиницию частного обвинителя.

Вместе с тем, ст. 147 УПК Республики Таджикистан «Возбуждение уголовного дела частно-публичного обвинения», регулирующая процессуальный порядок возбуждения дел частно-публичного обвинения, аморфно закреплял данный процесс. Фактически в первой части данной статьи регулировался порядок возбуждения уголовных дел частного обвинения, а название статьи данный порядок не отражало. Безусловно, ст. 147 УПК Республики Таджикистан нуждалась в корректировке, и в скором времени законодатель в название данной статьи внес изменение технического характера[4].

Изменения и дополнения текста УПК Республики Таджикистан, которые касаются как содержания, так и отдельных недостатков, не всегда имеют цель систематизации и конкретизации его норм, как в общем плане, так и в отдельных аспектах. Концептуальные основы в реформировании того или иного законодательства порой, а то и часто законодателем не учитываются и разрабатываются проекты законов без их учета и общего согласования однородных норм, что по моему мнению, чревато последствиями. Проанализированные мною проблемы являются неким ориентиром в исправлении системных ошибок, которые были допущены при кодификации, а в последующем желательность их использования при усилении стабильности отечественного уголовно-процессуального законодательства.

---

[1] О внесении изменений и дополнений в УПК Республики Таджикистан: закон Республики Таджикистан от 02.08.2011 г. № 755 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2011. – № 7–8. – Ст. 609.

[2] Ҳуқуқи мурофиавии–ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013. – 362 с.

[3] О внесении изменений в УПК Республики Таджикистан: закон Республики Таджикистан от 28.12.2012 г. № 927 // Джумхурият. – 2013. – № 3–8. – 05 января.

[4] О внесении изменений в УПК Республики Таджикистан: закон Республики Таджикистан от 28.12.2012 г. № 927 // Джумхурият. – 2013. – № 3–8. – 05 января.

# ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ИЛМҲОИ ТАБИӢ
# ОБЩЕСТВЕННЫЕ ДИСЦИПЛИНЫ И ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ

## ЦЕНОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РЫНКОВ МЯСА И МОЛОКА



**Абдуллоев А.Х.***

Как уже было отмечено ранее, производители животноводческой продукции нуждаются в государственной поддержке цен и доходов в рыночных условиях. Это связано с тем, что товаропроизводители сталкиваются с высокой степенью монополизма на рынке сбыта своей продукции, в то время, как сами они действуют в условиях «совершенной конкуренции».

Либерализация цен в условиях монополизма перерабатывающей промышленности и оптовой торговли привела к резкому росту цен на продукцию животноводства и уменьшению спроса на нее со стороны населения, что вызвало, свою очередь, падение производства. Восстановления спроса и производства при преобладании саморегулирование экономики ожидать не приходиться, без государственного вмешательства этих целей не достичь.

Ситуация, сложившаяся на рынках мяса и молока, как минимум, необычна. Цени на мяса и молоко для населения оказываются слишком высокими, и поэтому их потребление, по сравнению с 2011г., сократилось в 2013 на 45% и 48%, соответственно.

Цени на продукцию животноводства для товаропроизводителей оказались слишком низки, и ее производство сократилось. В условиях нормального рынка при падении производства и росте цен для населения, при дефиците продукции одновременно возрастают цени и для товаропроизводителей, что дает им стимул для наращивания производства. В результате цены становятся приемлемыми для населения и для безубыточного ведения хозяйства товаропроизводителями. В нашей стране наблюдается ситуация с высокими ценами для населения и одновременно низкими для товаропроизводителя.

Это происходит потому, что сельское хозяйство оказалось между монополями I и III сфер **АПК**. Производители средств производства поставляют свою продукцию производителям второй сферы **АПК** по ценам, обеспечивающим безбедное существование первых, то есть они используют тактику «максимизации прибыли», когда даже небольшие реализованные партии продукции гарантируют окупаемость затрат. При этом нет нужды повышать эффективность производства за счет снижения издержек.

* Абдуллоев А.Х. – кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры финансов Таджикского национального университета.

Переработчики продукции животноводства и оптовая торговля, акционированные в подавляющем своем большинстве по второму варианту, будучи монополистами, покупают продукцию животноводства по ценам, не обеспечивающим продавцам даже простое воспроизводство. При этом у продавцом, чаще всего, не возникает необходимости продать большее количество продукции, потому что это может повлиять на сложившуюся выгодную для них рыночную конъюнктуру: чем меньше продукции, тем выше цены на нее.

В результате вступления страны на путь рыночных отношений потребительские цены существенно взросли, обогнав темп инфляции, потребление продуктов населением и производство продукции значительно сократилось. Чтобы коренным образом изменить направление экономического развития, необходимо государственное регулирование рынка сельхозпродукции и, в частности, рынка продукции животноводства. Это относится как к регулированию цен и доходов товаропроизводителей, так и поддержанию спроса на продукты питания на уровне медицинских норм, а также к устранению монополизма сферы переработки и оптовой торговли

## ТАНЗИМИ НАРХИ ГУШТ ВА ШИР ДАР БОЗОР

Нархҳои маҳсулоти гушти (чорводорӣ) барои истеҳсолкунандагон дар шароити муосир аҳамияти авалиндарача дора ва дар натиҷаи зиёд истаъсол шудани он нархи он паст мешавад. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ дар вакти кам шудани истехсолӣ маҳсулоти гушти (чорводорӣ) ва баланд шудани нархҳо барои аҳоли дар вакти дастрас набудани маҳсулот нархҳо барои истехсолкунандагон ҳам баланд мешавад. Дар ин холат онхо истехсолотро то як андоза баланд мебароранд.

## PRICE REGULATION OF THE MARKET OF MEAT AND MILK

As was it already noted earlier, producers животноводческой to product need for state support of the prices and incom in market condition. This is connected with that that commodity producers face with high degree монополизма on sales market of its product, in that time, as themselves they act in condition "made competitions".

Liberalizaciya prices in condition монополизма processing industry and wholesale business has brought about sharp growing of the prices on product stock-breeding and reduction demand for it on the part of populations that has caused, its queue, fall production. Recovering the demand and production at prevalence self-regulation economy to expect not to happen to, without state interference these integer not to reach. Ceni on product stock-breeding for commodity producers turned out to be too low, and her(its) production grew shorter. In condition normal market at fall production and growing of the prices for population, at deficit of the product simultaneously increase the цени and for commodity producers that gives him stimulus for наращивания production.

# БА ГИРДОБИ ҶАЗОДИҲИҲОИ СИЁСӢМАҲКУМ ГАРДИДАНИ РАИСИ ШӮРОИ НОЗИРОНИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН АБДУРАҲИМ ҲОҶИБОЕВ (СОЛҲОИ 30-ЮМИ АСРИ XX)



**Неъмонов Б.З.**[*]

Омӯзиши саҳифаҳои таърихи гузаштаи миллат вазифаи муқаддаси ҳар як аъзои ҷамъият, хусусан муаррихон аст. Муаррихон таърихро бояд дуруст ва объективона омӯхта ба мақоми ҷамъиятии ин ё он шахсият ва воқеаҳои дигари муҳими таърихӣ баҳои ҳақиқӣ диҳанд. Албата ин заҳмати зиёдро талаб намуда, аз муаррих пеш аз ҳама дониши мукаммал, иродаи устувор, нуқтаи назари ҳақиқӣ ва маҳорати баланди таҳлилӣ, касбӣ ва хулосабарории устуворро талаб мекунад.

Таҳқиқи воқеоти таърихӣ ва ҳаёту зиндагии шахсиятҳои таърихӣ на аз рӯи манфиатҳои шахсӣ, балки дар асоси манфиатҳои умумимиллӣ ва умумиҷаҳонӣ бояд хулосабарорӣ карда шаванд. Яке аз чунин масъалаҳои мураккаб арзёбии мақоми симмоҳои таърихии халқи тоҷик аст. Абдураҳим Ҳоҷибоев аз зумраи шахсиятҳои намоёни миллат аст, ки номи Ӯ дар қатори хизматҳои шоёни чанд тан аз ходимони ҳизбиву давлатӣ ва ҷамъиятии халқи тоҷик Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов ва дигарон дар саҳифаҳои дурахшони таърихи навини тоҷикон зикр гардидааст.

Зиндагинома ва фаъолияти сиёсии Абдураҳим Ҳоҷибоев (1900-1938) қисмате аз таърихи навини халқи тоҷик дар садаи бист – давраи мубориза барои сохтмони ҷумҳуриҳои ҷавони миллӣ аст. Давраи пурсамари фаъолияти Абдураҳим Ҳоҷибоев ба сифати корманди зинаҳои мухталифи давлатӣ, фосилаи солҳои 1918-1933-ро дар бар гирифта, ин айёми сабзиш, рушду нумӯъ, камолоти раҳбарӣ ва интиҳои фаъолияти сиёсии ӯст.

Давраи аввали фаъолияти идории А. Ҳоҷибоев солҳои 1918-1928 таҳсили илм дар фаъолияти кориаш дар шаҳрҳои Фарғона, Ҷалолобод, Тошканд ва Самарқанд ҷараён гирифт. Вай дар ин муддати кӯтоҳ аз зинаи муаллим ва ташвиқгари одии кори ҳизбу давлат то мансаби нозири халқии зироати Ҷумҳурии Узбекистон ва муовини раиси Комиссияи ислоҳоти обу замини назди КМ ҲК (б) Узбекистон расид. Солҳои 1929-1934 фаъолияти сиёсии Абдураҳим Ҳоҷибоев бо маркази фарҳангии ҷумҳурии тозабунёди тоҷикон – шаҳри Душанбе (Сталинобод) иртибот пайдо кард. Тибқи қарори ҳайати раёсати Кумитаи иҷроияи марказии Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон аз 13 январи соли 1929 таҳти №2 моддаи 10 ба раисии шӯроиНозироти халқии Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон даъват шуд, ки то

---

[*] Неъмонов Б.З. – ассистенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

ин дам ин вазифаро Абдуқодир Муҳиддинов бар ӯҳда дошт[1].

Абдураҳим Ҳоҷибоев ба сифати раиси шӯрои Нозирони халқии Ҷумҳурии мухториТоҷикистон аз сини 29 то 33 солагӣ яъне то охири моҳи декабри соли 1933 ин корро идома дод ва таи ин муддат хизмати муҳим ва шоиста дар қомат рост кардани кохи нави сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоиёти Тоҷикистон ба ҷо оварда, дар ин роҳ сари ҷавонашро ба тундбоди замона бохт. Аз охири соли 1933 мавҷи ситтезу ошуб алайҳи фаъолият ва мақоми Абдураҳим Ҳоҷибоев боло рафт, пас аз муқовимат ва саркубии шадиди ҳизбиву давлатӣ се-чаҳор соли охири умр дар ихтиёри Кумитаи марказии ҳизби коммунист дар шаҳри Маскав қарор гирифт.

Аз назари тозаи бархе аз муаррихон ва журналистони замони муосир бар меоянд, ки маҳз дар ибтидои солҳои сиюм ҷустуҷӯи айбҳои сиёсӣ ва фошкунии кори мақомоти роҳбарикунандаи Тоҷикистон ба таври густурда ба вуҷуд омада буд. Дар рушан кардани саҳифаҳои таърихи ин давра мушкилоти асосӣ дастрасии нокомил ба манбаъҳои он замон хусусан маводи бойгонӣ ва матбуотӣ, дар солҳои 30-юми асри XX аст. Бо вуҷуди ин, аз маводи мавҷуда метавон ҳаёти ҳузнангези Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум, ки ҳар ду дар як вақтқурбони дассисаҳои замон гаштаанд, равшанӣ андохт. Ҳанӯз дар қарори Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии (б) Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти ташкилоти фирқавии Сталинобод» аз 14 ноябри соли 1933 саҳвҳои сиёсии онҳо дар баробари амалиёти «гурӯҳи зиддиинқилобии Алексеюф», «плотформи муштзӯронаи миллатчигии зиддиинқилобии Муҳиддинов ва Комилӣ»таъкид шуда буд[2].

Аммо дар ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ ҲК (б) У, ки ибтидои моҳи декабри соли 1933 баргузор шуд,дар асоси маърӯзаи котиби Бюрои сиёсии Осиёи Миёна К.Бауман, котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон М.Ҳусейнов, намояндаи Идораи муттаҳидаи давлатии сиёсии назди ШНХ ИҶШС дар Осиёи Миёна Пиляр ва баёноти як зумра роҳбарони Тоҷикистон ба ин натиҷа расид, ки баромадҳои зикргардида барои гунаҳкор кардани рафиқон А.Ҳоҷибоев ва Н.Махсум, ки гӯё дар ташкилоти «зиддиинқилобӣ»-и Тоҷикистон, ки алайҳи ҳукумати шӯравӣ ташкил шуда буд, ширкат варзида бошанд, асос шуда наметавонад[3].

Дар интиҳои ҷаласаи мазкур КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар тасвибномаи хеш чунин қарор кард: «Аз мақоми раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон сабукдуш кардани рафиқ Н. Махсум ва аз мақоми раиси ШНХ ҶШС Тоҷикистон сабукдӯш кардани рафиқ А. Ҳоҷибоев қаблан ҳал шуда ва онҳо ба ихтиёри КМ ҲК (б) У фиристода шаванд». Сипас Абдураҳим Ҳоҷибоев аз соли 1934 то соли 1937 дар Донишкадаи иқтисодии профессураи сурхи шаҳри Маскав ба таҳсил пардохт[1].

Пленуми якҷояи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ки 24-25 декабри соли 1933 шуда гузашт, ин қазияро бо таври дигар баррасӣ кард. Суханрониҳои тӯҳматбор, хусуматомез ва ноадолатонаи К.Я. Бауман қарори Маскавроҳақ ва саривақтӣ эълон карда, афзуд, ки фаъолияти сиёсии роҳбарони олимақоми тоҷик сабаби таҳрибкории сиёсати замон гардида, монеаи ҷиддӣ барои инкишофи қувваи фикрӣ ва эҷодии оммаи мардуми меҳнаткаш гардидааст[2].

Дар баромади раиси тозаинтихоби ШНХ ҶШС Тоҷикистон Абдуло Раҳимбоев, ки ба ҷои Абдураҳим Ҳоҷибоев таъин гардида

[1] Тоҷикистони сурх. – 1929. – 16 янв. - №7 (37). С.2.

[2] Тоҷикистони сурх . – 1933. – 6 декабр №279 (1578). С.2.

[3] Ҳақиқати таърих: Саҳифаҳои ноаёни таърихи Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 1990. С.143 .

[1] Ҳақиқати таърих: Саҳифаҳои ноаёни таърихи Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 1990. С.144.

[2] Коммунист Таджикистана. – 1934. – 5 январ . - №5 (1197). С.3.

буд, сиёсати «муштзӯрӣ», «зиддидавлатӣ», «зиддишӯравӣ»-и роҳбарони кухан Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев мавриди танқиди шадид қарор гирифт[3].

Иштирокчиёни пленуми муттаҳидаи КМ ҲК (б) Тоҷикистон, сессияи 4 КИМ Шӯроҳои Тоҷикистон ба унвони И. В. Сталин низ бо мазмун ва натиҷаи сиёсати душманфошкунӣ дар Тоҷикистон барқия фиристоданд.

Дар ҷаласаи сессияи 4 КИМ ИҶШС 14 январи соли 1934 бо иштироки барҷастатарин ходимони ҳизбиву давлатии шӯравӣ Калинин, Петровский, Черняков, Енукидзе, Медведев, Яковлев, Юркин ва дигарон низ инқазияи мазкур мавриди баррасӣқарор гирифт.

Бояд қайд кард, ки раванди душманфошкунӣ бо ҷурми миллатгароӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар қисматҳои Иттиҳод якранг буд. Омилҳои асосии сарзаниш ва саркубии ходимони ҳизбу давлат ва зииёни солҳои 20-30-юми асри бистумро аз таъсири анҷумани 16 Ҳизби коммунист – «анҷумани бо номҳуҷуми васеъи сотсиализм дар тамоми ҷабҳа», ки қазияи мубориза бар зидди майлонҳои миллатгароӣ, «шовинизми бузургдавлатӣ», ва «миллатчигии маҳаллӣ»-ро ба миён гузошт ҷустуҷӯ кардан лозим меояд.

Аз мазмун ва моҳияти суханрониҳои роҳбарони замон мушоҳида кардан мумкин аст, ки сабабҳои асосии ба гирдоби туҳмат ва ҷазодиҳии сиёсӣ маҳкум гардидани раиси ШНХ Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев, ки баҳонае барои аз вазифа сабукдуш кардани он шуд, инҳо мебошанд:

а) ба роҳ намондани сиёсати ҳизбу ҳукумат, бетаваҷӯҳӣ ба беҳдошти аҳволи деҳқонони камбағал ва миёнаҳол, алоқа бо унсурҳои кӯлакӣ ва амалдорони собиқ амири Бухоро, дифои кулакҳо аз деҳқонони камбағал, миёнаҳол ва намояндагони инқилобӣ дар шӯроҳои маҳаллӣ;

б) даст доштан дар ҳодисаи шиканҷа ва ранҷ додани деҳқонони камбағал-миёнаҳол аз тарафи кулакҳо ва душманони ҳукумати шӯро дар ноҳия ва деҳот, ки дар мақоми роҳбарии ҳукуматӣқарор доштанд, аз ҷумла, андозситонии беҳад, ғасби ғайриқонунии ҳайвонот, ҳабси аз қонун берун, муштзӯрӣ ва шиканҷадиҳӣ;

в) харобиоварӣ дар роҳи татбиқи сиёсати миллӣ ва интернасионализми ленинӣ, ягонагиву бародарии халқҳои тоҷику узбак, ягонагиву бародарии меҳнаткашони тоҷику рӯс, пайгирӣ аз тамоюли буржуазӣ-миллатчигӣ[1].

Сарчашмаҳое, ки аз таҳқиқу баррасии густурдаи ин қазия шаҳодат медиҳанд, дар муноқишаи сиёсии солҳои 1933-1934 мунаққидон бештар аз номаи аъмоли А. Ҳоҷибоев айбу хатоҳои аниқтар, нишондодҳои «миллатгароии бузургрӯсӣ, бузургӯзбакӣ, бузургтуркӣ, бузургэронӣ ва дар маҷмуъ миллатгароии худӣ»-ро ҷустуҷӯ карда, ба ҷабру шикаст ва беэътибории вай мусоидат намуданд[2].

8 июли соли 1937 А. Ҳоҷибоевро кормандони мақомоти Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) ҳабс кардан два 25 январи соли 1938 коллегияи ҳарбии Суди олии Иттиҳои шӯравӣ ӯро маҳкум ба марг намуд. Мувофиқи тафтиши ниҳоӣ дар айбномаи ӯ ба он ҷурм мутаҳам карда шуд, ки А. Ҳоҷибоев аз соли 1929 яке аз роҳбарони ташкилоти буржуазии – миллатгароӣ ва харобкори террористӣ дар Тоҷикистон будааст, ки ин ташкилоти сиёсӣ ба ҷосусӣ машғул буда, бар зидди Ҳукумати шӯравӣ шӯриши мусаллаҳ тайёр мекардааст.

---

[3] Тоҷикистони сурх. 1933. - 29 декабр. - №298 (1597). С. 4.

[1] Ҳоҷибоева Б. Мирзоюнус М. Аъзамзод С. Абдураҳим Ҳоҷибоев: Осор ва пайкор. – Хуҷанд: Ношир, 2010. С.25.

[2] Абулҳаев Р., Дустов Ҳ. «Нусратулло Махсум ва ба Ватан бозгардонидани фирориён». Фидоии миллат. –Душанбе: Шарқи озод, 2001. С. 38.

28 декабри соли 1957 коллегияи Суди олӣқарори Прокурори генералии ИҶШС – ро аз рӯи ҳуҷҷатҳои А. Ҳоҷибоев баррасӣ намуда, ҳукми коллегияи Суди олии ИҶШС – ро аз 25 январи соли 1938 дар ҳақи Ҳоҷибоев Абдураҳим дар асоси далелҳои нав бекор кард ва бинобар набудани ҷиноят дар номаи аъмоли ӯқатъ намуд.

Маводи матбуоти даврӣ ва адабиёти таърихӣ моҳияти танқидҳои ҳизбӣ, ки нисбати Абдураҳим Ҳоҷибоев равона карда шудаанд, таҳлил намуда, аз он самти ҷустуҷӯ, андеша ва талошҳои ин шахсияти наҷибро баҳри манфиатҳои халқи тоҷик, тоҷикгароӣ ва эҳтироми ӯро нисбати тоҷикон асос намуда, ба гирдоби таъқибот ворид намуданд.

Хулоса раиси Шӯрои нозирони халқии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев дар асоси тӯҳмату бӯҳтонҳои беасос, ки гӯё Ӯ ба пинҳонкорӣ машғул буда, бар зидди Давлати шӯравӣ мубориза оғоз мекунад, инчунин дар фаъолияти худ ба хатогиҳо роҳ дода, манфиати синфи деҳқонро нодида мегирад, мавриди таъқибу фишорҳои сиёсӣ қарор гирифта қурбонии дассисаҳо ва таъқиботи солҳои сиюми асри XX гардид.

**В ВОДОВОРОТЕ СОБЫТИЙ ПРИВЛЕЧЕНИЯ К ПОЛИТИЧЕСКОМУ НАКАЗАНИЮ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ СОВЕТА НАРОДНЫХ КОМИССАРОВ ТАДЖИКИСТАНА АБДУРАХИМА ХОДЖИБОЕВА (30-Е ГОДЫ XX В.)**

***Ключевые слова:*** наказание, политика, интеллигенция, социалистическое общество, репрессии, формы борьбы, политические репрессии, преследование

В статье речь идёт об истории политического преследования и как итог, уголовном наказании председателя Совета Народных Комиссаров Таджикистана Абдурахима Ходжибоева. Автором предпринята попытка анализа политических преследований и репрессий активистов советского государства в тридцатых годах XX века.

**IN THE MAELSTROM OF EVENTS INTO POLITICS PUNISHMENT CHAIRMAN PEOPLE'S COMMISSARIAT OF TAJIKISTAN ABDURAHIM HODZHIBOEV (30 YEARS OF THE TWENTIETH CENTURY)**

***Keywords*:** punishment, politics, the intelligentsia, the socialist society, repression, forms of struggle, political repression, persecution

In this article we are talking about the history of political persecution and as a result, penalizing the chairman of the Council of People's Commissars of Tajikistan Abdurahim Hodzhiboev. The author attempts to analyze the political persecution and repression of activists of the Soviet state in the thirties of the twentieth century.

# АЗ ТАЪРИХИ ИСТИФОДАИ ДОНИШҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР МАҚОМОТИ ҚУДРАТӢ




🗁

**Расулов С.Х.,**[*]
**Рузиев С.З.**[**]

Ба таври эмпирикӣ баҳогузорӣ намудани шахсият аз замонҳои қадим мавҷуд буд. Дар ҳар давру замон инсоният кӯшиш мекард, то ин ки ҷаҳони пурасрори худро маърифат кунад. Аммо суоле ба вуҷуд меояд, ки кадом ҷанбаро биомӯзад ва ба кадом хотир? Барои ин муайян кардани сохти психологии шахс зарур буд, яъне шахсият аз кадом унсурҳо иборат асту соҳиби кадом ҷанбаҳои рӯҳонист. Мақсади асосии ин гуна омӯзишҳо аслан ду ҷанбаро дорад. Ҷанбаи якум ин худшиносӣ аст, яъне «МАН»-кӣ ҳастам ва барои чӣ офарида шудаму рисолати «МАН» чӣ гуна хоҳад буд? Ҷанбаи дуюми онро бошад, аз байн бурдани бадӣ ва пойдор сохтани адолат ташкил медиҳад. Барои расидан ба дарки ин ду ҷанба омӯзиши олами ботинии инсон, яъне тарафи психикии ӯ зарур аст. Бо дарки ин зарурат, аз замонҳои қадим одамон усулҳои гуногуни омӯзиши психологии шахсро коркард намудаву мавриди истифода қарор медоданд. Масалан, тақрибан 3000 сол пеш ҳангоми қабули довталаб ба хизмати давлатӣ дар Империяи Чин озмудашаванда ва ё бо иборাи дигар унвонҷӯ бояд аз як қатор супоришҳои бастандартдаровардашудаи махсус мегузашт[1]. Ё дар Ҳинд ва Чини Қадим барои муайян кардани ҷинояткор гумонбаршуда орди аз биринҷ тайёршударо муддате мехоид ва баъдан маҷбур карда мешуд, ки онро ба берун партояд (туф кунад). Агар ин нафар бе душворӣ аз ӯҳдаи ин кор мебаромад, он гоҳ бегуноҳ ҳисобида мешуд, зеро даҳони вай хушк набуда, вай дар ҳолати изтироб қарор надорад. Яъне дар он давра мутахассисон медонистанд, ки ҳангоми баланд будани дараҷаи изтиробнокӣ даҳон хушк мешавад.

Дар Африқо бошад, дар дастони гумонбаршудаҳо тухми паранда гузошта мешуд ва нафаре, ки аз тарс онро зер мекарду мешикаст ва моеъи он ба замин мечакид, ин нафар айбдор шумурда мешуд.

Истифодаи гузаштан аз байни оташ барои исботи бегуноҳии худ, ки дар Достони Сиёвуши Шоҳномаи безаволи Фирдавсӣ оварда шудааст, маънои онро дорад, ки одамон дар он давра доир ба таъсири дараҷаи баланди изтиробнокӣ ба идораи бошууронаи рафтор маълумот доштанд. Мавҷудияти ин гуна усулҳо аз истифодаи донишҳои аввалини психологӣ ва мавқеи ташхиси психологӣ шаҳодат медиҳанд, зеро маҳз тақрибан 3000 сол пеш, аллакай сухан дар бораи ҳолати изтиробнокии шахс мерафт.

---

[*] Расулов С.Х. – н.и.с., дотсент, мудири кафедраи психологияи ДМТ.

[**] Рузиев С.З. – магистри илмҳои психология, мутахассис-психолог КМҲТ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[1] Барабанщиков А.В., Глоточкин А.Д., Феденко Н.Ф., Шеляг Р.В. Психология воинского коллектива. –М., 1967.

Истифодаи донишҳои психологӣ на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ таърихи қадима доранд. Масалан, дар Мисри Қадим, унвонҷӯ аз сӯҳбат мегузашт, ки дар ин раванд маълумотҳои тарҷумаҳолии ӯ, дараҷаи маълумотнокӣ, хусусиятҳои физиологӣ ва тарзи суханронииаш муайян карда мешуданд. Пас аз ин аллакай маҳорати корӣ, гӯш карда тавонистан, хомӯш нишастан муайян карда мешуд. Инчунин санҷиш ба воситаи оташ ва об мавриди амал қарор мегирифтанд. Ин санҷишҳои сангин барои нафароне, ки аз худ боварӣ надоштанд, боиси марг мегардид.

Дар мактаби юнонии Пифагор бошад, санҷиш ва баҳогузорӣ ба қобилиятҳои ақлӣ, маҳорати худро дар вазъиятҳои душвор нигоҳ дошта тавонистан ба таври васеъ истифода мешуд.

Дар тули таҳаввулоти инсоният донишҳои психологӣ низ дар доираи донишҳои ҳаётии психологӣ аз таҷрибаи мардум сарчашма гирифтаю бой мегардиданд ва дар соҳаҳои гуногун истифода мешуданд, харчанд психология ҳамчун илми мустақил вуҷуд надошт.

Ҳамаи ин боис гардид, ки тестҳои авалини психологӣ коркард шаванд. Нахустин шахсе, ки тести психологиро барои санҷиши қобилиятҳои ақлӣ коркард намуда буд, олими испаниёвӣ Хуан Хуарт (1530-1589) ба шумор меравад. Соли 1575 китоби Хуан Хуарт бо номи *Examende Ingenios* нашр гардид, ки ба муайян намудани лаёқати кӯдакон бахшида шуда буд. Китоби мазкур бо 27 забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шудааст. Дар он чунин хусусиятҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд: идрок, хотир ва хаёл.

Пас аз ворид шудани илми психология ба доираи илмҳо ҳамчун илми мустақил, дар нимсолаи дуюми қарни XIX истифодаи донишҳои психологӣ дар соҳаҳои гуногун, махсусан соҳаи ҳифзи ҳуқук вусъати тоза касб намуд. Хусусан, дастовардҳои илмӣ дар соҳаи физиологияи инсон (И.М. Сеченов, И.П. Павлов, В.М. Бехтерев), психологияи фундаменталӣ ва психологияи амалии протсессҳои маърифатӣ (Г. Фехнер, В. Вундт, Г. Гелмголтс, И. Мюллер ва ғ.), психологияи қобилиятҳо ва ташхиси психологии он (Ф. Галтон), психологияи иҷтимоӣ (Э. Дюркгейм, В. Вундт, В.М. Бехтерев ва ғ.) ба омӯзиши ин масоил тағйироти сифатию миқдорӣ ворид намуд.

Баъдан бо васеъ шудани доираи истифодаи ташхиси психологӣ дар амалия зарурати истифодаи тестҳои гурӯҳи бо мақсади ба роҳ мондани таҳлили миқдорӣ ба миён омад. Яке аз аввалинҳо шуда тести гурӯҳиро аспирант Артур Синтон Отис (1886-1964) коркард ва пешниҳод намуд. Ӯ соли 1912 ба назди устодаш Термен омада, идеяи коркарди тести гурӯҳиро бо мақсади дар як вақт мавриди санҷиш қарор додани якчанд нафар пешниҳод намуд. Баъд аз гирифтани розии Термен муддати панҷ сол Отис дар ин масъала заҳмат кашида, масъалаҳои аллакай коркардшударо барои истифодаи гурӯҳӣ мутобиқ намуда, соли 1918 тести гурӯҳиро барои истифода пешниҳод намуд[1].

Ибтидои асри XX талаботи амалии омӯзиши қобилятҳои афзалитдошта дар шакли масоили илмии тадқиқи фарқияти инфиродӣ бандубаст гардиданд. Ин проблема барои руи кор омадани аввалин тестҳои касбӣ ҷунбиши тозае эҷод намуд. Олими машҳури Англис Ф. Галтон тулии солҳои 1884-1885 як қатор санҷишҳо гузаронида, ки дар он мизоҷони аз 5 то 80 сола сифатҳои ҷисмонӣ ва хусусиятҳои психологии худро аз рӯи 17 нишондод месанҷиданд.

Ин аввалин кӯшиши дурӣ ҷустан аз санҷишҳои дар фаросат асосёфта ва руй овардан ба санҷиши илман асоснок буд. Дар ин ҷода саҳми Ф. Галтонро дар илми психология метавон ба саҳми Г. Галилей дар илми физика шабоҳат

[1] Бурлачук Л.Психодиагностика. – СПб.: Питер, 2002.

дод.

Истифодаи санҷишҳои тестӣ ба тадқиқотҳои эмпирикӣ дар психология қувват бахшиданд ва тарафдорони эмпиризми тундгаро дар охири асри XIX онро алтернативаи асосии идеализм ва экспериментро таҳкурсии илм медонистанд. Яке аз психологҳои шинохтаи он давра Ҷ. Кеттел навишта буд: «Психология танҳо дар ҳамон ҳолате илми воқеӣ ва аниқ мешавад, ки эксперимент ва ченкуниҳои асосии худро дошта бошад»[1].

Ҷ. Кеттел яке аз аввалин олимоне буд, ки тестро ҳамчун воситаи ченкунии хусусиятҳои психологии гуё ченнашаванда дар психология баҳо дода буд. Ӯ соли 1880 кореро ба чоп расонид, ки дар он 50 тести лабораторӣ ҷой дода шуда буданд (тибқи талаботҳои муосири психометрикӣ онҳоро ҳамчун тест баҳогузорӣ кардан душвор аст). Ин тестҳо танҳо ба ду талаботи феълан ба тестҳо пешниҳодшаванда ҷавобгу буданд: нишондод оид ба истифодабарӣ доштанд ва санҷиши лабораторӣ дар онҳо қайд карда мешуд.

Пас аз нашри нахустини корҳои Ф. Галтон ва Ҷ. Кэттелл андешаи истифодаи тестҳо дар амалия тарафдорони зиёдро пайдо кард ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногун роҳандозӣ карда шуд. Дар ин давра тарафдорон ва ҳарифони аввалини тест пайдо шуданд. Ба сифати тарафдорони тест метавон инҳоро ном бурд: дар Олмон – Г. Мюнстерберг, С. Крепелин, В. Онрӣ; дар Фаронса – А. Бине; дар ИМА – Ҷ. Гилберт ва дигарон.

Дар давраи ҷанги якуми ҷаҳон истифодаи донишҳои психологӣ дар мақомоти қудратӣ авҷ гирифт, ки ба рушди ташхиси психологӣ такони ҷиддӣ бахшид. Маҳз дар ин давра олимони амрикоӣ ба таҳлилу ташхиси психологии омодагии ҷангии артиш диққати ҷиддӣ медодагӣ шуданд. Бо мақсади ба роҳ мондани назорат аз болои тадқиқотҳои психологӣ соли 1917 дар Амрико Комиссия оид ба психология таъсис дода шуд, ки роҳбарии онро профессори ҳамонвақтаи донишгоҳи Гарвард Роберт М. Йеркс ба ӯҳда дошт. Дар Кумитаи мазкур психологҳои машҳури ҷаҳонӣ кору фаъолият мекарданд, аз ҷумла Мак Ҷ. Кеттелл, Г.Стенли Холл, Торндайк ва дигарон. Маҳз аз тарафи ин комиссия тестҳои якуми гурӯҳҳи барои баҳогузори ба дараҷаи коршоямии (ососан аз рӯи дараҷаи инкишофи ақл) даъватшудагон ба сафи артиш тартиб дода шуданд: тести артишии «алфа» барои соҳибмаълумотҳо ва тести артишии «бета» барои бесаводҳо.

Умуман дар вақти ҷанги якуми ҷаҳонӣ зиёда аз 1 700 000 аскарон ва 40 000 афсарон мавриди тадқиқ ва санҷиши психологҳо қарор дода шуданд.[2] Пас аз ин тадқиқоти васеъи оммавӣ чунин далели аҷибе низ ошкор гардиданд, ки таваҷҷуҳро ба истифодаи тестҳои психологӣ боз ҳам афзун намуданд. Мавриди қайд аст, ки нафарони ба хизмат даъват мешуда, аз табақаи поёнии ҷомеаи Амрико буданд, ки дар онҳо қобилиятҳои хондан ва навиштан ба таври зарурӣ рушд наёфта буданд. Аз 566011 сарбозони санҷидашуда дар рафти тадқиқот (аз 28 апрели соли 1918 то 31 январи соли 1919), тақрибан 25,3%- и онҳо маҳорати хондан ва дарк кардани маводи газетаҳоро надоштанд ва ба хонаҳои хеш мактуб навишта равона карда наметавонистанд. Табиист, ки ин ба натиҷаи тадқиқот таъсири худро мерасонид.

Ҳамин тариқ, дар психология усули нави ташхисӣ пайдо шуд, ки ҳоло илман асоснок карда нашуда буд ва дурустии натиҷаҳои тавассути он бадастомада шубҳаовар будан. Дар психология давраи бӯҳронӣ фаро расид: дигар бо усули кӯҳна пеш рафта наметавонист, аммо барои пешрафт бо усули нав асос илмӣ надошт. Бо

[1] Директивы ВКП(б) и постановления Советского провительства о народном образовании. Сборник документов за 1917-1947 гг. ВЫП.1. –М.; Л., 1947.

[2] Психология и педагогика. Военная психология / Под ред. А.Г. Маклакова. –Спб: Питер, 2005.

назардошти он, ки коркарди тестҳо талабот ва меъёрҳои худро дорад, барои танзими раванди коркард ва истифодаи онҳо соҳаи нави психологияи амалӣ бо номи психотехника руи кор омад.

Солҳои 30-юми арии XX дар бисёр мамлакатҳо тестҳои психологӣ ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Дар Фаронса тестҳои психологиро бо мақсадҳои дефектологӣ ва муайян кардани тамоюли касбӣ, дар ИМА ҳангоми қабули кормандон ба кор ва донишҷӯён ба донишгоҳ, инчунин корҳои илмӣ тадқиқотӣ истифода мебурданд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бошад тестҳоро бо ду мақсад истифода мекарданд: дар соҳаи маориф ва муайян кардани тамоюли касбию интихоби касб.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1921 бо роҳбарии В.М. Бехтерев тадқиқотҳои аввалин оид ба интихоби касбӣ оғоз гардида буд. Соли 1927 дар шахри Москва якумин Конференсияи Умумииттифоқӣ оид ба психофизиологияи меҳнат ва интихоби касб гузаронида шуд.

Маҳз дар ин давра истифодаи тестҳои психологӣ дар истеҳсолот бо суръати тез паҳн шуда, аз доираи назорат баромад ва дар байни мутахассиони соҳа падидаеро бо номи «тестомания» ба вуҷуд овард. Ин боис гардид, ки соли 1936 бо қарори Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистиии умумироссиягӣ «Дар бораи вайронкориҳои педологӣ дар системаи маорифи халқ» [1] истифодаи тестҳои психологиро дар Иттиҳоди Шӯравӣ манъ карданд. Ин амал ба сиёсатмадорони дигар давлатҳо низ сироя кард. Соли 1966 дар сенати ИМА масъалаи манъи пурраи истифодаи тестҳои психологӣ ба муҳокима гузошта шуд, аммо хушбахтона аз тарафи аксари сенаторҳо дастгирӣ карда нашуд.

Новобаста аз манъ кардани истифодаи тестҳои психологӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ин тестҳо дар соҳаи мақомоти қудратӣ, махсусан куввaҳои мусаллаҳ, амнияти дохилӣ ва мақомоти корҳои дохила ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Ба доираи методҳои ташхиси психологӣ дохил шудани методҳои лоиҳавӣ (проективӣ) мавқеи ташхиси психологиро дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боз ҳам устувортар гардонид.

Соли 1920 корманди департаменти политсияи Калифорнияи ИМА Леонард Килер истеҳсоли оммавӣ ва фуруши полиграфро ба роҳ монд, ки бо ном «детектори дуруғ» машҳур аст. Истифодаи полиграф дар соҳаи мақомоти қудратӣ, махсусан соҳаи амният зуд авҷ гирифт ва олимони шӯравӣ низ ба он майл карданд.

Солҳои 1940 психологони амрикоӣ Ҷ. Маккинли ва С. Хатэуэй тестеро бо номи MMPI (Тести Миннисотнии бисёромилаи тадқиқи шахсият) пешниҳод намуданд, ки ташхиси маҷмӯавии хусусиятҳо шахсиятро таъмин мекард ва дар муддати кутоҳ хеле машҳур гашт. Минбаъд ин тест ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, мутобиқ гардонида шуд ва то ҳол истифода мешавад. Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон тести мазкур барои интихоби довталабон ба қушунҳои ҳавоии ИМА, инчунин барои ҷудо кардан ва хориҷ кардани курсантҳои ба қавле корношоям аз сафи артиш истифода бурда мешуд.

Баъди руи кор омадани тест ҳамчун усули ташхиси психологӣ кор дар ин самт хеле вусъат гирифт ва олимони машҳур аз қабили Г. Айзенк, Р. Амтхауэр, А. Анастази, Д. Векслер, М. Люшер, Р. Кэттелл, Дж. Равен, С. Розенсвейг, Л. Сонди, Ж. Тейлор ва дигарон тестҳоеро коркард ва барои истифода пешниҳод намуданд, ки шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд.

Новобаст аз он, ки истифодаи тестҳои психологӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ манъ карда шуда буд, дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон истифодаи донишҳои психологӣ дар соҳаи мақомоти қудрати вусъати тоза пайдо

[1] Общая психодиагностика. /Под ред. Бадалева А.А., Столина В.В. – М., 1987.

кард ва ин пеш аз ҳама аз руи зарурат буд. Дар ин давра бо сабаби вуҷуд надоштани психологҳои соҳаи ҳарби мутахассисони дигар соҳаҳои илми психология ба тадқиқот ҷалб карда шуданд ва дар чунин самтҳои тадқиқоти психологӣ ба роҳ монда шуд: психологияи коллективӣ ҳарбӣ, хусусиятҳои фаъолият ва сифати ҳайати фармондеҳӣ, психологияи ҷанг, машқҳои махсус дар фаъолияти ҷангӣ ва ғайра. Дар ин давра олимони Шӯравӣ Б.Г. Ананев, С.Г. Геллерштейн, А.В. Запрожетс, А.Н. Леонтев, А.Р. Лурия, Д.Н. Узнадзе ва дигарон хизмати арзанда кардаанд.[1]

Маҳз дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон як катор тадқиқоти махсуси психологӣ гузаронида шуд, ки натиҷаи онҳо муносибати роҳбарияти олии Иттиҳоди Шӯравиро ба истифодаи донишҳои психологӣ дар истеҳсолот дигар кард. Аз ҷумла, К.Х. Кекчеев роҳҳои баланд бардоштани ҳассосии биноӣ ва шунавоӣ, усули тезонидани суръати мутобиқшавии чашм, механизмҳои психологии ниқобпушонӣ (маскировка) ва разведкаро коркард намуд. Б.М. Теплов бошад, тадқиқоти ҳарбӣ-психологии худро бо номи «Хиради лашкаркаш» ба чоп расонид. Доир ба масъалаи мароми рафтори ҷангиён С.Л. Рубинштейн кори илмӣ анҷом дода буд.

Солҳои 60-уми асри XX «тадқиқоти психологӣ аз нав дар он соҳахое эхё гардид, ки солҳои 30-юм қатъ карда шуда буд».[2] Ҳамзамон дар ин давра экспертизаи судӣ-психологӣ руи кор омад, ки ифодакунанди ниёз доштани мақомоти корҳои дохила ба донишҳои психологӣ ва ҳамкорӣ бо психологҳои касбӣ буд.

Дар ин давра дар Тоҷикистон низ тадқиқоти психологӣ зери таъсири психологияи давраи Шӯравӣ ва намояндагони барҷастаи он дар Тоҷикистон – Л.А. Венгер ва М.Г. Ярошевский оғоз гардиданд. Аввалин китоби дарсии "Психология" тарҷумаи китоби психологияи Б.М. Теплов буд, ки соли 1948 зери таҳрири академик А. Баҳоваддинов аз чоп баромад.

Дар инкишофи илми психология дар Тоҷикистон хизмати профессор М.Г. Ярошевский махсусан бузург аст. Маҳз бо ташаббуси ӯ дар институти педагогии Душанбе ва дар Университети давлатии Тоҷикистон дар Душанбе кафедраҳои педагогика ва психология ва дар соли 1963 дар университет лабораторияи тадқиқотии психологӣ ташкил ёфтанд. Ҳамон солҳо дар Тоҷикистон се маркази тадқиқотӣ пайдо шуд: кафедраи психологияи Институти педагогии ш. Душанбе, лабораторияи тадқиқотӣ дар назди Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ва кафедраи педагогика ва психологияи ҳамин донишгоҳ.

Маҳз ба роҳ мондани тадқиқоти психологӣ буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистони, истифодаи расмии донишҳои донишҳои психологӣ дар Комиссияи маркази ҳарбӣ – тиббии Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохила соли 1976 оғоз гардид. Ин комиссия моҳи октябри соли 1976 таъсис дода шуд. Вазифаи он аз байни довталабон ҷудо намудани кадрҳои ҷисман ва рӯҳан обутобёфта ва ба талабот ҷавобгӯ барои Вазорати корҳои дохила ва сохторҳои таркибии он, мақомоти пракуратура ва дигар сохторҳои қудратӣ буд.

Комиссия мазкур моҳи октябри соли 1976 таъсис ёфта, нахуст роҳбари ин комиссияи Г.А. Купсов таъин шуда буд. Дар ибтидо дар назди комиссия чор нафар духтурон ба кор ҷалб шуда буданду бо мурури замон миқдори онҳо аз ҳисоби мутахасиссони соҳаҳои зарурӣ зиёдтар гардиданд.

Бо шакл гирифтани фаъолияти Комиссия соли 1978 Лабараторияи психофизиологии Комиссияи маркази ҳарбӣ-тиббӣ бо фармони Вазири

[1] Ярошевский М.Г. Психология в XX столетии: теоретические проблемы развития психологической науки. -М., 1974.

[2] Основные виды деятельности и психологическая пригодность к службе в системе органов внутренних дел. /Под ред. Бовина Б.Г., Мягких Н.И., Сафронова А.Д. – М., 1997.

корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0243 аз 3 марти соли 1978 таъсис дода шуд. Лабараторияи мазкурро бори аввал В.И. Крюков ва баъдан С.Ф. Колчина роҳбарӣ кардаанд. Ин лабаратория дар соҳаи мақомоти қудратии ҷумҳурӣ лабараторияи ягона буд ва дар он ташхиси психологии довталабон барои кор дар мақомоти хизмати дохилӣ, корҳои оперативӣ, хадамоти оташнишонӣ ва ронандагони нақлиёти хизматӣ анҷом дода мешуд. Хулосаи додаи психологҳои лабаратория барои бароварадани қарор оид ба қабул кардан ё накардани довталаб ба кор ба эътибор гирифта мешуд.

Тадқиқотҳои илмӣ пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1997 оид ба масоили интихоби касбӣ-психологию тиббӣ аз ҷониби олимони соҳа вусъат гирифтанд (Бовин Б.Г., Калашников М.О., Марьин М.И. дар илми биология Зыбковец Л.Я., Никандрова Л.Р., Лебедев А.Н. Панова Т.Б., дар илми тиб Колесникова А.А., Савченко В.И., Беспалова Е.В. ва дар илми ҳуқуқшиносӣ Сафронов А.Д., Тенедиев П.Ю., Петрожиский В.М.). Аксари маводҳои ташхисии феълан истифодашаванда тадқиқотҳои маҳз ҳамин олимон ба ҳисоб мераванд.

Дар Тоҷикистон низ пас аз ба даст оавардани истиқлолияти давлатӣ новобаста аз гирифтор шудан ба бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ кор дар самти истифодаи ҳарчӣ самарноки донишҳои психологӣ дар мақомоти корҳои дохила пеш бурда мешуд. Лабораторияи психофизиологии Комиссияи марказии ҳарбӣ-тиббӣ ВКД шуруъ аз соли 1998 фаъолияти худро васеъ намуда, акнун довталабонро барои қабул ба кор дар мақомоти прокуратура ва Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ низ аз ташхиси психологӣ мегузарониданд. Шурӯъ аз соли 2007 бошад лаборатори хизматрасонии худро ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҷумҳурӣ низ ба роҳ монд.

Бо ташаббус ва пешниҳодҳои сардори лабаратории психофизиологӣ Ф.Б. Нағзибекова ва Фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2011, №01 дар назди лабаратория «Маркази ташхиси психологӣ» таъсис дода шуд. Маркази ташхиси психологӣ дорои дастурамал буда, ҳар як коршинос-психолог мувофиқи дастурамали мазкур ва ӯҳдадориҳои вазифавиаш фаъолияти меҳнатӣ мебарад.

Вазифаи асосии Маркази ташхиси психологии назди Комиссияи марказии ҳарбӣ-тиббиро, гузаронидани интихоби касбии тиббию психологии довталабон бо роҳи муайян намудани хусусиятҳои мушаххаси психологӣ ва психофизиологӣ, баҳогузорӣ намудан ба дараҷаи коршоямии озмудашаванда, муайян намудани аломатҳои дезадаптатсияи психикӣ ва шаклҳои ноаёни бемориҳои асабию рӯҳӣ ташкил медиҳад.

Одатан дар маркази мазкур аз ҷониби коршинос-психолог ду намуди ташхис гузаронида мешавад: психологӣ ва психофизиологӣ. Зимни ин, коршиносон вазифадоранд, ки принсипҳои асосии ташхиси психологӣ, меъёрҳои ахлоқиро донанду онро риоя намоянд. Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти кормандони лабораторияи психофизиологӣ ҳанӯз соли 2010 «Низомнома оид ба тартиби гузаронидани интихоби касбии тиббию психологии шаҳрвандон барои хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ, муассисаҳои таълимӣ ва қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилииҶумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Феълан дар маказ психологҳои касбӣ ба кор ҷалб карда шудаанд ва донишҳои психологӣ барои боз ҳам самаранок гардонидани фаъолияти мақомоти корҳои дохила ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дар маркази ташхиси психологӣ барои муайян кардани тамоюли касбӣ ва дараҷаи коршоямии довталабон аз усулҳои зерин истифода мебаранд:

- Тести Миннисотнии бисёромилаи тадқикқ шахсият (MMPI);
- тестҳо барои муайяннамоии қобилиятҳои ақлӣ (тести Равен, ТИК);
- тести рангаи Люшер;
- сӯҳбати клиникӣ бо довталаб аз рӯи натиҷаҳои аз тест бадастомада;
- методикаҳои иловагӣ (дар ҳолати зарурат).

Истифодаи донишҳои психологӣ дар мақомоти корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман таърихи 38 соларо дошта бошад ҳам, истифодаи ин донишҳо дар шакли донишҳои ҳаётии психологӣ аз умқи таърих сарчашма мегиранд. Дар ин муддат корҳои зиёде дар ин самт анҷом дода шуданд ва корҳои зиёди дигарро мебояд анҷом дод.

**ОБ ИСТОРИИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ В СИЛОВЫХ СТРУКТУРАХ**

В статье рассматривается и анализируется история использования психологических знаний в силовых структурах в рамках обыденных психологических и научных знаний. А также рассматривается история использования психологических тестов в разных периодах, цель и сфера их использования.

**ISTORY OF USE PSYCHOLOGICAL KNOWLEDGE IN THE POWER STRUCTURES**

The article discusses and analyzes the history of the use of psychological knowledge in the power structures within the mundane psychological and scientific knowledge. And also discusses the history of the use of psychological tests in different periods, purpose and scope of their use.

# АҚИДАҲОИ ВАТАНДУСТӢ ВА ПАНДУ АХЛОҚӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ



**Сафарова С.Д.***

*Абулқосим* Фирдавсӣ аз ҷумлаи бузургтарин суханварони дунёст. *Ӯ бо таълифи* «Шоҳнома» дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун ҳамосасарои беназир шӯҳрат ёфтааст.

Мазмуну мундариҷаи «Шоҳнома» аз масоили сулҳ, инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, адлу инсоф, илмомӯзӣ ва ғайра иборат аст.

«Шоҳнома» хазинаи бепоёни андарзу ҳикмат аст, ки дар пеши назари хонанда аз таҷрибаи қофии марди рӯзгордида, аз донишу маҳорати ӯ, аз ҷустуҷӯйҳову омӯзишҳои адиб башорат дода, дастуру роҳнамои муҳим дар тарбияи ҳаматарафаи ҷавонон ба шумор меравад.

Фирдавсӣ бо навиштани достонҳои «Шоҳнома» халқро ба ваҳдату якпорчагӣ, муҳофизати марзу бум аз душманон даъват мекунад. Вай ҳамчун инсонпарвари бузург ҷанг, зулму истибдод ва куштору хунрезиро маҳкум мекунад.

Дар маркази достонҳои паҳлавонӣ Рустами ҷасур меистад, силсилаи ривоятҳо дар бораи ӯ аз қиссаи падараш Зол ва бобояш Сом шурӯъ мешавад. Ҳудудҳои шоҳигарии худро гашта, Зол ба Кобул мерасад ва ба Рӯдоба духтари ҳокими Кобул Меҳроб, ки аз авлоди Заҳҳок буд ошиқ мешавад. Аз никоҳи онҳо паҳлавон Рустам таваллуд мешавад. Фоҷиаи қисмати Рустами паҳлавон аз аввал ҳамин буд, ки хуни вай ҳам ба авлоди Ҷамшеди некхоҳ ва ҳам ба авлоди кушандаи вай шоҳи аждаҳо Заҳҳок таалуқ дошт. Рустам дар назари хонанда аз ҳама инсони некхоҳтарин ва паҳлавонтарини Эрон таҷассум ёфтааст. Вале ӯро ҳамеша қувваи бадӣ дунболгирӣ намуда, ба писаркуш ва кушандаи шоҳзодаи дӯстдоштааш табдил медиҳад. Ниҳоят дар охир ӯ аз тири бародари худ кушта мешавад.

Корнамаҳои Рустам дар аснои ҳукмронии се тан подшоҳони Каёнӣ, Қайқубод, Кайковус ва Кайхусрав тасвир ёфтааст. Ниҳоят сулҳи муваққатӣ, ки дар миёни эрониёну туроониён бунёд шуда буд, гусаста мешавад ва мубориза аз нав оғоз гардида, асрҳо идома меёбад.

Яке аз фазилатҳои ахлоқии хирадмандӣ – Ватандӯстӣ аст. Ватандӯстӣ ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ аз дӯст доштани зодгоҳ, волидайн, хоҳару бародар, эҳтироми хешовандону ҳамсояҳо, забон, урфу одат, расму оин ва анъанаҳои мардуми диёр сар мешавад. Яъне Ватандӯстӣ ва муҳофизати Ватан чун фазилати шахси хирадманд қарзи виҷдон аст. Ба ақидаи Фирдавсӣ Модару Ватан барои инсон муқаддастарин ва ноёбтарин неъмату сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Барои ҳамин дар

*Сафарова С.Д. – н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳҳии философияи ДМТ.

«Шоҳнома» мавзӯи Ватандӯстӣ дар ҷои аввал қарор дошта, аз оғоз то анҷоми он саршор аз идеяҳои Ватанпарастию инсонпарварӣ мебошад.

Рустам симои шахсияти инсони хирадманду комиле мебошад, ки дорои хусусиятҳои ахлоқии паҳлавонӣ, ҷасурию нотарсӣ, ҷавонмардиву накӯкорӣ, пуштибонии дарвешону кишоварзон, ятимону бенавоён аст.

Азбаски қаҳрамонони офаридаи Фирдавсӣ шахсиятҳои хирадманд ва тарбияёфтаю таълимдида мебошанд, онҳо Ватан ва хоки муқаддаси хешро аз ҳар гуна хавфу хатар ва ҳуҷуми аҷнабиён эмин нигоҳ дошта,ҷонбозӣ мекунанд. Рустам аз қабили чунин шахсиятҳои хирадманду тарбиятдида ва ватандӯст аст, ки барои марзу буми хеш ҳамеша ба ҷонбозӣ тайёр аст.

Чунончӣ, дар достони «Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс» бо мақсади ғоратгарона ба Ватани Рустам ҳуҷум кардани Ашкбӯс тасвир ёфтааст. Вай мағрур буда, худро мағлубнопазир мепиндошт:

Далере, ки буд номи ӯ Ашкбӯс.
Ҳаме бархурӯшид ба сони кӯе.
Биёмад, ки ҷӯяд аз Эрон набард,
Сари ҳамнабард андарорад ба гард.

Фирдавсӣ нотарсию далериро низ мафҳумҳои муҳими Ватандӯстӣ дониста, таълим медиҳад, ки ватанпарасти ҳақиқӣ дар лаҳзаҳои душвор ба ҳимояи халқу Ватан бармехезад. Мақсади ҳуҷум овардани Ашкбӯс ба Эрон ғулом гардонидани халқи вай буд. Лекин дар ин асно эътирози халқ баланд гардида, аз байни онҳо Рустам барин диловари нотарс барои ҳимояи халқу меҳан бо Ашкбӯс якка ба якка ҳамнабард мегардад:

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Ба банди камар-бар бизад тир чанд.

Яке тир дар даст ранг обнӯс,
Хиромиду омад бари Ашкбӯс.
Хурӯшид « Эй марди ҷангозмой,
Ҳам овардат омад, марав 1ҷой».

Рустам, ки рӯҳану ҷисман тарбияи хуб гирифта буд ва марди хирад буд, бар зидди Ашкбӯс мардонагӣ ва шуҷоат нишон медиҳад. Меҳри Ватану Модар, аҳлу аёл, хешу табор ва ҳамватанони ӯро нисбати душманон дучанд мекунад. Ашкбӯс, ки дар достон симои бехирадию кӯтоҳақлӣ тасвир гардиааст, нисбати Рустам нописандӣ мекунад:

Бад ӯ гуфт хандон, ки « Номи ту чист?
Тани бесаратро кӣ хоҳад гирист?».

Вале Рустам, ки аз тарафи Фирдавсӣ шахсияти ҷисман тавоно тасвир гардидааст, на танҳо дар қувваю зӯри бозу, балки дар баҳс ҳам бо сеҳри сухан душманро мағлуб мекунад. Яъне сухан ва сеҳри он низ воситаи мубориза алайҳи душманон дар дасти Ватандӯстӣ ҳақиқӣ мебошад:

Таҳамтан бад- ӯ гуфт, к- «Эй шумтан,
Чӣ пурсӣ ту номам дар ин анҷуман?
Маро номи ман ном марги ту кард,
Замона маро путки тарги ту кард».

Рустам ҳамчун паҳлавони хирадманд на танҳо бо зӯри бозу, балки бо хираду сухандонии худ низ бар душман ҳамеша ғолиб мебарояд. Чунончи:

Сари найзаву номи ман марги туст,
Кафан бегумон ҷавшану тарги туст.

Мутафаккир ватандӯстро ҳамчун сифати олии хирадмандӣ ва ахлоқӣ тарғиб намуда Рустамро дорои ҳамин сифатҳо тасвир намудааст. Дар тасвири Фирдавсӣ модар ӯро маҳз барои ҳифзи Ватан ва марзу буми он, барои мағлуб гардонидани душманон зодааст. Рустам на танҳо ҷисман пурзӯр, балки зираку доно ва суханвари оташин аст.

Номи маро модарам «Марги душман» мондааст - мегӯяд дар ҷавоби ҳарифаш, бо ҳамин суханони нешдор ҳарифашро дар баҳс мағлуб мекунад.

Шахси ватанпараст на танҳо далеру тавоно, пурқувват, балки бояд дорои хислатҳои ахлоқии оқилона, нексиришт, фурӯтан, ҳақиқатҷую росткору ростгӯ бошад. Аз ин рӯ, хислат, рафтору кирдор ва дигар хусусиятҳои ахлоқии Рустам қобили қабул ва дастгирии ҳар як ватанпарасти имрӯза мебошад.

Дар достони Ҷанги Рустам бо деви Сафед» Фирдавсӣ масъалаи ахлоқи бади шоҳону давлатдорони гузаштаро аз қабили ҳисси чизпарастӣ, кибру ғурур, зулму ситами зердастон, ноӯҳдабарои, бехирадию кӯтоҳандешии онҳоро нишон дода, баръакси онҳо мардонагию шуҷоат ва паҳлавонии халқи заҳматкашро дар ҳифзи марзу буми Ватани худ ситоиш мекунад. Мақсади асосии шоир тарбияи наврасону ҷавон ва тамоми мардум дар рӯҳияи ватандӯстӣ мебошад.

Дар «Шоҳнома» Кайковус чун шоҳи мағрур, худписанду худситой тасвир гардидааст, ки пас аз марги падараш Кайқубод ба тахти подшоҳи мешинад. Ӯ худашро аз ҳамаи шоҳони гузашта ва замонаш боло ва пуриқтидор мешуморад:

Маро зебад андар ҷаҳон бартарӣ,
Наёрад зи ман ҷуз кас доварӣ.

Натиҷаи ҳамин ҳавобаландӣ ва кибру ғурур буд, ки ба шаҳри Мозандарон расидан замон бо тамоми лашкараш асири деви Сафед мегардад. Вай ба номи Золу Рустам нома навишта имдод металабад. Дере нагузашта Рустам расида меояд ва дар ҷанги тан ба тан бар сакардагони девҳо ғолиб баромада, Кайковус ва лашкари ӯро аз банд раҳо мекунад.

Ҳамин тавр, Рустам бо корнамоиҳо ва қаҳрамонии хеш мамлакати девҳоро дар Эронзамин мӯтеъ мегардонад:

Чу Ковус нишаст бари тахт боз,
Чунин гуфт ба Рустами сарфароз,
Ки, «Эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,
Ба мардӣ намудӣ ба ҳар ҷо ҳунар.
Зи ту ёфтам манн кунун тахти хеш,
Ба ту бод равшан дилу дину кеш».

Фирдавсӣ чун шахсияти тавоно ва инсонпарвари бузург мардумро дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ тарбия намуда, ҷангҷӯёнро сахт маҳкум мекунад ва натиҷаҳои харобиовари онро хотиррасон мекунад:

Басе бе падар гашта бинӣ писар,
Басе бе писар гашта бинӣ падар.

Шоир дар чунин ақида аст, ки ба ҷавонон аз хурдсоли дарси далерию матонат, одамгарӣ ва ватандӯстӣ омӯхтан лозим аст. Барои ҳамин дар тасвири Фирдавсӣ Рустам Сиёвушро аз давраи ширхорагиаш ба тарбияи худ гирифта, ба ӯ ақлу дониш ва ҳунари диловарию ҷавонмардӣ меомӯзонад.

Баъди дарси далерию мардонагӣ омӯзонидани Рустам Сиёвушро ба монанди аспсаворию тирандозӣ, шикору набард, идора кардани қушун дар ҳарб, сухандонию фарҳанг ва дар ин вақт вай ҷавони баркамол гашта, ба воя расида, ба ҳаёти мустақил омода мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Фирдавсӣ на танҳо тарбияи ҷисмонӣ, балки тарбияи фикриро ҳам муҳим шуморида онҳоро бо ҳам алоқаманд медонад.

Фирдавсӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон нақши оила ва падару модарро асосӣ мешуморад. Яъне тарбияи ватандӯстии фарзандонро вазифаи волидайн мешуморад, зеро оила ҳамчун ҷузъи хурдтарини ҷамъияти инсонӣ буда, дар тарбияи фарзандон нақши асосӣ мебозад. Дар оила анъанаҳо ва урфу одатҳо устувор гашта, меъёрҳои ахлоқии одамон муайян мегарданд.

Дигар ин, ки ҳимояи Ватан ва марзу буми онро Фирдавсӣ қарзи фарзандии ҳар як шахси солимфикр медонад. Вай дар ҳимояи Ватан ягонагӣ, ваҳдат ва муттаҳидии мардумро шарти асосии ғалаба ҳисоб мекунад:

Зи бахри бару бими фарзанди хеш,

Ҳамон аз пайи ганҷу пайванди хеш.
Бибандед ба якдигар домано,
Намонед бадхоҳ пиромано.

Дар ҷанг ҷонро дареғ доштан лозим нест, агар ҷавони ҷанговар дар майдони ҷанг тарсу ҳарос дошта, тарсончак бошад ҳеҷ гоҳ зафар нахоҳад ёфт. Далерию нотарсӣ ва ҷон дареғ надоштани ҷавонмардро дар ҷанг Фирдавсӣ яке аз ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ ва ҳимояи он мешуморад:

В- агар борад аз меғ пулодтеғ,
Нашояд, ки дорем ҷонро дареғ.

Ин даъватҳо асрҳо барои мардуми мо ба сифати шиори ватандӯстию мардонагӣ хидмат кардаанд ва ҳар бор, ки ба сари кишвар хавфе меомад. Ин даъватҳои ҷанговарона дар дили онҳо оташи ҳисси хашму ғазаб, нафрат, интиқом, далерию бебокиро нисбат ба душман аланга дода, бедор мекард.

Ба қавли ҳаким Фирдавсӣ шарти дигари зафар ёфтан бар душманон дар ҷанг далерӣ, ҳушёрӣ, ҳунармандӣ ва оқилӣ мебошад:

Ҳунар – худ далерист бар ҷойгоҳ,
Ки ба дил набошад сазовори ҷоҳ.
Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,
Диловар сазои сутудан бувад.

Шоир сарбозонро, ки алайҳи душман меҷанганд, ба ҳайси ватанпарастони ҳақиқӣ эътироф менамояд ва ба фарзандони хурдсоли онҳо ёрии моддӣ расонданро қарзи виҷдони ҳар як шахси ватанпараст медонад:

Ҳар он кас, ки шуд кушта дар корзор,
В – аз ӯ хурд кӯдак бувад ёдгор.
Чу номаш зи дафтар бихонад дабир,
Дирам пеши кӯдак бувад ногузир.

Хусусияти муҳими мавзӯи ватандӯстии «Шоҳнома» аз он иборат аст, ки дар он Фирдавсӣ ҷангу ҷангҷӯёнро мазаммат намуда, онҳоро ба сулҳу оштӣ даъват намудааст:

Касе нест бе озу бе ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.

Вай зиндагии инсонро дар ҷаҳон муваққатӣ медонад ва таълим медиҳад, ки дар зиндагӣ бояд инсон роҳи ақлу хирадро пеша кунад, кӯшиш намояд, то сулҳу дӯстӣ пойдор бошад, зеро ки «Гетӣ намонад ҳаме бар касе».

Мутафаккир сулҳпарвариро яке аз сифатҳои ахлоқии шахсият, яъне марди хирадманд медонад. Ба ақидаи вай ҳама сабабҳо ва паҳлӯҳои адоватро насанҷида, зуд озимӣ размгоҳ шудан, кин парваридану табли ҷангро задан аз сифатҳои хирадмандӣ нест:

Касе, ки оштӣ ҷӯяду суру базм,
На некӯ бувад тез рафтан ба разм.

Масъалаи сулҳу оштӣ ҳеҷ як шахсро бетараф намегузорад, чунки ҷангу бадӣ роҳи эзидӣ нест, балки ҷои ғаму дарду ранҷ аст. Роҳи эзидӣ ба қавли шоир роҳи ҳақиқат ва донишомӯзӣ аст:

Маро сер шуд дил зи ҷангу бадӣ,
Ҳама ҷуст хоҳам раҳи эзидӣ.
Кунун донишу дод боз оварем,
Ба ҷои ғаму ранҷ ноз оварем.

Фирдавсӣ инсонҳоро даъват мекунад, ки халқи худ, ҷамъият, мамлакатро ба одамони бад насупоранд ва дар зиндагӣ ҳамеша ростгӯй, мардумнавозу накӯкор бошанд.

*Ҷаҳонро набояд супурдан ба бад,*
*Ки бадкешро бегумон пойдор бад*
*Набошад ҳама неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

Ба ақидаи мутафаккир дар тарбияи шахси хирадманд кӯшишу ғайрат, шуҷоат, интизом, виҷдон, шараф, номус, садоқат, муҳаббат,

ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва дигар сифатҳои ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар асари хеш оиди қиссаи «Подшоҳии Хусрави Нӯшинравон», ки чилу ҳашт сол сардори давлат буд, панду ҳикматҳои ахлоқиро шарҳ додаст.

Дар ин ҷо мутафаккир афкори ахлоқӣ ва мӯҳтавиёти пандномаҳои собиқи эронзаминро ҷамъбаст намуда. Мағзи тарбиявии асарашро дар ҳафт базми Нӯшинравон бо иштироки Бузургмеҳр ва мӯбадон, инчунин дар фаслҳои «Андарз кардани Нӯшинравон сардорони Эронро», «Панд додани Бузӯргмеҳр Нӯшинравонро», «Панд додани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро», «Пурсиши мӯбадон аз Ҳурмузд ва посух додани он» ҷамъбаст намудаст, ки онҳо дар замони ҳозира аҳамияти бузӯрги таълимию тарбиявӣ доранд.

Фирдавсӣ ифтихорманд аст, ки аз нажоди Нӯшинравони одил буда, насиҳатшунаву пандназири бузургони гузаштаи Ватани хеш буд.

Шоир таълим медиҳад, ки агар инсон дониши мукаммал надошта бошад, чун қувваи бадӣ, торикӣ, дуруғгӯӣ, носипосӣ, кинаю рашк намуда, ба халқу Ватан некӣ карда наметавонад ва ҳамчун қувваи аҳриманӣ доимо бо корҳои бадӣ равона мешавад.

Дар афкори мутафаккири бузӯрг масъалаи дар ҷавонон тарбия намудани идеяҳои олии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, мавқеи калонро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ ҳар як шахси ватандӯст бояд ватанро муқаддас донад ва барои ҳифзи он ҷони худро дареғ надорад, чунки шодии инсон дар озодии ватан аст.

Дар ҷанге, ки барои ҳифзи ватан аст, қурбон шудан, аз ватани хешро ба дасти душманон додан ҳазорон бор авлотар аст:

Нигаҳ кун бад – ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Ҳамин тавр Фирдавсӣ ҳифзи ватанро вазифаи ҳамаи мардумон ва ҳамбастагиву ягонагии халқҳоро яке аз шартҳои таъмини пирӯзӣ бар душманон ҳисоб карда, бо номи баланд мурданро аз бо тарсу ҳарос ҳаёт ба сар бурдан, авлотар медонад.

«Шоҳнома» - и Фирдавсӣ дар рушду нумӯи фалсафа, адабиёт, санъат, маориф мавқеи муҳим мебозад. Дар ҳар як оилаи фарҳангдӯст ин китобро дӯст медоранд ва гаштаю баргашта мехонанд, ғояҳои онро дар тарбияи наврасон ва ҷавонон истифода мебаранд. Чунки «Шоҳнома» пеш аз ҳама асари тарбиявист.

Аз «Шоҳнома» - и безаволи Фирдавсӣ ва аз хазинаи бои ахлоқию маънавии он бояд дар ҷараёни таълиму тарбияи ҷавонон ба таври васеъ истифода барем ва кӯшиш намоем, ки савияи донишомӯзӣ, ҳунару зебоишиносии хонандагону донишҷӯёнро боло бардорем, ба онҳо оиди худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ифтихори миллӣ, меҳнатдӯстӣ, адолат ва покию ростиро биомӯзонем.

Корнамоиҳои қаҳрамонони ин шоҳасар нишон медиҳанд, ки онҳо барои ҳифзи Ватан корнамоиҳои беҳамто нишон додаанд. Барои ҳамин хондан, омӯхтан ва тадқиқу татбиқи ақидаҳои ватанпарастӣ ва панду ахлоқии Ҳаким Фирдавсӣ дар замони имрӯза ҳам аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад.

Дар бораи аҳамияти тарбиявии «Шоҳнома» худи халқ беҳуда нагуфтааст:

Ҳар он кас, ки «Шоҳнома» - хонӣ кунад,
Агар зан бувад паҳлавонӣ кунад.

**ПАТРИОТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ И НРАВСТВЕННЫЕ НАСТАВЛЕНИЕ В «ШАХНАМЕ» ФИРДАВСИ**

Фирдавси является выдающимся пропагандистом идей гуманизма и патриотизма. В центре его внимания находится человек и его разум.

Мыслитель считает, что каждый человек, который является патриотом своей Родины должен иметь чувство любви и преданность своему отечеству, готовность к его защите от врагов, самоотверженность и самопожертвование в бою ради достижения общей победы и мужество в период, когда решается судьба независимости страны.

«Шахname» Фирдавси можно считать гимном оптимизма, веры в тождества мудрости, знания и счастья.

***Ключевые слова:*** патриотизм,воспитание, гуманизм, независимость, добродетель, мужество.

## PATRIOTIC VEWS FND MORAL OPINIONS IN "SHAHNAME" BY FIRDOUSI

Firdausi is a well known propagandist of Humanism and patriotism ideas. The human being and his mind is in the centre of his attention.

The writer considers that everyone who is the patriot of his hometown must have the feeling of love and devotion to his motherland, always ready to defend it from enemies, self sacrificing in the war in order to achieve the victory and brave in the period, when the fortune of the independent country is solved.

Firdausi `s "Shah name" can be considered as the anthem of optimism, faith in the triumph of wisdom, knowledge and happiness.

***Key words:*** patriotism, education, humanism, independence, goodness, bravery.

.

# БОЗТОБИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМИ НУҶУМ ДАР ШЕЪРИ ХОҚОНӢ



**Шарипов Б.***

Аз нимаи дуюми садаи XI ба баъд шеъри форсию тоҷикӣ аз нигоҳи мундариҷа ва лафз ба тадриҷ таҳаввул ёфта дар асри дувоздаҳум ба қуллаи баланди ташаккул расид. Яке аз вижагиҳои адабиёт дар ин давра ворид гардидани истилоҳоти гуногуни илм дар шеър, хоса дар жанри қасида мебошад. Аксарияти шоирони ин марҳила, ки афроди огоҳ аз улуму ҳунарҳои рӯзгори худ буданд, ҳангоми эҷод аз истилоҳу мафҳумҳои илмҳои замона дар ашъорашон ба таври зиёд истифода бурдаанд. Дар миёни осори ҳамаи суханварони асримиёнагӣ девони Хоқонӣ аз лиҳози фарогирии маълумоту донишҳои гуногун болотар меистад. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ М.Маъданкан «Биниши васеъ ва ҳамаҷонибаву қариҳаи халлоқу зеҳни нуктаёб, андешаи тавонову забони расои ӯ девонашро ба доиратулмаорифе муътабар дар заминаи масоили иҷтимоиву фарҳангии рӯзгори худ мубаддал сохтааст»[1]. Ва ҷои дигар муҳаққиқи мазкур суханони устоди зиндаёдаш Ҳасан Қозии Таботабоиро ба ёд оварда менависад, ки «Барои шарҳи комили девони Хоқонӣ лозим аст иддае мунаҷҷиму табиб, мусиқидону риёзидон ва олими дин… гирди ҳам ҷамъ шаванд»[2].

Ин хусусияти шеъри Хоқониро ҳамаи муҳаққиқон зикр кардаанд аз ҷумла Шиблии Нӯъмонӣ пас аз зикри мушахассоти ашъори шоир менависад, ки «Муқаддам бар ҳама ин аст, ки аз улум ва фununи мухталиф ба касрати истилоҳот ва талмеҳот ишорот меоварад, ки агар хонанда бар улум ва фунун воқиф набошад наметавонад ашъори ӯро дуруст бифаҳмад. Ва аз он таври шоиста истифода намояд. Хоқонӣ дар улуми мутадовила маҳорате басазо дошта, тамоми истилоҳоти илмӣ ва киноёт ҳамеша дар димоғаш маркуз ва ҳозир будааст ва лизо ҳар вақт чизе мегуфта, ин алфоз ва истилоҳот аз забонаш безаҳмат ва бидуни тасаннуъ хориҷ мешудааст»[3].

Шарқшиноси маъруф М.Н. Османов ҳам дар муқаддимае, ки ба нашри охирини русии девони Хоқонӣ навиштааст, ӯро аз бузургтарин шоирони Шарқ муаррифӣ карда, меафзояд, ки «Он поэт не для тех кто лишь в какой-то мере обладает грамотностью, он поэт для очень образованных людей»[4].

*Шарифов Боймурод – н.и.ф дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики факултаи филологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

[1] Соғаре дар миёни сангистон: Маҷмӯаи мақолот дар бораи зиндагӣ, андеша ва шеъри Хоқонӣ (Ба эҳтимоми Ҷамшед Ализода).- Теҳрон: Нашри марказ, 1378, саҳ.245

[2] М.Н.Османов. Поэт трагической судьбы (Хакани. Дворцы Мадаина (пер. с фарси М.Синельникова).- М.: Наталис, 2004, стр. 36.

[3] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. / Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986, саҳ. 54-55

[4] Мунира Аҳмади Султонӣ. Қасидаи фаннӣ ва тасвирофарнии Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Кайҳон, 1370; Алӣ Ардалони Ҷавон. Таҷаллии шоиронаи асотир ва ривоёти таърихӣ ва мазҳабӣ дар ашъори Хоқонӣ.- Машҳад: Остони Қудси Разавӣ, 1368; Алӣ Ардалони Ҷавон. Тасвирҳои зебо дар ашъори Хоқонӣ.- Теҳрон: Позанг, 1374; Амир Маҳмуди Анвор. Айвони Мадоин аз дидгоҳи ду шоири номии

Тафаккури эҷодии суханварон дар ҳар марҳилаи муайяни таърихӣ вобаста ба талаботи эстетикии ҳамон замон сурат мегирад. Вобаста ба шароит ва муҳити адабӣ тафаккури эҷодӣ дар садаи дувоздаҳум бозтоби дигаре дорад. Шарту дархостҳое, ки барои шоир дар ин давра зарурат мешуд дар нисбати асрҳои қабл аз ҳар ҷиҳат гарон буд. Тафсили ин вазъро Низомии Арӯзӣ воқеона шарҳ додааст, аз ҷумла мегӯяд: «Шоир бояд ки… дар анвоъи улум мутаннавъ бошад ва дар атрофи русум мустатраф, зеро чуноне ки шеър дар ҳар илме ба кор ҳамешавад, ҳар илме дар шеър ба кор ҳамешавад»[1].

тозӣ ва порсӣ Бухтурӣ ва Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1373; Зиёуддини Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи аълом ва мушкилоти девони Хоқонии Шарвонӣ Афзалиддин Бадил ибни Наҷор.- Теҳрон: Заввор, 1373; Маҷиди Сармадӣ. Шарҳи калидии понздаҳ қасида аз девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Китоби Садро, 1373; Соғаре дар миёни сангистон: Маҷмӯаи мақолот дар бораи зиндагӣ, андеша ва шеъри Хоқонӣ (Ба эҳтимоми Ҷамшед Ализода).- Теҳрон: Нашри марказ, 1378; Алиқулӣ Маҳмуди Бахтиёрӣ. Хоқонӣ дар Айвони Мадоин ва гузиниши эронӣ аз девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Китобсаро, 1375; Маъсумаи Маъданкан. Бисоти қаландар: Баргузида ва шарҳи ғазалҳои Хоқонӣ.- Табрез: Ойдин, 1384; Маъсумаи Маъданкан. Нигоҳе ба дунёи Хоқонӣ. Дар 3 ҷилд.- Теҳрон: маркази нашри донишгоҳӣ, 1375; Минорский Владимир Фёдрович. Шарҳи қасидаи тарсоияи Хоқонӣ. Тарҷумаи Абдулҳусайни Зарринкӯб.- Теҳрон: Суруш, 1348; Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ: Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае пурдомана дар зиндагӣ ва шеваи шоирии ӯ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1368; Мирҷалолиддини Каззозӣ. Сарочаи овову ранг: Хоқонишиносӣ.- Теҳрон: Самт, 1376; Мирҷалолиддини Каззозӣ. Сӯзани Исо: Гузориши чомаи тарсоия аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ.- Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 1376; Мирҷалолиддини Каззозӣ. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1378; Аббоси Моҳёр. Сеҳри баёни Хоқонӣ.- Теҳрон: Интишороти Ҷоми гул, 1385; Аббоси Моҳёр. Хорхорбанду зиндон: Шарҳи қасидаи маъруф ба тарсоия.- Теҳрон: Қатра, 1376;

[1] Зиёуддини Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи аълом ва мушкилоти девони Хоқонии Шарвонӣ Афзалиддин Бадил ибни Наҷор. Дар ду ҷилд.- Теҳрон: Заввор, 1373

Сифатҳои мазкур, албатта, на барои ҳамаи анвоъи осори Хоқонӣ рост меояд, зеро ғазалиёту рубоиёт ва қитъаҳои шоир аз нигоҳи баён нисбат ба қасоидаш хеле содаву равон сурат гирифтаанд. Азбаски Хоқонӣ дар таърихи адабиёти ҳазорсолаи мо чун устоди қасида шуҳрат дорад, қудратнамоиҳои ҳунариашро ҳам дар ҳамин жанр инъикос кардааст ва суханшиносон ҳам душворбаёнию печидагӣ ва ибҳомотро бештар дар қасидаҳояш ҷустуҷӯ кардаанд.

Воқеан, барои маърифат кардани шеъри Хоқонӣ хонандаро дониши фарох ва гуногунсоҳа лозим меояд, то ин ки ба умқи ифодаҳои илмии шоир дар қасидаҳояш роҳ ёбад. Шеъри ӯ дар як маврид ҳам шеър аст ва ҳам илм, вале дар ниҳояти масъала илм дар хизмати шеър қарор гирифтааст. Ба андешаи мо ворид кардани ҳама ин мушкилиҳо дар шеър ғояти такаллуфу худнамоӣ нест, балки ин мушкилиҳо маърифатест, ки шоир аз илмҳои замона ҳосил кардааст, ки ҳангоми эҷод новобаста ба хости шоир ба дарёи шеъраш мечакад. Ва барои маърифату писанди шеъри шоире чун Хоқонӣ завқу салиқаи махсуси сухансанҷӣ лозим аст.

Тайи бист соли охир барои муаррифии комили девони Хоқонӣ корҳои зиёдеро анҷом додаанд ва шарҳу тавзеҳоти бисёре нашр намудаанд, ки ин падида барои дарк кардани муҳтавои девони шоир хеле муфид аст[2].

Дар байни душворию мушкилоти девони шоир истилоҳоти нуҷумӣ чашмгиртар аст ва Хоқонӣ барои баён кардани матлабҳои гуногун ё дар мадҳ, ё дар марсия ва ё дар ҳабсияву фахрияҳояш аз ин истилоҳот ба таври фаровон истифода намудааст.

Имрӯз илми астрономия бо қонуниятҳои навину устувори худ хеле пеш рафтааст, аммо дар бораи илми

[2] Ҷалолиддини Каззозӣ. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1378

нуҷуми қадим мо кам маълумот дорем. Шореҳоне, ки дар девони Хоқонӣ шарҳ навиштаанд бисёр паҳлуҳои ин масъаларо ҳал кардаанд. Дар асарҳои Зиёуддини Саҷҷодӣ[1], Мирҷалолиддини Каззозӣ[2], Аббоси Моҳёр[3] ва мақолаҳои фаровони дигар муҳаққиқони эронӣ бисёри ин истилоҳотро шарҳ додаанд.

Дар гузашта аксарияти донишмандони исломию эронӣ ба ғайри иддае (масалан, Абурайҳони Берунӣ ва Абдулҷалил Саҷзии Матобӣ дар бораи мутаҳаррик будани замин дар осори худ овардаанд) [4], чунин мепиндоштаанд, ки замин дар маркази олам собит аст ва осмон курраи бисёр бузурге аст, ки ситорагон дар он қарор доранд ва ин курраи бисёр бузург бо ҳамаи ситорагонаш бар гирди ду қутби собити Шимолу Ҷануб мегардад. Аз ин рӯ онҳо осмонро маҷозан чарх ва гардун ҳам меномиданд. Акси ҳаракати ситорагон (аз Мағриб ба Машриқ) муҷиб шудааст, ки одамон оламро чун курраи бисёр бузург тасаввур кунанд.

Барои шоирони гузашта унсурҳои осмониву фалакӣ василаи сохтани тасвирҳои шигифтангез ва ихтироъи суратҳои хаёлии бисёр зебо шудааст ва ҳар суханвар дар корбасти ин истилоҳот аз сатҳи маҳорати худ баҳра бурдааст. Хоқонӣ осмонро гоҳе аз дaричаи эътиқодоти динӣ ва замонӣ ва гоҳе дигар аз рӯи меъёрҳои фалсафӣ дидааст.

Осмон олами барину малакут аст, маҳали ваҳй аст ва дуоҳо он ҷо рафта, мустаҷоб мегарданд:

**Даъвати ошиқона мекардӣ,**
**Бахт дарҳои осмон бикшод**[5]**.**

Осмон барои бахту саодати инсон омин мекунад:

**Чун муборакбод гӯям рӯзи ӯро шак макун,**
**Осмон омин кунад вақти муборакбоди ман**[6]**.**

Тибқи баъзе бовариҳо осмон тӯдае сохташуда аз бухору духон аст:

**Эй мард, чист худ фалаку тӯлу арзи ӯ,**
**Дудест қубба баста муаллақ вари хок**[7]**.**

Тибқи баъзе аз ривоятҳои дигар осмон маҷмӯаест, ки гирди Каъба мегардад. Дар ин бораи Аббоси Моҳёр менависад: «Бар пояи эътиқодоти мутақаддимон замин маркази олам аст ва сокин ва осмонҳову афлок ба даври он мечарханд ва нахустин ҷое аз замин, ки худои таъоло халқ кард бино ба ривояте маҳалли Каъба аст. Пас Каъба нофи замин аст ва дар васати он қарор дорад ва осмонҳову афлок ба даври он мегарданд»[8].

**Каъба, ки қутби ҳудост муътакаф аст аз сукун,**
**Худ набувад ҳеҷ қутб мунқалиб аз изтироб**[9]**.**

Дар баъзе мавридҳои дигар Хоқонӣ мисли донишмандони риёзидону мунаҷҷимони қадим ба осмон назар андохта, онро маҷмӯае медонад, ки ба даври замин мегардад:

**Назора мекунам вайҳак, дар ин ҳангомаи тифлон,**
**Ки мушкин муҳра осудасту нилӣ ҳуққа гардонаш**[10]**.**

---

[1] Аббоси Моҳёр. Шарҳи мушкилоти Хоқонӣ.Дафтари якум. Сарӣ то Сурайё.- Карач: Ҷоми гул, 1382, Аббоси Моҳёр. Хорхорбанду зиндон: Шарҳи қасидаи маъруф ба тарсоия.- Теҳрон: Қатра, 1376

[2] Аббоси Моҳёр. Шарҳи мушкилоти Хоқонӣ.Дафтари якум, саҳ. 8

[3] Хоқонии Шарвонӣ. Девон. Бо кӯшиши дуктур Зиёуддини Саҷҷодӣ.- Теҳрон, 1368, саҳ. 76 (Минбаъд Девони Хоқонӣ)

[4] Девони Хоқонӣ, саҳ.527

[5] Девони Хоқонӣ, саҳ.238

[6] Аббоси Моҳёр. Шарҳи мушкилоти Хоқонӣ.Дафтари якум, саҳ. 9

[7] Девони Хоқонӣ, саҳ.41

[8] Девони Хоқонӣ, саҳ.210

[9] Шайх Муҳаммад Лоҳиҷӣ. Мафотиҳ-ул-эъҷоз фӣ шарҳи «Гулшани роз», бо муқаддимаи Кайвони Самиӣ, интишороти Маҳмудӣ, саҳ.174

[10] Девони Хоқонӣ, саҳ.913

Дар тасвирҳои Хоқонӣ афлок бо қабатҳояш низ ба таври густурда таҷассум ёфтааст.

Аз рӯи мулоҳизоти Абурайҳони Берунӣ афлок ҳашт фалак будаанд ва онҳоро карроте бар якдигар печида ҳамчун лояҳои пиёз медонистааст ва илова карда гуфтааст, ки гурӯҳе болои фалаки ҳаштум фалаке дигар тасаввур кардаанд, вале худ вуҷуди ин фалакро напазируфтааст. Аммо донишмандоне, ки фалакро нуҳгона мепиндоштаанд, низ кам набудаанд. «Ин донишмандон аз фалаке бо номи фалаки аъзам ё фалакулафлок, ё фалаки атлас, фалакулмуҳит, фалакулмустақим ёд кардаанд, ки бо ҳаракате зотӣ фалакҳои ҳаштгонаро аз Машриқ ба Мағриб ба ҳаракат дармеовард. Қудамо ин ҳаракати афлоки ҳаштгонаро ҳаракати арзӣ мегуфтанд ва муътакид буданд, ки афлоки ҳаштгона ҳаракате даввории зотӣ аз Мағриб ба Машриқ доранд».[1]

Хоқонӣ дар баъзе маворид ба тариқи киноӣ лафзи фалакро ба осмон ҳам итлоқ кардааст. Аммо афлок дар шеъри ӯ бо тамоми паҳлӯҳояш ҳам аз рӯи маълумоти китобӣ ва ҳам боовариҳо ба таври хеле густурда таҷаллӣ ёфтааст.

**Нест солам ду даҳ, вале ба сухан**
**Нуҳ фалак як ҷавон надид чу ман[2].**

Барои муболиғаҳои мамдӯҳони худ шоир аз нуҳ фалак таркиботи киноии зиёде сохтааст: «нуҳ айвон», «нуҳ падар», «нуҳ парда», «нуҳ чарх», «нуҳ чархи чанбарӣ», «нуҳ чархи мино», «нуҳ равоқи бостон», «нуҳ сипеҳр», «нуҳ шаҳри фалак», «нуҳ шаҳри миноӣ», «нуҳ саҳифа», «нуҳ қаср» ва ғайра.

**Бар сари ҳашт хулди маҷлиси ӯ,**
**Нуҳ фалак ҳашт ахтар афшондаст[3].**

Дар мавридҳои зиёде аз ҳафт фалак ҳам барои тасвирҳои мадҳии худ кор гирифтааст:

**Каъбаи ҷон садри туст, чор малаку чор рукн,**
**Рустами дин қадри туст, ҳафт фалак, ҳафт хон[4].**

Дар ин маврид ҳам шоир таркибҳои киноии фаровоне сохтааст: «ҳафт авроқ», «ҳафт айвон», «ҳафт айвони ахзар», «ҳафт бом», «ҳафт боми осиё», «ҳафт бунён», «ҳафт пардаи азрақ», «ҳафт тобхона», «ҳафт чатри обгун», «ҳафт хаймаи фирӯза», «ҳафт дахмаи хизро», «ҳафт руқъа», «ҳафт руқъаи адкан», «ҳафт руқъаи бостон», «ҳафт сипеҳр», «ҳафт торум», «ҳафт алафи хонаи фалак», «ҳафт қалъа», «ҳафт қалъаи мино», «ҳафт гардун» ва ғайра.

Шоир баъзан табақоти мухталифи осмону афлокро бо ададҳои тартибӣ ифода мекунад ва ниҳояти маҳорати суханварии худро ба маъраз мегузорад:

**3-имтиҳони табъи Марямзод бар чархи дуввум,**
**Тири Исонуткро дар харкамон овардаам[5].**

Дар байти мазкур, ки шоир аз сари фахр фазилатҳои суханварияшро таъкид сохтааст, таносуби сухан хеле қавӣ воқеъ шудааст:

1. Таносуб миёни Марям ва Исо
2. Чархи дуввум ҷойгоҳи фалаки Аторуд аст ва Аторуд фозилест сокини осмони дуввум ва ситораи шоирон аст.
3. Аторуд мазҳари гӯяндагӣ ва ва нависандагӣ аст ва шоир муддаӣ аст, ки бо ашъораш мазҳари нутқу баёнро мусаххари хеш кардааст.
4. Шоир даъво дорад, ки зодаи Марям мутаассир аз вуҷуди касе набуд, қасидаи ӯ ҳам таровиши табъи худододи ӯст ва аз шоирони дигар таъсир напазируфтааст.

---
[1] Девони Хоқонӣ, саҳ.82
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ.333
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ.258
[4] Аббоси Моҳёр. Шарҳи мушкилоти Хоқонӣ.Дафтари якум, саҳ.182
[5] Девони Хоқонӣ, саҳ.881

5. Сифати «Исонутқ» аз ифодаҳои ихтироъии Хоқонӣ аст, ки аз ин гуна таъбиру таркибот ӯ чандин ҳазор сохтааст. Нутқи Исо мазмуни Қуръонӣ аст. Дар ояи 30-и сураи «Марям» омадааст, ки ҳазрати Исо дар гаҳвора «Ано Абдуллоҳ» гуфт ва аз пайғамбаре худро дар оянда хабар дод ва муфассирон онро яке аз муъҷизоти ӯ баршумурдаанд. Матлаби шоир аз «тири Исонутқ» ситораи Аторуди муъҷизагар мебошад.

6. Дар харкамон овардан ишора ба вубол (аз рӯи ақидаи мунаҷҷимон номуборак ва наҳс будани вазъияти сайёраҳою ситораҳо)-и Аторуд дорад. Ба ақидаи мунаҷҷимон ҳар кавкабе дар маҳали вубол ба заъфу сустӣ мегарояд, ҳатто сайёраҳои саъд аз таъсири саъд бархурдор нестанд. Абӯрайҳони Берунӣ ҷойгоҳи вуболи сайёротро дар шарҳи зер таъин намудааст:

«Бурҷи Ҷаддӣ ҷойгоҳи вуболи Қамар аст. Бурҷи Далв ҷойгоҳи вуболи Шамс аст. Ду бурҷи Ҳут ва Қавс маҳали вуболи Аторуд аст. Ду бурҷи Ҳамал ва Ақраб маҳали вуболи Зухра аст. Ду бурҷи Савр ва Мизон маҳали вуболи Миррих аст. Ду бурҷи Ҷавзо ва Сунбула маҳали вуболи Муштарӣ аст. Ду бурҷи Саратон ва Асад маҳали вуболи Зуҳал»[1].

Ҳамин тавр, сайёрот дар маҳали вуболи худ хеле заифу сустанд ва шоир гуфтанӣ аст, ки бо шеъри ман Аторуд, ки мазҳари нависандагӣ, фозилӣ, некӯбаёнӣ, қаламе дар даст ва дафтаре дарбаргирандаи асрори ғайб дар канор, ки қисматкунандаи ризқи халқ тасаввур шудааст, худро заиф мешуморад.

Дар ҷои дигар бошад шоир Аторудро соҳиби шоирон гуфтааст:

**Маро агар ту надонӣ Аторудам донад,**
**Ки ман киям, зи сари килки ман чи кор ояд**[2]**.**

Дар тасаввури шоирони гузашта осмон боргоҳе дорад ва дар мамлакати осмон хуршед (шамс) султони яксавораи фалак аст, моҳ (қамар) пайк ва гоҳе ҳам вазири ин низом пиндошта шудааст. Сайёраи тир (Аторуд) масъули девони рисолат, ноҳид (Зуҳра) хунёгари дарбор аст ва баҳром (Миррих) маъмури лашкар аст, барҷис (Муштарӣ) соҳибдевони фасоҳат ва кайвон (Зуҳал) марзбони вилоят ва посбони дурдастҳост.

Хоқонӣ дар саропои ашъораш аз ҳамаи ин ҷурму сайёраҳо ба таври хеле фаровон истифода бурдааст, ки бо чунин густурдагӣ дар девони ягон шоири дигар ба мушоҳида намерасад.

Сайёраи Зуҳра дар боргоҳи осмон сокини фалаки сеюм ва хунёгари фалак аст ва бо навозандагиву овозхониву пойкӯбӣ, шеърхонӣ, боданӯшӣ дар шеъри Хоқонӣ ҷилвагар мешавад:

**Агар Ноҳид дар ишратгаҳи чарх,**
**Сарояд шеъри ман бар сози арған.**
**Бубахшад Муштарӣ дастору мусҳаф,**
**Диҳад Миррих ҳоле теғу ҷавшан**[3]**.**

Муштарӣ дар боргоҳи осмон сокини фалаки шашум ва қозиву муфтии боргоҳ аст. Бар китф тайласон (як навъи либос, ридо) дорад ва дар девон дастуру фатво медиҳад. Ӯро Хоқонӣ «муфтии кулли улум», «хоҷаи чарху нуҷум», «соҳиби садри замон», «зевари кавну макон» номидааст. Миррих бошад дар боргоҳи осмон сокини фалаки панҷум аст ва ба силаҳшӯриву ҷангу хунрезӣ машҳур аст. Ханҷар, найза, шамшер, гурз, ҷавшан, хафтон, камон аз ҷумлаи абзори ҷангиест, ки дар тасвирҳои Хоқонӣ ба Миррих нисбат дода шудаанд.

Маҳорати Ноҳид дар навозандагӣ то ҷоест, ки чун ба навозиш медароянд духтарони банотуннаъш (суратҳои фалакии шимолӣ) ба пойкӯбӣ медароянд Аз рӯи эътиқодоти мардум дар маҷмӯаи ҳафт кавкаб банотуннаъш духтарон бар дунболи наъш (тобут)-и модаранд ва

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ. 319
[2] Девони Хоқонӣ, саҳ.31
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ.378

бар ҷасади ӯ мегирянд, аммо нағмаи панҷаи Зуҳра он қадар шавқангез аст, ки мотамзадагонро ба рақсу шодӣ медарорад.

**Зуҳра ба ду захма аз сари наъш**
**Дар рақс кашад сехоҳаронро[1].**

Ва ҷои дигар Зуҳраро дар хизмати мамдӯҳ қарор медиҳад, ки тасхир шудааст ва тамоми аҷроми осмонро назди шоҳ нисор месозад:

**Зуҳра ғазалхон омада, дар зери дастон омада,**
**Чун зери дастон омада, бар шаҳ сураё рехта[2].**

Зуҳал (кайвон) сокини фалаки ҳафтум, яъне дуртарини афлок аст ва ҳамчун посбон шуҳрат дорад. Хоқонӣ дар як қасида, ки ба фитнтаи ғузон бахшидааст ва бо ин матлаъ сар мешавад:

**Он Мисри мамлакат, ки ту дидӣ хароб шуд,**
**В-он Нили макрамат, ки шунидӣ сароб шуд.**

ҷое Зуҳалро аз таъсири ин ҳодиса дар мотам тасвир кардааст:

**Дар турктози фитна зи акси хаёли хун,**
**Кайвон ба шакли ҳиндуи атласниқоб шуд[3].**

Дар ашъори Хоқонӣ ҳамчунин суратҳои фалакии шимолӣ бо сифатҳои гуногун корбаст шудаанд, ки шоир онҳоро вобаста ба мазмуну матлаб матраҳ кардааст. Ба қавли Мирҷалолиддини Каззозӣ “Шумораи пайкараҳои осмонӣ дар ахтаршиносии куҳан чилуҳашт будааст, ки бистуяк пайкараи он апохтарин (шимолӣ) ва понздаҳ пайкараи он нимрӯзин (ҷанубӣ) шумурда мешудааст. Дувоздаҳ пайкара низ хонаҳои хуршедро падид меовардааст”[4].

Ин бисту як пайкара иборатанд аз “Дуби асғар” ё хирси хурд, “Дуби акбар” ё хирси бузург, “Танйин” ё аждаҳо, “Қайқовас” ё мултаҳаб, “Ъавво” ё бонгкунанда, “Аклили шимолӣ”, “Саҳм” ё тир, “Уқоб” ё насри тойир ва ғайра.

Хоқонӣ дар як байт, ки дар он гузаштани моҳҳои фасли зимистон ва фаторасии баҳорро тасвир мекунад, менависад:

**Бо бисту як вушоқ зи Сақлоб турквор,**
**Бар роҳи Дай камин ба муфоҷо барафканад[5].**

Дар ин байт вожаи “вушоқ” ба маънои ғулом, ридак аст, “Сақлоб” номи сарзаминнест, ки дар “Ҳудуд-ул-олам” ба кишварҳои Булғор, Русия ва Рум нисбат дода шудааст, “дай” моҳи солшумории шамсӣ, ки ба моҳҳои декабру январи мелодӣ рост меояд, “муфоҷо” ба маънии ногаҳонӣ. Яъне маънии байт ин аст, ки офтоб бо ҳамроҳии бистуяк ғуломи ҷанговар сарморо ногоҳ аз миён бармедорад[6].

Аз суратҳои фалакӣ шоир дар мадҳияҳояш барои барҷаста кардани сифатҳои мамдӯҳ моҳирона баҳра мебарад. Меъёри асосии таъин намудани арзиши мадеҳаҳои пешин чигунагии муболиға мебошад.Яъне шоир дар тавсифи сифатҳои мамдӯҳ, аз қабили ҷавонмардиву саховат, далерию ғаюрӣ, ҳикмату хирадмандӣ, паҳлавонию ҷасурӣ, каромат, меҳрубонӣ ва ғайра бояд сифатҳоеро

[1] Девони Хоқонӣ, саҳ.156
[2] Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ: Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошной бо дебочае пурдомана дар зиндагӣ ва шеваи шоирии ӯ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1368, саҳ.395
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ.136
[4] Шарҳи ин байт ба таври муфассал дар «Рухсори субҳ»-и М.Каззозӣ омадааст, саҳ.394-396
[5] Абдуллоев А. Заҳири Форёбӣ (Замону ҳаёт ва эҷодиёти ӯ).- Душанбе: Дониш, 1974, сах 166.
[6] Анварӣ, Муҳаммад ибни Муҳаммад. Девони Анварӣ /Ба эҳтимоми Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ. Ҷилди Аввал- Теҳрон: Ширкати интишоироти илмӣ ва фарҳангӣ, 1376, саҳ.264

ташбеҳ кунад, ки ҳам муболиғаомез бошад ва ҳам мақбул, ба қавли дигар дурӯғи зебо. Масалан, вақте Заҳири Форёбӣ дар мадҳи Қизил Арслон (Нуҳ курсии фалак ниҳад андеша зери пой, То бӯса бар рикоби Қизил Арслон занад) [1] гуфт, мавриди таънаву накӯҳиши шоирони пасин қарор гирифт, аз он ҷумла Саъдӣ, ки гуфт:

**Чӣ ҳоҷат, ки нуҳ курсии осмон,**
**Ниҳӣ зери пои Қизил Арслон.**
**Магӯ пои иззат бар афлок неҳ,**
**Бигӯ рӯи ихлос бар хок беҳ.**

Ё вақте Анварӣ дар мадҳи мамдӯҳ муболиғаро аз ҳадди меъёр гузаронид:

**Зиҳӣ дасти ту бар сари офариниш,**
**Вуҷуди ту сари дафтари офариниш.**
**Қазо хутабҳо карда дар мулку миллат,**
**Ба номи ту бар минбари офариниш[2].**

боиси таъни сухансанҷон шуд ва Шамси Қайси Розӣ шеъри болоро мисол оварда, барои иғроқи хориҷ аз ҳадд навиштааст, ки "Ва ин навъ мадеҳ ҷуз паёмбарро нашояд ва берун аз ӯ дар ҳаққи ҳар кас гӯянд таҷовуз бошад аз ҳадди мадҳ"[3].

Аммо Анвариро маҳз аз рӯи мадеҳаҳояш дар радифи яке аз паёмбарони шеър қарор додаанд. Зеро дар мадҳи мамдӯҳ, ҳамчунин шоҳбайтҳое дорад, ки аз лиҳози тахайюл барҷастаанд, чунончи:

**Гар Савр чу Ақраб нашудӣ ноқису бечашм,**
**Дар қабзаи шамшер нишондӣ Дабаронро[4].**

Дар байти иқтибосшуда далериву шуҷоат ва баҳодурии мамдӯҳ васф шудааст, ки шоир аз истилоҳоти нуҷумӣ кор гирифтааст. Бурҷи Савр ва Ақраб аз бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалак ҳастанд ва дар шеъри класикии мо тибқи боварихо ақраб бечашм тасвир шудааст. Дабарон бошад номи ситораест сурх дар бурҷи Савр, ки онро чашми гови фалак низ мегӯянд. Анварӣ мегӯяд, ки Пирӯзшоҳ метавонад бе ягон мамоният ва душворӣ ситораи Дабаронро аз бурҷи Савр бигирад ва дар қабзаи шамшери худ ҳамчун нигин нишонад, аммо ин корро намекунад, зеро Савр ҳам мисли ақраб кӯру нобино мешавад, яъне мамдӯҳ дар баробари далерию шуҷоат боз раҳму инсоф дорад.

Хоқонӣ ҳам дар қасоиди мадҳии худ аз чунин унсурҳои нуҷумӣ зиёд баҳра бурдааст. Масалан, дар байти зер:

**Кирми қаз мирад зи бонги раъду танйини фалак**
**Мирад аз кусаш, ки ово барнахезад беш аз ин[5].**

Дар боварию эътиқодоти мардум омадааст, ки кирми абрешим аз шунидани бонги раъд мемирад. Ин боварии мардумиро истифода карда Хоқонӣ мегӯяд, ки танйин ё аждаҳои фалак (яке аз бистуяк суратҳои фалакии шимолӣ, ки болотар зикр кардем) аз шунидани садои табли мамдӯҳ мисли кирми қаз мемирад. Ва ин яке аз муболиғаҳои ғулувест, ки дар сурудани ин навъ мадеҳа Хоқонӣ аз Анварӣ шояд болотар бошад.

Бештар аз ҳама Хоқонӣ дар ашъораш аз мафҳуму истилоҳоти "Минтақатулбуруҷ" (суратҳои фалакии устувоӣ) баҳра бурдааст. "Минтақатулбуруҷ" камарбанди бузурги фарзӣ аст дар ду тарафи устувои фалак, бар васати курраи осмон. Мунаҷҷимон ин камарбандро ба дувоздаҳ қисмати мутасовӣ тақсим кардаанд ва ҳар якро бурҷ хондаанд. Ситорагони ҳар бурҷе як суратро ташкил медиҳанд ва ҳар бурҷе ба номи он сурат хонда мешавад… ва номи бурҷҳо ба ин шарҳ аст:

---

[1] Девони Анварӣ, ҷилди аввал, муқаддима, саҳ.112
[2] Девони Анварӣ, ҷилди аввал, саҳ. 10
[3] Девони Хоқонӣ, саҳ. 338
[4] Аббоси Моҳёр. Шарҳи мушкилоти Хоқонӣ.Дафтари якум, саҳ.60
[5] Девони Хоқонӣ, саҳ. 725

1. Ҳамал ё барра, гӯсфанд ё гӯсфанди чарх.2. Савр ё гов ё гови осмон. 3.Ҷавзо ё ду пайкари тавъамон.4. Саратон ё харчанг. 5. Асад ё шер ё зайғам. 6.Сунбула ё хӯша. 7. Мизон ё тарозу. 8 Ақраб ё каждум. 9. Қавс ё камон. 10. Ҷаддӣ ё бузғола ё бӯзича ё бӯза. 11. Далв ё сокиби алмоъ. 12. Ҳут ё моҳӣ…”[1].

Дар як рубоӣ Хоқонӣ сайёраҳои ҳафтгонаро бо номҳои дувоздаҳ бурҷ аз рӯи тартиб ғунҷонидааст:

**Эй пеши ту меҳру моҳу тиру баҳром,**
**Барҷису Зуҳал, Зуҳра, Ҳамал, Савр ғулом.**
**Ҷавзо, Саратон, хӯша, камон шерат ром,**
**Мизон, Ақраб, Далв, бӯза, Ҳут ба дом[2].**

Дар ашъори Хоқонӣ ибораҳои гуногуне аз қабили “фалакулбуруҷ”, “фалаки дувоздаҳбурҷ”, “қасри дувоздаҳдарӣ”, “даҳу ду бурҷ”, “ҳамоили фалак” барои ин мавзӯъ матраҳ шудаанд.

Ба шеър ворид намудани истилоҳоти илмию нуҷумӣ, ки ба сабки шеър хусусияти тоза зам менамояд, баъд аз нимаи дуюми асри XI дар ҳар шоир вобаста ба қудрати ҳунарӣ мухсусиятҳои ҷадид касб намудааст. Чунончи, агар истифодаи истилоҳоти нуҷумӣ дар шеъри Абулфараҷи Рунӣ ва Анварӣ бештари маврид ба таври мустақим сурат гирифта бошад, дар шеъри Хоқонӣ ба таври маснӯъ корбаст шудаанд. Ин ҷо барои мисол метавон як тағаззули қасидаи Абулфараҷи Руниро мисол овард:

**Омад аз Ҳут барниҳода сақал,**
**Пешвои ситорагон ба Ҳамал[3].**

Яъне пешвои ситорагон (офтоб) аз бурҷи Ҳут ба бурҷи Ҳамал даромад. Ва дар идомаи шеър фарорасии фасли баҳор, шукуфтани табиат, баробаршавии шабу рӯз, гулпӯш гаштани талу тепаҳо ва амсоли он тасвир шудааст. Дар тағаззули мазкур, тавре ки мушоҳида мешавад, истилоҳоти нуҷумӣ мустақиман истеъмол шуда, таркиби луғавии шеър то як андоза дурушту дағал садо медиҳад. Ҳамин тарзи тасвир дар осори Анварӣ ҳам мушоҳида мешавад, чунончи:

**Ҷирми хуршед чу аз Ҳут дарояд ба Ҳамал,**
**Ашҳаби рӯз кунад адҳами рӯзро арҷал[4].**

Хоқонӣ аз рӯи маҳорат ва сабки ба худ хос истилоҳоти илмиро дар партави тахайюл мечархонад ва санъатҳои гуногун месозад. Чунончи дар пораи шеърии зер:

**Аз Далви Юсуфӣ биҷаҳид офтобу чашм,**
**Бар Ҳути Юнусӣ ба тамошо барафканад.**
